ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ

E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*
www.kgu.tj №13 (295) 17-уми октябри соли 2019, панҷшанбе (оғози нашр: соли 1994)





## СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



***04.10.2019, шаҳри Душанбе***

Ҳамватанони азиз!

Забон неъмати бебаҳои зиндагии аҳли башар мебошад. Инсон фақат тавассути забон метавонад эҳсос ва фикру андешаҳои худро иброз намояд.

Забони миллӣ ойинаи пурҷилои таърих, ҷаҳони маънавӣ ва хираду маърифати ҳар як халқу миллат ба шумор меравад.

Гузашта аз ин, дар фарҳангу тамаддуни халқу миллатҳо, аз ҷумла мо - тоҷикон забони модарӣ зербинои ҳувияти миллӣ ва омили аслии ҳифзи он мебошад.

Забони модарии мо - забони ширину шево ва шоиронаи тоҷикӣ, ки донишу маърифати дар тӯли ҳазорсолаҳо андӯхтаи мардумро дар худ нигоҳ доштааст, гӯётарин далели ҳастӣ ва мақоми ҳаётбахши он дар сарнавишти таърихии миллати мо ба ҳисоб меравад.

Яъне миллати шарафманди тоҷик таъриху фарҳанги камназири худро бо ҳамин забон иншо ва ба ҷаҳониён муаррифӣ кардааст.

Забони тоҷикӣ дар шумули қадимтарин забонҳои Хуросону Мовароуннаҳр меросбари забонҳои бостонии ориёист.

Олимону донишмандони сатҳи ҷаҳонӣ эътироф кардаанд, ки дар таърихи тамаддуни башар тоҷикон ҳамчун халқи ориёинажод яке аз миллатҳои қадимтарин ва забони модарии мо, яъне забони тоҷикӣ аз ҷумлаи забонҳои бостонии сайёра ба ҳисоб меранад ва дар ин хусус ҳазорон таҳқиқоти илмӣ анҷом дода шудаанд.

Решаҳои забони мо ба садсолаҳои пеш аз мелод ва асрҳои аввали солшумории нав, бахусус, ба даврони мавҷудияти забонҳои суғдӣ, бохтарӣ, portӣ ва паҳлавӣ рафта мерасанд.

Солҳои бистуми асри гузашта, яъне дар шароити барои халқи тоҷик ва забони модарии он басо ҳассосу тақдирсоз забони мо расман номи "забони тоҷикӣ" - ро соҳиб шуд ва яке аз далелҳои ҷиддии ташкил ёфтани давлати миллиамон гардид.

Бинобар ин, ба ҳамватанону дӯстдорони забони тоҷикӣ муроҷиат карда, таъкид менамоям, ки барои омӯзишу таҳқиқи таърихи забонамон ҳарчи бештар талош намуда, ҷиҳати омода кардани мутахассисони таърихи забон, бахусус, донандагони забонҳои қадимаамон, ки имрӯз ангуштшумор мебошанд, инчунин, шевашиносону хатшиносон чораҷӯӣ намоянд, то ки дар асоси калимаву ибораҳои зебову шевои бостониамон нуқсу камбудиҳои забони имрӯзаамонро бартараф сохта, онро боз ҳам ғанӣ гардонем.

Имрӯз аҳли олам моро бо номи "тоҷикон", давлатамонро бо номи "Тоҷикистон" ва забонамонро бо номи "забони тоҷикӣ" мешиносанду эътироф мекунанд.

Бо ин забон садҳо ва ҳазорон бузургмардону нобиғагон дурри сухан суфтаанд ва осори безаволу мондагорро баояндагон мерос гузоштаанд.

Ҳикмат ва ахлоқи инсонпарварӣ, ки ҷавҳари осори ниёгони мост, бо забони муқтадиру пурвусъат ва ширину гуворои тоҷикӣ асрҳо боз садо медиҳад ва сарвати фарҳангиву маънавии миллати мо бо ҳамин забон оламро тасхир кардааст.

Осори Рӯдакиву Фирдавсӣ, Атtору Саноӣ, Саъдиву Ҳофиз, Мавлонои Балхиву Мавлоно Ҷомӣ ва садҳо нафари дигар, ки ҳанӯз чандин аср пеш навишта шудаанд, имрӯз барои мардуми мо дастрасу фаҳмо ва азизу гиромӣ мебошад.

Ин осори ҷовидонаро ҳар як фарзанди соҳибмаърифати миллат имрӯз ба осонӣ ва бе луғат мехонаду мефаҳмад.

*Идомааш дар саҳ. 2*

## ТАЪСИСИ "МАРКАЗИ ТАҚВИЯТИ ПЕДАГОГИИ ЭКСТЕНД"




## М. ИБОДОВ: ДАР ИЛМ БОЯД ПРИНСИПИ БЕҒАРАЗӢ РИОЯ КАРДА ШАВАД!




## СИТОИШУ НИЁИШ БОД, БА ҶАШНИ МЕҲРГОН!




## ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ Ё ТАЪЛИМИ ҒОИБОНА?




## МИНБАРИ ДОНИШҶӮ




## МУАЛЛИМРО БА МУЪАЛЛИМ БАРГАРДОНЕД!




## ФУРӮЗОНТАРИН СИТОРАГОНИ ОСМОНИ ФАРҲАНГИ МАШРИҚЗАМИН



# СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА

Масалан, ашъори устод Рӯдакӣ-зодаву парвардаи деҳаи Панҷрӯди шаҳри бостонии Панҷакент ва сардафтари адабиёти тоҷику форсро имрӯз, яъне баъди зиёда аз ҳазор сол ҳар яки мо ба осонӣ мефаҳмем ва аз маъниҳои баланди он лаззат мебарем.

Ин, албатта, мояи ифтихору сарфарозии мо-ворисони ин мероси бузурги маънавӣ мебошад.

Забони тоҷикӣ дар раванди ташаккул ва таҳаввули худ роҳи ниҳоят душвору пурпечутобро тай карда, аз санҷишу имтиҳонҳои сахту сангини таърих гузаштааст ва имрӯз, яъне дар даврони соҳибистиқлолӣ ва бунёди давлати миллӣ низ рисолати худро ба сифати яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ ва омили ҷомеасозу ваҳдатофарин идома дода истодааст.

22-юми июли соли 1989 дар Иҷлосияи даҳуми Шӯрои Олии Тоҷикистон қонуни забон қабул гардида буд.

Вале қисме аз муқаррарот ва меъёрҳои қонуни забоне, ки дар замони сохти гузашта расмият ёфта буд, бо гузашти замон, яъне баъди бист соли амали он наметавонистанд талаботу ниёзҳои рӯзафзуни ҷомеаи кишварро дар даврони соҳибихтиёрӣ ва соҳибистиқлолӣ пурра қонеъ гардонанд.

Аз ин лиҳоз, зарурат пеш омад, ки барои ҳифз ва рушди забони модариамон қонуни нави забон таҳия ва қабул карда шавад.

Бо ин мақсад, 5-уми октябри соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба тасвиб расид ва ин сана расман Рӯзи забони давлатӣ эълон гардида, ба феҳристи ҷашнҳои давлатӣ ва миллӣ ворид карда шуд.

Бинобар ин, мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ ва ҳамаи шумо-ҳозирини муҳтарамро ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ самимона табрик мегӯям.

Дӯстони азиз!

Қонун "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" вазъи ҳуқуқӣ ва доираи истифодаи забонро муайян карда, дурнамои рушди онро дар замони истиқлоли давлатӣ - дар шароити дигаргуниҳои бузурги сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ ба танзим медарорад.

Яъне тавассути ин қонун забони тоҷикӣ ҳамчун забони сиёсату қонунгузорӣ ва коргузориву муошират эътироф гардид.

Бо вуҷуди ин, вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар вазифадоранд, ки иҷрои ҳатмии талаботи қонуни мазкурро дар ҳамаи соҳаҳо таъмин карда, барои риояи меъёрҳои он ва рушди бемайлони ин забони шоирона талош варзанд.

Мо бояд барои устувор гардонидани забони давлатиамон мунтазам саъю талош намоем, ҷиҳати ғаниву рангоранг сохтани фонди луғавии он кӯшиш кунем, мақоми забони давлатиро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат баланд бардорем.

Омӯхтану донистани ин забони ширину шоирона ва ғамхорӣ барои рушд ёфтану фарогир шудани он қарзи ҳар як фарди соҳибмаърифату бонангу номуси миллат ва тамоми соҳибзабонон мебошад.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки бар асари назорати нокифоя аз тарафи мақоми назораткунандаи татбиқи қонун талабот ва муқаррароти он аз ҷониби баъзе вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҳанӯз ҳам пурра амалӣ нагардида, дар ин самт як силсила мушкилоте боқӣ мондаанд, ки бояд ҳал карда шаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки як қатор бандҳои дар "Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2012-2016" пешбинишуда бо сабабҳои номаълум аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор то ҳанӯз амалӣ нашудаанд.

Аз ҷумла, таҳия ва нашри Энсиклопедияи забони тоҷикӣ, ки Вазорати фарҳанг ва Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик масъулони он мебошанд, то ҳол ба сомон нарасидааст.



Ҳамчунин, зарур мешуморам, ки ҷиҳати устувор намудани пояҳои забони давлатӣ аз ҷониби Кумитаи забон ва истилоҳот дар ҳамкорӣ бо Академияи илмҳо ва Вазорати маориф ва илм "Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030" таҳия ва ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод карда шавад.

Дар баробари ин, мо бояд ба таҳия, танзим ва ҳамгунсозии истилоҳот, ки яке аз масъалаҳои муҳим дар роҳи рушди забони давлатӣ ба шумор меравад, эътибори ҷиддӣ диҳем.

Дар замони пешрафти бесобиқаи илму техника таҳияи истилоҳ ё истилоҳсозӣ ба сифати омили тавонбахши забон дар ҷомеаи мо аҳаммияти мубрам пайдо кардааст.

Ба вуҷуд овардани забони илм бе таҳияву танзими истилоҳоти соҳаҳои мухталифи илм ва то ҳадди забони меъёр такмилу сайқал додани он ғайриимкон аст.

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки барои тавсеаи доираи калимасозиҳои мавзӯӣ, аз қабили истилоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра аз имкониятҳои забони модарӣ ҳамаҷониба истифода карда шавад.

Бо мақсади ҳифзи асолати забон ҳангоми истифодаи истилоҳот бояд ҳам зарфияти унсурҳои пойдори забони давлатӣ ва ҳам иқтибосгирии оқилонаву санҷида ба таври мутавозин дар мадди назар бошад.

Мо бояд аз иқтибосҳои бемавқеъ худдорӣ карда, истилоҳоти иқтибосиро ба табиати забон, сохтори сарфию наҳвӣ ва низоми овозии он мутобиқ гардонем.

Ҳарчанд ки бо ҳадафи танзими ин масъала дар назди Кумитаи забон ва истилоҳот Шӯрои ҷумҳуриявии ҳамгунсозии истилоҳот таъсис ёфта, аз ҷониби он як силсила корҳои омӯзишӣ ва тавсиявӣ ба анҷом расонида шудаанд, вале то ҳанӯз як қатор мушкилоти ҷиддӣ боқӣ мондаанд.

Аз ҷумла дар ин самт то андозае бесарусомонӣ ба назар мерасад, яъне дар мавриди ифодаи як мафҳум истилоҳу калимаҳои мухталиф истифода шуда, хонанда ё шунавандаро ба раҳгумӣ мебарад.

Аз ин рӯ, Кумитаи забон ва истилоҳотро зарур аст, ки якҷо бо Академияи илмҳо, вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг доир ба таҳия, қабул ва татбиқи истилоҳоти ягона дар ҳамаи соҳаҳо тадбирҳои иловагӣ андешад.

Дар раванди таҳияи дастурҳои истилоҳсозӣ ба лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ, ки ганҷинаи пурфайзи забони модарӣ ба ҳисоб мераванд, бояд таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шавад.

Дар таркиби шеваҳои мардуми мо ҳазорон калимаҳои асилу ноби тоҷикӣ мавҷуданд, ки бо сабабҳои гуногун аз доираи истеъмол берун мондаанд.

Вазифаи аввалиндараҷаи забоншиносону фолклоршиносон ин аст, ки зимни таҳқиқоту ҷустуҷӯҳои илмӣ чунин калимаҳоро аз дохили шеваҳо дарёфт карда, онҳоро ба доираи муомилоти забони адабии тоҷикӣ ворид намоянд.

Бештари мафҳумҳои наве, ки ба таркиби луғавии забони модарии мо роҳ меёбанд, натиҷаи пешрафту дигаргуниҳои ҷаҳони имрӯза мебошанд.

Ба ибораи дигар, раванди ҷаҳонишавӣ, пешрафти босуръати илму техника, аз ҷумла технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, фаъол гардидани шабакаҳои иҷтимоӣ, инчунин, бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо дар замони муосир ба забони давлатӣ низ таъсир мегузорад ва дар роҳи рушди табиии он монеаҳои сунъӣ эҷод мекунад.

Бинобар ин, зарурат ба миён омадааст, ки милликунонии забони технологияҳои навин дар кишвар дар меҳвари таваҷҷуҳи сохтору мақомоти марбута қарор дошта бошад.

Масалан, таъсири манфии ихтилофи баъзе бандҳои қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, ки муайянкунандаи шакли хаттии забон мебошанд, дар таҳияи барномаи компютерии "Санҷиши дурустнависии калимаҳои тоҷикӣ" ба мушоҳида мерасад ва ин мушкилот то имрӯз ҳаллу фасл нашудааст.

Барои ҳалли ин ва дигар мушкилот бояд сараввал камбудиву духӯрагиҳои ҷиддие, ки дар қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасанд, ислоҳ карда шаванд.

Зеро вазъи номуайяни қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва возеҳ равшан набудани бисёр бандҳои он боиси баҳсу мунозираҳои нолозим шуда, ба сатҳи саводнокии мардум, махсусан, насли наврасу ҷавон таъсири манфӣ расонида истодааст.

Вобаста ба ин, ба Академияи илмҳо, академияҳои соҳавӣ, Кумитаи забон ва истилоҳот, Вазорати маориф ва илм, Иттифоқи нависандагон ва сохторҳои марбутаи Дастгоҳи иҷроияи Президент супориш дода мешавад, ки "Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ" - ро бо дарназардошти ислоҳи камбудиву мушкилоти дар онҳо ҷойдошта то моҳи январи соли 2020 барои тасдиқ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Инчунин, Институти забон ва адабиёти ба номи устод Рӯдакӣ вазифадор карда мешавад, ки бо ҷалби мутахассисони соҳа луғати имлои забони адабии ҳозираи тоҷикро то нимаи дуюми соли 2020 такмил дода, ба чоп пешниҳод созад.

Донишмандони забоншиноси мо дар хотир бояд дошта бошанд, ки қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ танҳо барои олимон нест, балки дастури амалиест, ки ҳадафи он саводнок кардани тамоми мардум буда, бояд ба ҳамаи табақаҳои ҷомеа дастрасу фаҳмо бошад.

Аз ин лиҳоз, мо вазифадорем, ки ин масъалаи барои ҷомеа бисёр муҳимро дар сатҳи мувофиқ ба забони пургановати худ ҳаллу фасл кунем ва ба он нуқта гузорем.

Вобаста ба ин, як масъаларо, ки пештар ба он ишора карда будам, таъкид кардан мехоҳам.

Кайҳо вақти он расидааст, ки "Грамматикаи академии забони тоҷикӣ", ки дар гузашта бо номи "Дастури забон" ё "Дастури ҷомеи забон" китобҳои мўътабаре таълиф шуда буданд, ба вуҷуд оварда шавад.

Грамматикае, ки чил-панҷоҳ сол пеш навишта шуда буд, ҷавобгӯи талаботи илм ва ҷомеаи имрӯзаи мо нест.

Яке аз заминаҳои печидагӣ ва гуногунфаҳмиҳо дар имлои тоҷикӣ низ набудани дастури навини забон ё такя ба грамматикаи куҳна мебошад.

Аз ин лиҳоз, Академияи илмҳоро зарур аст, ки бо дарназардошти ба талаботи замони нав ва воқеияти имрӯза мутобиқ намудани грамматикаи қаблан нашршуда барномаи мушаххас ва дақиқро пешниҳод созад.

Дигар масъалаи муҳим, ки бо технологияҳои навтарин вобаста аст, феҳристбандии электронии тамоми калимаҳои забони тоҷикӣ бар асоси маъхазҳои қадимаву имрӯза ва ба барномаи компютерӣ ворид кардани он ба шумор меравад.

Ба хотири дастрасии ҳарчи бештар ба сарчашмаҳои дасти аввал бояд шакли электронии фарҳангҳои муътамад, аз қабили "Луғати фурс", "Бурҳони қотеъ", "Ғиёс-ул-луғот", "Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ", "Фарҳанги Рашидӣ", "Баҳори Аҷам", "Фарҳанги Онандроҷ", "Фарҳанги забони тоҷикӣ", "Луғатнома"-и Деҳхудо ва дигар фарҳангу истилоҳномаҳои соҳавӣ бо алифбои имрӯзаи тоҷикӣ ба шабакаҳои иттилоърасонӣ ворид карда шавад.

Кумитаи забон ва истилоҳот, Академияи илмҳо, академияҳои соҳавӣ, вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг ва Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик бояд вобаста ба ҳалли ин масъалаҳо тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Ҳозирини арҷманд!

Эҳё кардани номҳои миллии тоҷикӣ, ба танзим даровардани онҳо ва номҳои ҷуғрофӣ яке аз масъалаҳои мубрами сиёсати забонии мо мебошад.

Бо такя ба суннатҳои арзишманди гузаштаи халқамон барои эҳё намудани номҳои қадимаи тоҷикӣ ва истифодаи саҳеҳ аз қолабҳои калимасозии миллӣ бо қарори Ҳукумати мамлакат "Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ" тасдиқ шуда, меъёрҳои интихоби номҳои миллӣ муқаррар карда шуданд.

Ҳадаф аз таҳияи феҳрист эҳё кардани арзишҳои маънавӣ ва мероси бебаҳои таърихи фарҳанги миллӣ, инчунин, номгузории суннатии тоҷикӣ мебошад.

Феҳрист бо таваҷҷуҳ ба арзишҳои миллӣ ва фарҳанги номгузории ниёгони мо таҳия гардида, дар он ҳеҷ маҳдудият вуҷуд надорад.

Аммо дар ин самт аз ҷониби масъулони шаҳраку деҳот ва идораҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ҳанӯз ҳам саҳлангориву бемасъулиятӣ ба чашм мерасад, яъне баъзеи онҳо то ҳол пойбанди равишу усули пешинаи номгузорӣ мебошанд.

Бояд гуфт, ки баъзе падару модарон ба ин масъалаи муҳим беэътиноӣ зоҳир карда, фарзандони худро бо номҳои дорои маънои коста ё номҳое, ки ба анъанаҳои номгузории миллии мо бегонаанд, номгузорӣ мекунанд.

Дар урфият "номи зебо-ними ҳусн" гуфтаанд.

Дар хотир бояд дошт, ки асолати миллӣ доштани номи инсон омили неруманди ташаккули шахсият ва эҳсоси худогоҳиву хештаншиносии ӯ ба шумор меравад.

Хотирнишон месозам, ки бегонапарастӣ дар самти номгузорӣ наслҳои ояндаро аз асолати таърихӣ дур мекунад, худшиносӣ ва ҳувияти миллии онҳоро коҳиш медиҳад, ки ба ин раванд ҳаргиз роҳ додан мумкин нест.

Вазорати адлия ва Кумитаи забон ва истилоҳот вазифадор карда мешаванд, ки якҷо бо сохтору мақомоти дахлдор ин масъаларо ба таври ҷиддӣ таҳти назорат қарор диҳанд ва доир ба ворид намудани тағйиру иловаҳои зарурӣ ба асноди қонунгузорӣ пешниҳоди мушаххас таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат манзур намоянд.

Ҳамчунин, як қатор норасоиву ғалатҳое, ки дар ин феҳрист вуҷуд доранд, ислоҳ мехоҳанд ва зарур аст, ки онҳо дар таҳрири нав бартараф карда шаванд.

Дар баробари ба танзим даровардани номҳои одамон танзими номҳои маҳаллу деҳот ва шаҳру ноҳияҳо низ аз ҷумлаи масоили бағоят ҳассос аст, зеро номҳои ҷуғрофӣ таърихи зиндаи ҳамаи забонҳо, аз ҷумла забони модарии мо мебошанд.

Зарур аст, ки номҳои асили миллии ҷуғрофӣ ҳифз гардида, номи аслии маҳаллу мавзеъҳое, ки бо сабабҳои гуногун тағйир ёфтааст, дубора барқарор карда шавад.

Бо ташаббуси мо дар харитаи сиёсӣ дигарбора арзи ҳастӣ кардани номҳои куҳани Суғд, Хатлон, Бохтар, Рӯдакӣ, Истаравшан, Рашт, Сайҳуну Ҷайҳун ва садҳо номи дигар, ки гузаштаи пурифтихори моро ба имрӯз ва имрӯзро ба фардо пайванд медиҳанд, барои эҳёи ҳофизаи таърихӣ ва тавсеаи доираи худогоҳиву худшиносии миллии мардуми мо нақши муассир гузошт.

Аммо дар ин ҷода корҳои сомоннаёфта хеле зиёданд.

Ҳоло ҳам комиссияҳои номгузории баъзе шаҳру ноҳияҳои кишвар ҳангоми интихоби ном хусусиятҳои таърихиву ҷуғрофӣ ва касбу кори мардуми маҳалҳои аҳолинишин ва деҳоти навбунёдро ба эътибор намегиранд.

Масъалаи дигари ташвишоваре, ки дар номҳои шаҳру ноҳия ва деҳоти кишвар ба чашм мерасад, вобаста ба номи

*Ба сахтрӯии мардум сабур бояд буд,*
*Вагарна дона дар ин осиё набояд рехт.* Соиб



# МУНОСИБАТИ РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

шахсони бузургу муътабар ва арбобони давлатист.

Дар ин маврид низ зарур аст, ки қолабҳои суннатии сохтани номи маҳалҳо риоя карда шаванд.

Кумитаи забон ва истилоҳотро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо дигар сохтору мақомот дар ин замина чораҳои фаврӣ ва ҷиддӣ андешида, бо ҷалби мутахассисони соҳа муродифҳои тоҷикии макону мавзеъҳоеро, ки номи онҳо бояд иваз карда шавад, муайян ва барои тасдиқ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Боиси сарфарозиву ифтихори мо - ворисон аст, ки забони тоҷикӣ то ба имрӯз ба шарофати хизматҳои бузург, заҳматҳои бедареғ ва корнамоиҳои беназири фарзандони фарзонаи халқи тоҷик аз Исмоили Сомониву устод Рӯдакӣ то устод Айниву Бобоҷон Ғафуров ба ҳамон гунаи асилу ноб, бо ганҷинаи ғаниву рангини калимаву истилоҳот ва таъбиру таркиботи зебову дилчасп то ба рӯзгори мо расидааст.

Бо ифтихори тамом метавон гуфт, ки дар амри бақову ҳастии миллат ва забони мо сулолаи некноми Сомониён нақши калидӣ дорад.

Ватанхоҳиву истиқлолталабии Сомониён сабаб гардид, ки забони тоҷикӣ дар рӯзгори давлатдории онҳо қудрату тавоноӣ ва рушду такомули беназиру бесобиқа пайдо кард ва барои поягузори адабиёту фарҳанги оламгир, ки таъсиру нуфуз ва анъанаҳои бузургаш то замони мо идома доранд, заминаи мусоид фароҳам овард.

Дурахши истеъдодҳои нотакрор, ба мисли Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯмансури Дақиқӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абулқосими Унсурӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Умари Хайём, Носири Хусрав, Шайх Саъдӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Мавлоно Ҷомӣ ва дигарон, ки ҳам дар шеъру адаб ва ҳам дар илму фан забони модарии моро барои ифодаи маъниҳои нозуки бадеӣ ва андешаҳои дақиқи илмӣ қудрату тавон бахшидаанд, аз баракати сулолаи Сомониён ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ин, бо ҳидояти амирони фозили сомонӣ таълиф гардидани асарҳои зиёди диниву мазҳабӣ барои ба сифати забони дуюми олами ислом расмият пайдо кардан ва баъдан дар мақоми забони байналмилалӣ эътироф гардидани забони мо замина ва имкони мусоид фароҳам овард.

Забони тоҷикӣ дар таълифоти илмӣ собиқаи беш аз ҳазорсола дорад. Бузургтарин донишмандони мо - Абӯалӣ ибни Сино бо таълифи "Донишномаи Алоӣ" ва Абӯрайҳони Берунӣ бо таълифи "Китоб-ут-тафҳим" ва "Осор-ул-боқия" бунёдгузорони забони илмии тоҷикӣ ба шумор меравад, ки ин анъанаи ватанхоҳона дар асрҳои баъдӣ аз тарафи донишмандони маъруф Насируддини Тӯсӣ, Умари Хайём ва то Аҳмади Дониш идома пайдо кард.

Масъалаи ба пояи забони илми муосир расонидани забони тоҷикӣ аз ҷумлаи муҳимтарин масъалаҳоест, ки ман борҳо гуфтаам.

Дар замони мо тавоноиву қудрати ҳар забон дар баёни матолиби илмӣ ва ифодаи комили мафҳуму истилоҳоти илмҳои гуногун зоҳир мешавад ва бақову идомаи он низ ба доираи истифода ва корбурдаш дар илм вобаста аст.

Моро лозим аст, ки барои ҳамқадами замон шудани забони давлатӣ ва бар пояи забони илм рушд кардани он дастҷамъона кӯшиш намоем.

Бо ташаббуси мо Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият оғоз намуд ва таълифи рисолаҳои илмӣ ба забони тоҷикӣ дар ҳамаи соҳаҳои илм ба роҳ монда шуд.

Донишмандони мо, аз ҷумла унвонҷӯёнро зарур аст, ки рисолаву асарҳои илмии худро ба забони давлатӣ таълиф кунанд.

Фикр мекунам, ки ин иқдоми ватанпарварона дар амри тақвияту тавсеаи имкониятҳои забони тоҷикӣ дар соҳаи илм муассир хоҳад буд.

Ҳамзамон бо ин, барои шахсоне, ки муассисаҳои таълимӣ ва илмиро ба забонҳои русӣ ва англисӣ хатм карда, рисолаҳояшонро ба ин забонҳо омода кардаанд, иҷозат дода мешавад, ки корҳои илмиашонро бо ҳамин забонҳо дифоъ намоянд.

Зеро забонҳои зикршуда забони илму муоширати байналмилалӣ ба шумор рафта, донистани онҳо аҳаммияти бағоят бузург дорад.

Дар ҷаҳони мутамаддин имрӯз шаш забони фаъоли муоширати байналхалқӣ ҳамчун забонҳои расмии Созмони Милали Муттаҳид қабул шудааст, ки мо низ бояд насли ҷавонро барои донистани онҳо раҳнамоӣ созем ва дар созмонҳои бонуфуз бо ин забонҳо аз манфиатҳои милливу давлатии худ дифоъ кунем.

Ҳозирини гиромӣ!

Забони ҳар халқу миллат воқеан ойинаи рӯзгори миллат, расму ойин, суннату анъана ва дониши фарҳанги мардум мебошад.



Ба ин далел забон дар раванди таъсис ва шаклгирии давлати миллӣ ҳамчун унсури аввалин ва рукни бунёдии давлатдорӣ нақши ниҳоят муҳим ва сарнавиштсоз дорад.

Мо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки забони тоҷикӣ дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи халқамон омили муҳимтарини муттаҳидкунандаи миллат буд.

Ва мо ифтихор дорем, ки забони нобиу модарии мо ин рисолати таърихӣ ва нақши тақдирсози худро дар замони соҳибистиқлоливу соҳибихтиёрӣ низ иҷро карда истодааст.

Дар шароити пуртазоду печидаи ҷаҳони имрӯза офтоби бахти миллате тобон аст, ки истиқлоли комил дорад, сарнавишти давлат ва тақдири худро бо дасти худ менависаду месозад.

Шукрона бояд кард, ки чунин бахту иқболи баланд баъди ҳазор сол ба мо - тоҷикон бори дигар насиб гардид ва аз файзу баракати он давлати мо сиёсати худро дар қатори дигар кишварҳои олам мустақилона амалӣ карда истодааст.

Маҳз истиқлоли давлатӣ барои дурахши дигарбораи яке аз муқаддасоти миллии мо - забони тоҷикӣ ва рушду такомули он заминаи мусоид ва имкониятҳои фаровон муҳайё намуд.

Забони тоҷикӣ, дар навбати худ, ба сифати рукни муҳимми давлатдории миллӣ ваҳдату сарҷамъии миллати моро дар саросари кишвар таъмин сохт.

Имрӯз ҳам ин забон илҳомбахши фаъолияти ҳаррӯзаи мо буда, бунёдкориву созандагиҳои мардумамон дар ин забон таҷассум меёбанд ва ба оламиён муаррифӣ мешаванд.

Ман ҳамеша таъкид мекунам, ки дар замони имрӯза ҳар як шахси бомаърифат, махсусан, ҷавонон баробари дар сатҳи аъло донистани забони модарии худ се-чор забони хориҷӣ, аз ҷумла забонҳои русӣ ва англисиро бояд омӯзанд, ки ин талаботи ҷаҳони муосир аст.

Дар баробари ин, мо дар сиёсати хориҷии худ сиёсати "дарҳои кушода"-ро пеш гирифтаем ва бо 160 давлати ҷаҳон робитаҳои дипломатӣ дорем. Ин воқеият низ моро вазифадор менамояд, ки миёни насли ояндадамон забондониро тарғиб намоем.

Ин масъала аз тарафи ниёгони мо басо нишонрас маънидод шудааст:

***Агар сесад забон донӣ, фузун нест,***
***Туро рӯзе ба кор ояд, забун нест.***

Боиси қаноатмандист, ки сафи ҷавонони омӯзанда ва донандаи забонҳои хориҷӣ солҳои охир хеле зиёд шудааст.

Бисёр муҳим аст, ки омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар заминаи қонуну қоида ва меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ сурат гирад, яъне аввал забони модарии худро ба дараҷаи олӣ бояд донист ва сипас дар қиёс бо дастурҳои он ба фарогирии забонҳои хориҷӣ иқдом намуд.

Бузургони гузаштаи мо дар ин маврид низ бисёр дуруст гуфтаанд:

Ҳар к-ӯ ба забони худ сухандон гардад,
Донистани сад забон-ш осон гардад.

Аз худ намудани забонҳои хориҷӣ ва дар баробари ин, беэътиноӣ зоҳир кардан ба омӯзиши забони модарии худ нишонаи бефарҳангӣ ва беэҳтиромӣ нисбат ба миллату Ватан, модар ва таъриху фарҳанги хеш аст ва пеш аз ҳама, падару модарон масъуланд, ки ба чунин амали норавo роҳ надиҳанд.

Мо бояд кӯшиш кунем, ки фарзандонамон нахуст забони модариро аз худ кунанд, ба он эҳтирому арҷ гузоранд ва сипас ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ оғоз намоянд.

Дар сатҳи олӣ донистани забони давлатӣ ва поку беолоиш нигоҳ доштани он, хусусан, забони муошират яке аз муҳимтарин вазифаҳои мо мебошад.

Мутаассифона, ғалатгӯиву ғалатнависӣ ва омехтасозии забони шевои тоҷикӣ, бахусус, забони гуфтор то ҳанӯз аз байн нарафтааст ва ин боиси нигаронист.

Махсусан, солҳои охир фарҳанги муоширати қисме аз наврасону ҷавонон коҳиш ёфта, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла боғу гулгаштҳо, нақлиёти мусофиркаш ва қасру толорҳои фарҳангӣ алфози қабеҳу дағал ба гӯш мерасад, ки ин амали норавo аз доираи фарҳанг ва расму ойини мо берун мебошад.

Мо бояд дар байни наврасону ҷавонон корҳои тарбиявию маърифатиро мунтазам ва ҳарчи бештар ба роҳ монем ва нагузорем, ки маданияти баланду одоби тоҷикӣ, яъне мероси аҷдоди бузургамон коста гардад.

Вобаста ба ин, вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, корҳои дохилӣ, кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, телевизион ва радио, дигар мақомоти давлатии марказиву маҳаллӣ, инчунин, падару модарони мӯҳтарам вазифадоранд, ки ба хотири ҳарчи бештар густариш пайдо кардани одобу ахлоқи ҳамида ва риояи фарҳангу анъанаҳои неки миллӣ дар байни наврасону ҷавонон корҳои тарбиявию ташвиқотиро пурзӯр намоянд.

Мутаассифона, имрӯз сатҳи сухандонӣ, шеърдонӣ ва китобхонии наврасону ҷавонон низ ташвишовар мебошад.

Мо ҳангоми сафарҳо ва мулоқот бо наврасону ҷавонон эҳсос мекунем, ки онҳо кам мутолиа мекунанд, асарҳои бадеиро бо завқ намехонанд, аз осори гузаштагону муосирон, санаҳои таърихиву фарҳангӣ хуб огоҳ нестанд ва ба омӯзиши илмҳои табиатшиносиву дақиқ беэътиноӣ зоҳир менамоянд.

Аз ин рӯ, ба Вазорати маориф ва илм, дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, супориш дода мешавад, ки дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, сарфи назар аз шакли моликият, ҳангоми таътилҳои чорякӣ ва тобистонаву зимистона омӯзишу мутолиаи асарҳои илмиву адабиро ба роҳ монанд ва бо мақсади қавӣ гардонидани ҳофизаи хонандагону донишҷӯён барои азхудкунии порчаҳои назмиву насрӣ ба қоидаву асосҳои фанҳои риёзиву табиӣ меъёру талаботи зарурирo муқаррар намоянд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бояд якҷо бо ассоциатсияҳои падару модарон назоратро дар муассисаҳои таълимӣ пурзӯр карда, ҷиҳати ҳавасманд гардонидани омӯзгорону шогирдони фаъол чораҷӯӣ намоянд.

Мо бояд дар раванди тарбияи насли наврас, ки тақдири ояндаи забон дар дасти онҳост, аз оғози ба сухангӯӣ даромадани онҳо дар зеҳну забонашон калимаву ибораҳои зебои тоҷикиро ҷой диҳем.

Бояд гуфт, ки дар равону шево гардидани забони тоҷикӣ, баланд бардоштани сатҳу завқи забондонии мардум ва пешгирӣ кардани ғалатгӯиву ғалатнависӣ нақши воситаҳои ахбори умум бисёр муҳим аст.

Оид ба ин масъала ман соли ҷорӣ зимни мулоқот бо доираи васеи намояндагони воситаҳои ахбори оммаи давлатӣ ибрози андеша карда будам.

Хотирнишон месозам, ки дар маводи чопии баъзе рӯзномаву маҷаллаҳо қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳоло ҳам риоя намешаванд.

Чунин ҳолат дар барномаҳои телевизиону радио низ зиёд ба назар мерасанд, ки ҷиҳати ислоҳи он бояд тамоми масъулону кормандони шабакаҳои телевизиону радио талош намоянд.

Дар ҳоле ки рӯзномаву маҷаллаҳо ва телевизиону радио дар тарғиби забони нобиu тоҷикӣ ва вусъати доираи истифодаи он саҳми арзишманд дошта метавонанд, дар аксар маврид ба одитарин тобишҳои забони давлатӣ эътибор намедиҳанд.

Набояд фаромӯш кард, ки телевизиону радиои моро на танҳо дар ҳудуди кишвар, балки берун аз он низ тамошо ва гӯш мекунанд.

Забони тоҷикӣ имрӯз дар мақоми расмиву давлатии худ на фақат дар коргузорӣ ва муошироти дохилӣ, балки дар робитаҳои хориҷиву байналмилалии мо низ васеъ истифода мегардад.

Ҳамзамон бо ин, бояд гуфт, ки таҷрибаи даҳ соли сипаришуда дар татбиқи амалии Қонун "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" нишон дод, ки бо дарназардошти рушди муназзами кишвар зарурати ворид кардани тағйиру иловаҳо ба он пеш омадааст.

Ҷараёни амалисозии қонун ошкор намуд, ки дар бисёр моддаҳои он камбудиҳо ҷой дошта, масъалаҳои зиёде дар самтҳои гуногуни иҷтимоиву сиёсӣ, фарҳангиву илмӣ ва дигар равандҳо аз назарҳо дур мондаанд ё номукаммал дарҷ шудаанд, ки бояд мавриди баррасӣ ва ҳаллу фасл қарор дода шаванд.

Ҳамватанони азиз!

Забони давлатӣ аз рукнҳои асосии давлатдории миллист, ки дар пойдорӣ ва суботи давлати миллӣ мақому нақши муҳим дорад ва аз ҳамин хотир аст, ки мо дар Тоҷикистон забони миллатро ҳастии миллат ва бунёду пояи давлат эълон кардаем.

Ин забони қадиму асил сарвати бебаҳо ва аз ҷумлаи муқаддасоти миллии мост.

Мо соҳибзабонон дар назди наслҳои фардо барои ҳифзи асолату покизагӣ ва шириниву шевоии он масъулият дорем ва онро бояд ҳамчун арзиши бебаҳои миллӣ посдориву нигаҳбонӣ кунем ва барои рушду тақвияти минбаъдаи он аз ҳамаи имконоти мавҷуда босамар истифода барем.

Қарзи фарзандӣ ва рисолати инсонии мост, ки забони модариамон, яъне ин забони ширину шоиронаро баробари модари худ азиз шуморем, дӯст дорем, онро мисли модар, ки моро ба дунё оварда, меҳри забонро бо шири поку ҷонбахш ва муҳаббати онро бо аллаи гӯшнавозаш дар ҷисму ҷони мо ҷой кардааст, эҳтиёт кунем ва мисли гаронбаҳотарин сарвати умрамон ҳамеша гиромӣ дорем.

Бо ифтихору садоқат ба забони модарӣ, бори дигар мардуми шарифи Тоҷикистонро ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар як фарди Ватан дар ҷодаи хизмат ба хотири ҳифз ва рушди забони давлатӣ барору комёбиҳо орзумандам.

Хонаободу сарбаланд бошед, ҳамватанони азиз!

*Нест як шамъ ба ин базм ба саргармии ман,*
*Сӯхт ҳар кас, ки мани сӯхтаро ном гирифт.* Соиб

Анвори дониш
№13 (295), ПАНҶШАНБЕ, 17.10.2019

# СИТОИШУ НИЁИШ БОД, БА ҶАШНИ МЕҲРГОН!



*Зафар МИРЗОЁН,*
***ховаршинос, профессори фахрии донишгоҳ, мушовири ректор оид ба иртибот бо ҷомеа***

Дар солшумории яздигурдӣ, ё авастоӣ ҳар моҳ аз си рӯз иборат буда, ҳар як рӯз чун ҳар моҳ дорои номи вижа мебошад. Яъне ҳар рӯзи ин си рӯз ба худ номи мушаххас дорад ва рӯзҳо ба амшосипандону эзадон (фариштагон) бахшида шудаанд. Рӯзҳои ҳамноми моҳҳо бо шукӯҳи вижа ҷашн гирифта мешуданд. Ба монанди рӯзи фарвардин дар моҳи фарвардин - оғози баҳор, (ҷашни Фарвардагон - Наврӯз), рӯзи тир дар моҳи тир - оғози тобистон, (ҷашни Тиргон), рӯзи меҳр дар моҳи меҳр - оғози пойиз (тирамоҳ), (ҷашни Меҳргон) ва монанди он. Барои равшан шудани вижагиҳои моҳҳо ва рӯзҳои гоҳшумории яздигурдӣ ин мисраъҳоро аз осори гаронбаҳои Масъуди Саъди Салмон меоварем:

***Рӯзи меҳру моҳи меҳру***
***ҷашни фаррух Меҳргон.***
***Меҳр бифзо эй, нигори***
***моҳчеҳри меҳрубон,***
***Меҳрубонӣ кун ба ҷашни***
***Меҳргону рӯзи меҳр.***
***Меҳрубонӣ кун ба рӯзи***
***меҳру ҷашни Меҳргон,***
***Ҷомро чун лола гардон***
***аз набиди бодаранг,***
***В - андар он мангар, ки лола***
***нест андар бӯстон.***

Ҷашнҳои дигари сол иборат буданд аз Урдабиҳиштгон, Хурдодгон, Умрдодгон, Шаҳриваргон, Обонгон, Озаргон, Хуррамрӯз, Баҳмангон, Исфандгон.

Аз ин ки сарнавишти иронитаборон ҳамвора ба заминдориву ободсозӣ пайваст буд ва ин мардум ғолибан шаҳрнишиниву деҳнишинӣ ихтиёр доштанд, гоҳшумориашон низ ба шумули номи моҳҳо, ба киштварзӣ иртиботи ногусастанӣ доранд. Ҷашнҳои бузургтарини бостонии иронитаборон дар баробари ситоиши офариниши офтоб, замин, об, оташ, одам, дарахт ҳар кадом ба тағйири боду ҳаво, киштукори зироат иртибот доранд. Бузургтарини ин ҷашнҳо Наврӯз, Меҳргон ва Сада мебошанд, ки ба фаслҳои баҳор, тирамоҳ, (хазон - пойиз), зимистон бахшида шудаанд. Дар бостон фазилати ҷашни Меҳргонро аз Наврӯз боло медонистаанд ва ончуноне аз сангнавиштаҳои Дориюши Бузург дар Бесутун бармеояд, соли нави ирониаслон дар ибтидо айёми хазон баргузор шуда, ҷашни Меҳргон низ аз ҳамон замон баргирифта шудааст.

Дар авохири фармонравоии Дориюши Бузург, соли навро ба рӯзи нахустини фарвардин, Наврӯз гузарониданд. Ҳамин аст ки ин ду ҷашн ба худ ҳамсониҳое доранд.

Дар мавриди пайдоиши вожаи "меҳр" ва ҷашни Меҳргон сухан бисёр аст, ки дар ин фурсат таваҷҷуҳи хонандагонро танҳо ба маънии ин вожа ҷалб мекунем. Вожаи "меҳр" ба фурӯғ, рӯшноӣ, паймон, дӯстӣ, пайванду муҳаббат ишора дошта, зидди дурӯғу дурӯғгӯйӣ, паймоншиканӣ аст. Ва МЕҲРГОН номи дигари Офтоб аст, ки воқеан офтоб чун меҳр рӯшноиву гармӣ мебахшояд ва гармии аз дӯстиву ҳампаймонии одамон пайдо гашта, ба замину инсонҳо хуррамиву шугуфоӣ арзонӣ медорад.

Меҳргон ба устураи Митра, яке аз худоёни пеш аз зартуштӣ, замони бовариҳои хуршедпарастии иронитаборон (митроизм) ишора дорад. (Гузаштагони дури мо то замони зуҳури Зартушт, бар он боварӣ буданд, ки худоён якчанданд.

Ба монанди худои Митра (Mitra) - эзади паймон, дӯстӣ, пайвастагӣ, осудагӣ, худои Индра (Indra) - эзади ҷанговар, худои Аноҳито - эзадбонуи об, ноолудагӣ ва борварӣ, худои Ваҳрон (Wahr?n) - эзади пирӯзӣ, худои Атар, ё Агни, (?tar) - эзади озар, оташ), худои Тиштар (Tishtar - Tishtrya) - эзади нигаҳбони борон.

Зартушт чун паямбар хонда шуд, худоро ягонаву беҳамто, бо номи Аҳурамаздо эълом дошт, вале худоёни митроизмро пурра инкор накарда, онҳоро ҳамчун эзадон, яъне фариштагони бузург донист. Бад - ин тартиб паямбар Зартушт ба бори нахуст дар ҷаҳон тавҳид, яъне ягонагии худоро эълом доштааст

Рӯйи сангнавиштаи дар боло ёд шуда бо хати меҳӣ ҷашни Меҳргон ба гунаи "Митрагана, - Митрогоно боғйодӣ / бағёдӣ", (b?gay?d), ба маънии "ёди худо", ё "Меҳргони худодод" омадааст. ("бағa", яъне худо, аз ҷумла дар забонҳои славянӣ вожаи "бог", реша дар он дорад.)

Пизишки шоҳи ҳахоманишӣ Ардашери дуввум, ки аслан юнонӣ буд, ҷашнгирии ирониёнро мулоҳиза намуда, нақл кардааст, ки ирониён дар ин ҷашн ҷомаҳои арғувониранг пӯшида, ҳамроҳ бо дастаҳои хунёгарон ба рақсҳои дастаҷамъӣ мепардозанд.

Пажӯҳишгарони торихи гоҳшиносӣ чунин истидлол мекунанд, ки бахшҳои маросимие, ки дар Наврӯз ба кишоварзон иртибот доранд, баргирифта аз соли нави бостонии тирамоҳӣ, аз Меҳргон мебошанд.

Агар Наврӯз дар баробарии (эътидоли) баҳории шабу рӯз (12 соат шаб ва 12 соат рӯз), ҷашн гирифта шавад, гиромидошти Меҳргон дар баробарии тирамоҳии сол сурат мегирад. Ин ҳамсонии ду ҷашни бузургу муқаддасро Носири Хусрави Қубодиёнӣ чунин ёдовар шудааст:

***Наврӯз беҳ аз Меҳргон гарчи,***
***Ҳар ду замонанд эътидолӣ.***

Шоистаи ёдоварист, ки тоҷикторони бостон ба ҷуз гоҳшумории яздигурдӣ, аз тақвими ҷалолӣ кор мегирифтанд ва ҳоло низ гоҳшумории ҷалолӣ дар кишвари имрӯзии Афғонистон ривоҷ расмӣ дорад. (Осмон ба 12 бурҷ тақсим шуда, бо расидани офтоб ба яке аз ин бурҷҳо, моҳи дигар мерасад. Аз рӯйи ин тақвим баробарии шабу рӯз дар сол ду бор сурат мегирад; баробарии баҳорӣ дар бурҷи Ҳамал - Барра ва баробарии тирамоҳӣ дар бурҷи Мизон - Тарозу. Ҳамин аст, ки дар тақвими мардумии тоҷикони кӯҳнишин расидани офтобро ба бурҷи ҳамал, яъне 16 -21 март, ки баробарии баҳории шабу рӯз аст, "Офтобдархона" ва расидани офтобро ба бурҷи мизон, яъне 16 - 21 октябр, ки баробарии тирамоҳии шабу рӯз аст, "Офтобдартарозу" номидаанд. )

Дар сангнабиштаи кӯҳи Бесутун оварданд, ки Дориюши Бузург моҳи меҳр дар ҷанг бо Гавматаи Муғ пирӯз шудааст ва аз он сол иронитаборон ин рӯзро ҷашн мегирифтаанд ва дар ин бора торихнигори шинохтаи бостон, Ҳеродот низ ёдкарде дорад, ки "ирониён ин ҷашнро "муғкушӣ" номидаанд. Аслан вожаи "муғкушӣ" ишора ба қурбонӣ кардани гови нарро дорад.

Бархе аз торихнигорон бар онанд, ки Ҳаким Фирдавсӣ ва Асадии Тусӣ дар намоди пирӯзии Коваи Оҳангар бар Заҳҳоки ситамгари вайронкунандаи ниёишгоҳҳо ва бар тахт нишастани Фаридуншоҳ пирӯзии Дориюши Бузург бар Гавматаи Муғро дар нигар доштаанд. Ҳаким Фирдавсӣ дар "Шоҳнома", ба пайдоиши ҷашни Меҳргон дар замони шоҳаншаҳии Фаридун чунин ишораҳо дорад:

***Фаридун чу шуд бар ҷаҳон комгор,***
***Надонист ҷуз хештан шаҳриёр.***
***Ба расми каён тоҷу тахти меҳӣ,***
***Биёрост ба кохи шоҳаншаҳӣ.***
***Ба рӯзи хуҷаста сари меҳрмоҳ,***
***Ба сар барниҳод он каёнӣ кулоҳ.***
***Замона беандӯҳ гашт аз бадӣ,***
***Гирифтанд ҳар кас раҳи бихрадӣ.***

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар рӯзи ҷашни Меҳргон дар ситоиши шоҳ чунин сатрҳоро сурудааст:

***Малико, ҷашни Меҳргон омад,***
***Ҷашни шоҳону хусравон омад.***
***Ту ҷавонмарду давлати ту ҷавон,***
***Май бар бахти ту ҷавон омад.***

Аз шоирону донишмандони гузаштаи форс - тоҷик, ҷуз Рӯдакиву Фирдавсӣ ва Асадии Тӯсӣ ҳамчунон Абӯрайҳони Берунӣ, Саъолабӣ, Ҷаҳонгирӣ, Ҷоҳиз, Унсурӣ, Фаррухии Сиистонӣ, Манучеҳрии Домғонӣ, Масъуди Саъди Салмон ёдкардҳо ба ёдгор дорем.

Садриддин Айнӣ низ дар китоби "Ёддоштҳо" ёдовар шудааст, ки дар Бухоро дар моҳи мизон Меҳргонро ҷашн мегиранд.

Ҷашни Меҳргон чун Наврӯз дар миёни лаҳнҳои мусиқии суннатии мо - "Дувоздаҳмақом" ном бурда шудааст. Дар китоби Абӯ Насри Форобӣ ба унвони "Мусиқии кабир", лаҳни "Меҳргон" ҳамчун мақоми ёздаҳум ёд шудааст. Низомии Ганҷавӣ



дар достони "Хусрав ва Ширин", бо ёдоварӣ аз си лаҳни Борбад, лаҳни бистуякумро "Меҳргонӣ" донистааст. Ин ҳама гувоҳ бар он аст, ки оҳангофарони барҷастаи бостон ба ин ду ҷашни бузург мусиқиҳои вижа бахшида, ба ҳангоми гиромидошти ин ойинҳо, хунёгарон мусиқии маросимӣ менавохтаанд.

Аммо дар миёни мардуми оддӣ, гарчи номи аслии "меҳргон" аз ёд рафта бошад ҳам, як идда аз вижагиҳои он вобаста ба кишоварзӣ ва хонадӯстиву деҳхудоӣ, нигаҳ дошта шудаанд. Деҳнишинон меваҳоро, ба монанди ангӯру анҷиру анор, себу биҳӣ, ноку нашпотӣ, пиставу чормағз ва дигар рӯёндаҳои хешро бардошта, барои зимистон захира мекунанд, пиставу чормағз ва меваҳои хушкро ба ҳамел мекашанд. Ёдам ояд, ки соҳибони чорпо, ба вижа онҳое ки гови нареро парваронда буданд, дар оғози тирамоҳ барои хайр ва захираи гӯшт (қайла), ҳалол мекарданд. Бад - он гуна ки дар боло ёд шуд, ин куниши тоҷикон реша дар маросими куҳани "муғкушӣ" дорад. Дар ин рӯзҳо бозори молу ғалладона ниҳоят гардон ва аз ҳосили боғу киштаҳо фаровон буд. Дар миёни пирсолони мардуми Бадахшон ва Ванҷу Вахиё таркиби "наврӯзи тирамоҳ" ҳанӯз ривоҷ дорад.

Гузаштагони мо дар ҷашни Меҳргон чун ба Наврӯз хони тирамоҳӣ барафрохта, онро ғолибан аз меваҳои ранги сурх дошта меоростанд. Меваҳои тоза ба сони себ, биҳӣ, анор, турунҷ, анҷир, санҷид, хурмо, ноку муруд, меваҳои мағздор ба монанди писта, чормағз, бодом, фундуқ. Нонҳову хӯрданиҳои меҳргонӣ аз ҳафт навъи ғаллаҳое ба монанди гандум, биринҷ, нахуд, наск, ҷав, мош, арзан ва шарбатҳо аз шакар, ширинӣ, асал, гулоб, таҳия мегашт. Хони меҳргонӣ бо ҷоми оташ (миҷмар), хушбӯйиҳои суда, обӣ ва дудӣ, чун испанд, мушки суда, мушки обӣ, заъфарон, уд, анбар, абир, гулоб озин мешуд. Дар миёни хони меҳргонӣ, ки аз матоъи арғувониранг таҳия шуда буд, "гули ҳамеша шукуфон" ниҳода, гирдогирди онро бо гулҳои тирамоҳӣ меоростанд. (Ба мо маълум нест, ки "гули ҳамеша шукуфон" чи навъ гул аст, аммо тахмин меравад, ки он гули довудӣ - хризантема бошад. Гули довудӣ дар миёни бархе мардумон, аз ҷумла барои ҷопониҳо яке аз гулҳои вижа ба шумор рафта, ҳар тирамоҳ дар он кишвар сайру гаште бо номи "сайри гули хризантема" доир мегардад.)

Аммо дар миёни мардуми оддӣ, гарчи номи аслии "меҳргон" аз ёд рафта бошад ҳам, як идда аз вижагиҳои он вобаста ба кишоварзӣ ва хонадӯстиву деҳхудоӣ, нигаҳ дошта шудаанд. Деҳнишинон меваҳоро, ба монанди ангӯру анҷиру анор, себу биҳӣ, ноку нашпотӣ, пиставу чормағз ва дигар рӯёндаҳои хешро бардошта, барои зимистон захира мекунанд, пиставу чормағз ва меваҳои хушкро ба ҳамел мекашанд. Ёдам ояд, ки соҳибони чорпо, ба вижа онҳое ки гови нареро парваронда буданд, дар оғози тирамоҳ барои хайр ва захираи гӯшт (қайла), ҳалол мекарданд. Бад - он гуна ки дар боло ёд шуд, ин куниши тоҷикон реша дар маросими куҳани "муғкушӣ" дорад. Дар ин рӯзҳо бозори молу ғалладона ниҳоят гардон ва аз ҳосили боғу киштаҳо фаровон буд. Дар миёни пирсолони мардуми Бадахшон ва Ванҷу Вахиё таркиби "наврӯзи тирамоҳ" ҳанӯз ривоҷ дорад.

Гузаштагони мо дар ҷашни Меҳргон чун ба Наврӯз хони тирамоҳӣ барафрохта, онро ғолибан аз меваҳои ранги сурх дошта меоростанд. Меваҳои тоза ба сони себ, биҳӣ, анор, турунҷ, анҷир, санҷид, хурмо, ноку муруд, меваҳои мағздор ба монанди писта, чормағз, бодом, фундуқ. Нонҳову хӯрданиҳои меҳргонӣ аз ҳафт навъи ғаллаҳое ба монанди гандум, биринҷ, нахуд, наск, ҷав, мош, арзан ва шарбатҳо аз шакар, ширинӣ, асал, гулоб, таҳия мегашт. Хони меҳргонӣ бо ҷоми оташ (миҷмар), хушбӯйиҳои суда, обӣ ва дудӣ, чун испанд, мушки суда, мушки обӣ, заъфарон, уд, анбар, абир, гулоб озин мешуд. Дар миёни хони меҳргонӣ, ки аз матоъи арғувониранг таҳия шуда буд, "гули ҳамеша шукуфон" ниҳода, гирдогирди онро бо гулҳои тирамоҳӣ меоростанд. (Ба мо маълум нест, ки "гули ҳамеша шукуфон" чи навъ гул аст, аммо тахмин меравад, ки он гули довудӣ - хризантема бошад. Гули довудӣ дар миёни бархе мардумон, аз ҷумла барои ҷопониҳо яке аз гулҳои вижа ба шумор рафта, ҳар тирамоҳ дар он кишвар сайру гаште бо номи "сайри гули хризантема" доир мегардад.)

Гуфтани ин нуктаро низ зарур донистем, ки бузургони ирониасли дини ислом аз фазли ду ҷашни миллӣ - Наврӯз ва Меҳргон бо меҳр сухан гуфтаанд. Аз ҷумла Салмони Форс гуфтааст: "Мо дар аҳди Зартуштӣ будан мегуфтем, худованд барои зиннати бандагони худ ёқутро дар Наврӯз ва забарҷадро дар Меҳргон овард. Ва фазли ин ду бар айём монанди фазли ёқуту забарҷад аст бар ҷавоҳири дигар."

Ин нукта низ қобили таваҷҷӯҳ аст, ки дар кишвари мо бо вуҷуди расмиву давлатӣ донистани ҷашни Меҳргон ва дар пиромуни посдошти оинҳои ориёиён, тавсияҳои неки Президент Эмомалӣ Раҳмон, ҳанӯз Меҳргон ба таври боиставу шоиста ҷашн гирифта намешавад. Масалан мешавад чун намоишҳои "асал", "харбуза" ва соири сайру гаштҳои вобаста ба ҷамъоварии ҳосили кишоварзонро дар рӯзи ҷашни Меҳргон ба намоиш гузошта, фурӯши тухми зироати ислоҳшудаву арзоншударо ба роҳ монд ва аз болоравии арзиши маснуъии сӯзишвории нафтӣ, дар фасли кишти зироат ҷилавгирӣ намуда, кишоварзони комёбро ситоиш ба худовандеро, ки ин сарзамини офтобиву обшорро ба мо арзонӣ доштааст, ниёиш кард.

Ва дар поён меҳоҳам ҳамвандони гиромиро дар ин рӯзи хуҷаста бо ёдкарди байти Унсурӣ шодбош гуфта, ба сарзамини меҳрбору меҳрофарини тоҷикон хушнудиву фаровонӣ, оромиву беҳрӯзгорӣ орзу намоям:

***Некрӯзу некҷашну***
***неквақту некфол,***
***Меҳргон омад гирифта***
***фолаш аз некӣ мисол.***

Дуруду ситоишу ниёиш бод, ба меҳр ва меҳргоноварон!

# ТОҶИК. МАВҚЕИ ИН ВОЖА ДАР АШЪОРИ МАВЛОНО ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ



*Зиёӣ Хуршед МАХШУЛЗОДА, доктори илми фалсафа, профессор, директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ*

Осори шоир, мутафаккири сӯфимашраб ва донишманди бузурги тоҷик Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (1207-1273) аз ҷумлаи он падидаҳои фарҳангист, ки дар баробари ворид будан ба ганҷинаи мероси гаронбаҳои хаттии инсоният ва дар миёни мардуми гуногунандешаю мухталифмазҳаби олам шуҳрат доштани худ дар гузаштаю имрӯз, инчунин, метавонад барои ҳалли масъалаҳои гуногуни адабию фарҳангӣ ва иҷтимоию таърихии миллати куҳанбунёди мо хидмат намояд. Аз ҷумла, таълифоти ин шахсияти маъруф дар қатори асарҳои Саъдии Шерозӣ (1181 ё 1205-1292) аз ҷумлаи он маъхазҳои муътамаде мебошад, ки барои дарки маънии вожа ва мафҳуми "тоҷик" бо решаҳои таърихии он мусоидат менамоянд.

Дар ибтидо бояд зикр намуд, ки худи вожа ё мафҳуми "тоҷик", ба эътиқоди баъзе муҳаққиқон, ҳанӯз аз асри якуми милодӣ бо шаклу талаффузҳои гуногун маълум будааст. Ба ақидаи ҳафриётгар ва ховаршиноси шӯравӣ А.Н. Бернштам (1910-1956) бошад, ин вожа дар маъхазҳои хаттӣ дар даврони то истилои арабҳо, ё худ дар охири асри VII дар манбаъҳои чинӣ зикр гардидааст. Вале интишори ҳамаҷониба ва истифодаи гусастаи вожаи тоҷик, аз назари муаррихи тоҷик, академик Н. Неъматов (1927-2011), бо ташаккули худи халқ, яъне ибтидо аз асрхои IX - X оғоз мешавад.

Дар асри XIII низ мафҳуми тоҷик интишори фарох дошта, дар ашъори Саъдӣ ва Мавлоно бо мундариҷаи васеи худ истифода гардидааст. Аз ҷумла, Саъдӣ ин вожаро ба маънии халқи мушаххас дар қатори се қавми дигар, ки дар он даврон дар мамлакатҳои мусулмонӣ ва ҳамсоягии онҳо маскун буданд, ба кор бурда, гуфтааст:

***Араб дидаву турку***
***тоҷику Рум,***
***Зи ҳар ҷинс дар***
***нафси покаш улум.***

Чунонки мебинем, дар ин байти Саъдӣ вожаи тоҷик ҳаммаънои мардуми ориёинажоди Шарқи мусулмонӣ аст, ё ба мафҳумҳои муосир дар шакли тоҷик, форс ё эронинажод рост меояд.

Мавлоно низ калимаи тоҷикро ба маънии миллати тоҷикзабон (ё форсизабон, ё даризабон), вале васеътар аз диди Шайх Саъдӣ, яъне дар тафовут аз қавмҳои арабзабон, курдзабон, туркзабон, румизабон ва мардуми зангӣ истифода кардааст. Ду байти зерин аз девони Мавлоно собитгари ин маънианд:

***Курду турку***
***зангу тоҷику араб***
***Фаҳм карда он***
***садо бе гӯшу лаб.***
* * *
***Турк кӣ, тоҷик кӣ,***
***зангӣ кӣ, румӣ кӣ?***
***Моликулмулке ки донад***
***мӯ ба мӯ сирру алан.***

Агар аз нигоҳи имрӯз баррасӣ намоем, маълум мегардад, ки Саъдӣ ва Мавлоно вожаи тоҷикро дар нисбати тамоми мардуми ориёии минтақаҳои муосири Осиёи Миёна, Афғонистон ва Эрон ба кор бурдаанд. Зимни ин ҳар ду мутафаккир ҳам худро ба тоҷикон мансуб донистаанд. Аз ҷумла, дар

***Турку тоҷику араб***
***гар ошиқанд,***
***Ҳамраҳанд аз***
***рӯи маънӣ дар савоб.***
* * *
***Агар турк, арчи тоҷик аст,***
***бад-ӯ ин шоҳ наздик аст,***
***Чу ҷон бо тан, валекин тан***
***набинад ҳеч мар ҷонро.***

Дар баробари ин, Мавлоно бо сабаби пайравӣ аз таълимоти тасаввуф ва канораҷӯӣ аз зоҳирпарастӣ, ки ба ақлгароию ботинпарастии маънавӣ мухолифат дорад, тамоми инсониятро новобаста аз ирқу нажод ва дину мазҳаб, баробар бо ҳамдигар эътироф менамояд:

***Рӯҳ бо илм асту***
***бо ақл аст ёр,***
***Рӯҳро бо тоҷику***
***туркӣ чӣ кор?***

Мавлавишиноси маъруфи даврони шӯравӣ Р.Г. Фиш (1924 - 2000) дар романи таърихии худ "Ҷалолиддини Румӣ" нисбати Мавлоно, агар истифодаи пайвастаи мафҳуми дар шакли ҷуфт истифодашаванда - "тоҷику турк" - ро аз ҷониби мутафаккир бо мисраи машҳури ӯ - "Донам ман он қадар, ки ба туркист "об" - "сув" - қиёс намоем, ин маънӣ ба куллӣ равшан мегардад. Ҳамчунин, дар байти зерин низ муаллифи "Девони кабир" аз тоҷик будани худ ва тоҷикона рафтор карданаш ёд карда, фармудааст:

***Турке ҳама туркӣ кунад,***
***тоҷик тоҷикӣ кунад,***
***Ман соате турке шавам,***
***як лаҳза тоҷике шавам.***

Аз ҷониби дигар, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ бо сабачунин далелеро аз ҳаёти Мавлоно дар либоси бадеӣ овардааст: ӯ сохтмони биноеро, ки дар он устоҳои даъватшуда ба шаҳри Қӯнияи Туркия аз Хуросону Юнон машғул буданд, дар ҷавонии худ назора карда, дар овони пиронсолияш ёд оварда, гуфтааст: "Сохтан хоҳӣ, юнониёнро даъват бикун...". Ба ҳамин маънӣ ишораҳоро ба халқи тоҷик ҳамчун ба халқи созандаю фарҳангӣ ва мардуми таҳаммулпазир - халқи "нарм" дар ашъораш низ дучор меоем:

***Як ҳамлаву як ҳамла,***
***к-омад шаби торикӣ,***
***Чустӣ куну туркӣ кун,***
***не нармиву тоҷикӣ.***



би он, ки айёми кӯдакию наврасии худро дар байни тоҷикони Балх, Вахшонзамин ва Самарқанд гузарондааст, ба зумраи он шоироне дохил аст, ки беш аз дигарон вожаи тоҷикро дар меросашон истифода намудаанд. Зимни таҳқиқи фалсафаи ин мутафаккири сӯфимашраб мо дар ҳафт байти девони ӯ ин вожаро пайдо намудем, ки ҳар яке аз онҳо дар қатори иттилои адабию забоншиносӣ доштан, ҳамчунин ҳомили ахбори фарҳангию иҷтимоӣ мебошанд. Масалан, дар байтҳои зерин Мавлоно тоҷику арабу туркро дар ҳамбастагии маънавӣ мебинад, агар ҳамаи онҳо ба таълимоти ирфонии ягона пайравӣ дошта бошанд:

Дар фарҷоми сухан таъкид месозем, ки устод С.Айнӣ (1878 - 1954) ба куллӣ собит намудааст, ки вожа ва мафҳуми "тоҷик" аз замони Саъдии Шерозӣ то адибони асри XIX барои ифодаи тамоми мардуми тоҷикзабон ё форсизабон дар сарзамини Осиёи Миёна, Хуросон ва Эрони ғарбӣ ба кор бурда шудааст.

Таҳлили ашъори донишманди бузурги тоҷик Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, ки дар онҳо вожаи тоҷик истифода гардидааст, бори дигар аз лиҳози таърихӣ дуруст будани ин хулосаи илман асосноки сардафтари адабиёти муосири тоҷикро ба тавri муътамад собит месозад.

## Шеъри рӯз



Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ

### МУҲАББАТ

*Аз муҳаббат хорҳо гул мешавад*
*В-аз муҳаббат сиркаҳо мул мешавад.*
*Аз муҳаббат неш нуше мешавад,*
*В-аз муҳаббат шер муше мешавад.*
*Аз муҳаббат мурда зинда мешавад*
*В-аз муҳаббат шоҳ банда мешавад.*
*Аз муҳаббат талхҳо ширин шавад,*
*В-аз муҳаббат мисҳо заррин шавад.*
*Ту барои васл кардан омадӣ,*
*На барои фасл кардан омадӣ.*
*Ҷони гургону сагон аз ҳам ҷудост,*
*Муттаҳид ҷонҳои шерони Худост.*
*Худпарастиву таассуб хомӣ аст,*
*То ҷанинӣ, кор хуношомӣ аст.*

# ДУ ҲИКМАТ

### ДУНЁ

Марде аз минтақае мегузашт, ки бисёр манзараи зебо дошт: дар атрофаш дарахтони сарсабз, овози форами паррандаҳо ба гӯш мерасид ва бӯи хуши гулҳо ҳамаро фаро гирифта буд. Мард аз дидани он манзараи табиат маст гардид.

Ногаҳон дид, ки аз пушташ як шери бадҳайбате ба тарафи ӯ медавад. Мард ин ҳолатро дида, ба гурез шитоб кард. Дар ҳоли фирор буд, ки чашмаш ба чоҳи сари роҳ афтид. Чун дигар роҳи наҷот аз шери бадҳайбат набуд, худро ба чоҳ андохт. Азбаски чоҳ хело чуқур буд, ресмони обкаширо гирифта, худро ба поён мебурд, то аз шер наҷот ёбад. Қариб дар нимаи чоҳ буд, ки аз поёни он мореро дид, ки ба тарафи ӯ ҳамла дорад. Ин ҳам бас набуд, ки ду мӯши калони сафеду сиёҳ дар тани ресмон часпида, онро мехоиданд. Мард, ки дар ҳолати сахте қарор дошт, ресмонро такрор ба такрор меларзонд, то мӯшҳо дур шаванд. Аммо мӯшҳо ресмонро ончунон сахт гирифта буданд, ки ҳеҷ роҳи халосӣ аз онҳо набуд.

Ҳолате ба миён омад, ки аз ҳама тараф мардро марг мунтазир асту ғайр аз марг чорае нест. Мард замоне, ки ресмонро меларзонд, дасташ ногаҳон ба девори чоҳ бархӯрда дид, ки дар бағали чоҳ занбӯри асал хона сохта буду асалаш ҳам омодаи хӯрдан аст. Мард асалро дида, аз таҳдиди марг фаромӯш карду ба хӯрдани асал шурӯъ намуд. Дар ҳолати хӯрдани асал буд, ки ногаҳон… аз хобаш бедор шуд. Азбаски хоб бисёр тарснок буд, хеста рост ба хонаи шайхи таъбиргар рафт ва хобашро ба шайх нақл карда, таъбирашро пурсид.

Шайх гуфт:

- Магар таъбири хобатро намедонӣ?

Мард дар ҷавоб гуфт:

- На!

Шайх гуфт:

- Шере, ки аз пуштат ҳамла мекард, Малакулмавт аст ва чоҳе, ки дар дарунаш мор ҳамла менамуд, қабр аст ва он ресмоне, ки худатро овехта будӣ, умр аст ва он ду муши сафеду сиёҳ шабу рӯз аст, ки аз умрат мехӯранд ва рӯзе канда мешавад.

Мард пурсид:

- Пас асал чӣ буд, ки бо хӯрдани он ҳолати даҳшатнокро фаромӯш кардам?

Шайх гуфт:

- Он лаззату шаҳавоти дунё аст, ки инсонро аз маргу қиёмату рӯзи ҳисоб ба фаромӯшӣ мебарад...

### РӮЗАДОРИИ КӮДАК

Кӯдаке хурдсол азми рӯзадорӣ кард ва бо ранҷу азобе то наздикии нимарӯз сабру тоқат ба ҷо овард. Рӯзадории ӯро ибодати бузург донистанд ва он рӯз ӯро ба мактаб ҳам набурданд. Падару модар кӯдакро навозиш карда, аз сари ӯ мағзу шириниву пул мерехтанд ва шодмон мешуданд. Вақте рӯз ним шуд, кӯдак хеле гурӯсна монд. Он гоҳ бар дили худ қарор дод, ки аз падару модар пинҳонӣ чанд луқма таом бихӯрад. Азбаски он кӯдак, ки ҳоло ақли расо надошт ва барои ризои падару модар рӯза дошта буд, пинҳонӣ рӯзаашро бихӯрд ва дар назари дигарон худро рӯзадор вонамуд кард, ҳол он ки ибодатро барои ризоияти Худо ба ҷо меоранд, яъне ибодат бояд бо сидқу ихлоси қалбӣ бошад. Агар дар намоз рӯ ба ҷониби Ҳақ набошӣ ё бе таҳорат дар намоз истода бошӣ, барои одамон маълум нест. Пас, он марди рӯзгордида, ки барои ба мардум худро намозхон нишон додан ибодат мекунад, аз он кӯдаки "рӯзадор" ҳам нодонтар аст. Намозе, ки барои худро обиду зоҳид нишон додан дуру дароз дар назди одамон адо мешавад ва сидқӣ ва баҳри ризои Худо нест, калиди дари дӯзах аст. Агар роҳи интихобкарда туро ба хушнудии Худо ва покизагиву сафо набарад, беҳтар аст он ҷойнамозатро ба оташ андозӣ.

**Мантиқ:** Дар ибодати Худо пасттарин мартаба худнамоӣ ва вонамуди дурӯғин аст. Ин кори онҳоест, ки сидқу шикастанафсиро канора гузошта, ҳурмату эҳтироми зоҳирии мардумро мақсади хеш ихтиёр кардаанд ва барои мардум ибодат мекунанд, на барои касби ризоияти Ҳақ таоло.

***(Достонҳои дилангез аз "Бӯстон"-и Шайх Саъдӣ. Шарҳи Доктор Абдулманнони Насриддин)***

***Таҳияи Ҷаҳонгир РУСТАМШО***

*Нашуд зи нусхаи дил нуктае маро маълум,*
*Агарчи умр ба тасҳеҳи ин рисола гузашт.* Соиб

Анвори дониш
№13 (295), ПАНҶШАНБЕ, 17.10.2019

# ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ Ё ТАЪЛИМИ ҒОИБОНА?

*Равандҳои ҷаҳонишавӣ ва пешрафти бесобиқаи илму технологияҳои нав дунёро фаро гирифтаанд ва имрӯз мафҳуми илму дониш ҳамчун асоси рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа барои ҳамагон аҳамияти рӯзафзун пайдо мекунад.*
*Эмомалӣ Раҳмон*



*Шаҳбози РУСТАМШО,*
***ҷонишини декан оид ба таълими факултаи филологияи тоҷик ва журналистика***

Замони муосир марҳилаи тараққиёту рушди донишҳои нави техникӣ мебошад. Ба тағйир пазируфтани табаддулотҳои ҷамъиятӣ, яъне ба вуҷуд омадани технологияҳои нави иттилоотӣ моро зарур аст, ки дараҷаи омӯзиши онро аз худ созем ва аз онҳо истифода намоем. Албатта, ҳар дигаргунӣ ва пешравии ҷомеа сабаб ва асоси амалишавии худро дорад.

Тараққиёти босуръати технологияи нави иттилоотӣ, ки имрӯз мушоҳида мегардад, боиси пайдошавии методу усулҳои нави таълим ва технологияи педагогии навро ба монанди таҳсилоти фосилавӣ (ғоибона), китобҳои электронӣ, низомҳои тестгирии компютерӣ, низомҳои омӯзиши автоматикунонидашуда, энсиклопедияи электронӣ, истифодаи тахтаҳои электронӣ ва ғайраҳоро ба вуҷуд овард. Яке аз шаклҳои фаъоли таълим, ки дар айни ҳол мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дорад, таҳсилоти фосилавӣ мебошад.

Дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ", ҷилди 2, саҳифаи 480 шарҳи калимаи арабии "фосила", "фосилавӣ", "фосиладор" ба чунин маъно истифода шудааст: вақт ва масоҳати байни ду чиз, масофати миёни ду чиз; ҳар чи ки бо фосила аст, фосиладор, масофадор; дорои фосила, ду ё чанд чиз, ки аз ҳам фосила доранд.

Таҳсилоти фосилавӣ ба донишҷӯён имконияти бештар медиҳад, ки мехоҳанд маълумоти дуюм ва аз ин ҳам бештарро гиранд, чунки аксарияти онҳо дар корхона ва муассисаҳое кор ва фаъолият менамоянд. Дар баробари ин, ба донишҷӯёне, ки бори нахуст таҳсилро дар донишгоҳу донишкадаҳо оғоз мекунанд, низ аз манфиат холӣ нест.

Таҳсилоти фосилавӣ, ин яке аз қадамҳои устувор ба рушди донишҳои нави техникӣ мебошад, чунки дар ин шакли таҳсил тарзи амалигардонии раванди таълим бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ (почтаи электрони дохила ва ғайра), ки таълимро дар масофа бе иштироки бевоситаи шахсии омӯзгор ва таълимгирандагон имконпазир мегардонад ва донишҷӯ метавонад қисми муҳими маводи таълимиро пайваста дар муносибат бо омӯзгор аз худ намояд. Ин ба донишҷӯён имконияти саривақт ва бе мамоният дастрас намудани маълумотҳои зарурииро фароҳам меоварад.

Бояд гуфт, ки таҳсилоти фосилавӣ ҳам барои донишҷӯён ва ҳам барои омӯзгорон зарурӣ ва манфиатовар буда, он имкониятҳое, ки ин шакли таҳсил дорад, метавонад кори донишҷӯёну омӯзгоронро осон кунад ва сифати таълимро беҳтар намояд. Омӯзгор имконият дорад, ба донишҷӯён дар рафти таълим хол гузорад; маълумотҳои заруриро хонад; дар гурӯҳи худ ахборот ва ё эълони нав гузорад; аз китобхонаи электронӣ пайваста истифода барад; тартиб додан ва сабти маводҳои имтиҳонӣ барои санҷиши ниҳоӣ; тартиб додан ва сабти маводҳо барои санҷишҳои ҷорӣ; курси лексия тартиб диҳад; маводҳои тестӣ ва масъалаву мисолҳоро ҷой диҳад ва адабиётҳои тавсияшавандаро пешкаши донишҷӯён намояд. Дар баробари ин, омӯзгор метавонад рӯйхати адабиёти илмӣ вобаста ба фанни таълимиро пешкаши донишҷӯён намуда, дар сомона ҷой диҳад. Агар донишҷӯ хоҳад, ки маълумоти бештарро нисбати дарси омӯзгор пайдо кунад, на дар ҷустҷӯи адабиёт мешавад, балки яку якбора ба суроғаи ҷойдошта ворид мешавад.

Имкониятҳои зиёде низ барои донишҷӯён дар ин шакли таҳсил фароҳам оварда шудааст. Вақте ки донишҷӯ тавассути интихоби логин ва пароли шахсӣ ба сомона дохил мешавад, имконият дорад, ки алоқаи доимӣ бо омӯзгор дошта бошад, ҳамчунин машварати фаврӣ дар хусуси саволҳои пайдошуда бо истифода аз воситаҳои телекоммуникатсионӣ карда метавонад. Инчунин, донишҷӯён метавонанд, ки дар вақти омӯзиши курс мубоҳиса, форумҳо, корҳои якҷоя бо гурӯҳ ташкил намоянд; маводҳои назариявию амалиро дар шакли электронӣ дастрас намояд; аз китобхонаҳои электронӣ истифода баранд ва бо нақшаи шахсии таҳсил, системаи тестии таълимию ҷадвали дарсӣ шинос шаванд.

Ба роҳ мондани системаи "таҳсилоти фосилавӣ" дар марҳилаи ҳозира ба маврид ва манфиатовар аст. Вале ин шакли таҳсилро бояд бо дарназардошти имконияти умум ба роҳ монд. Чи хеле ки маълум аст, яке аз мақсадҳои асосии истифода ва тадбиқи чунин система таъмин ва кафолати сифати таҳсил мебошад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар ҳолати амалӣ гардидани кори сомона ба ин ҷиҳати таълим диққати махсус дода шавад.

Соли сеюм аст, ки дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ таҳсилоти фосилавӣ амал намуда истодааст. Албатта, ҳар як тағйироте, ки дар раванди таълим ба вуқуъ меояд, боиси нофаҳмӣ ва мушкилиҳои зиёд мегардад. Мо низ аз соли аввали таъсиси ин низоми нав барои донишҷӯён дарс гузаштем. Дар соли аввал мушкилиҳо дучанд буд ва сол то сол мушкилиҳо бартараф ва муваффақиятҳо беш мегардад ва то ҳол гуфта наметавонем, ки дигар дар таҳсилоти фосилавӣ байни омӯзгор ва донишҷӯ мушкилие вуҷуд надорад.

Аз ин рӯ, вобаста ба сарчашмаҳои илмӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ вобаста ба низоми таҳсилоти фосилавӣ маълумоте пешниҳоди хонандагони рӯзномаи "Анвори дониш" гардонем. Мутахассисон ва омӯзгорон метавонанд вобаста ба мақсад ва моҳияти таҳсилоти фосилавӣ, мушкилоти ҷойдошта дар шакли мақолаҳои илмӣ-оммавӣ, гузаронидани мизҳои мудаввар ва конфронсҳо, ташкил намудани семинарҳои омӯзишӣ дар байни омӯзгорон ва донишҷӯёнро дучанд намоянд.

Вобаста ба ин, "Низомномаи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон" фаъолияти асосии донишҷӯро дар шакли таҳсил нишон додааст, аммо баъзе мушкилотҳоро дар худ дорад. Пеш аз ҳама низоми таҳсилоти фосилавӣ ҷиҳати омода намудани мутахассисон дорои таҳсилоти олии касбӣ бо истифодаи усулҳои муосири таълим ва ба талаботи бозори меҳнат чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷи кишвар мебошад.

Соли 2015 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат бахшида ба Рӯзи дониш ва дарси сулҳ дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ таъкид намуда буданд, ки: "Вақти ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти фосилавӣ кайҳо расидааст".

Шарҳу маънидод намудани таҳсилоти фосилавӣ дар сарчашмаҳо бо шаклҳои гуногун ба назар мерасад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" бошад, чунин шарҳ ёфтааст: "таҳсилоти фосилавӣ-тарзи амалигардонии раванди таълим бо истифодаи технологияҳои муосири таълимро дар масофа бе иштироки бевоситаи шахсии омӯзгор ва таълимгирандагон имконпазир мегардонад" фаҳмида мешавад.

Бисёр аз омӯзгорон ва донишҷӯён таҳсилоти фосилавиро бо таълими ғоибона як мешуморанд, ки ин нодуруст аст. Ҳарчанд таҳсилоти фосилавӣ бо таълими ғоибона наздик бошад ҳам, бо баъзе дигаргуниҳо аз ҳамдигар тафовут доранд. Дар таълими фосилавӣ донишҷӯ пайваста бояд дар шабака бошад ва ҳар як маълумот, эълон ва ахборе пешниҳод мешавад, огоҳ бошад.

Пеш аз ҳама, шакли таълим дар таҳсилоти фосилавӣ қисми муҳими маводи таълимӣ дар муносибати пайваста донишҷӯ бо омӯзгор ба воситаи почтаи электронӣ, скайп, семинарҳо дар шаклҳои (online ва offline) аз худ карда мешавад. Бисёриҳо фарқи ин ду навъи омӯзишро фарқ намекунанд.

Бояд зикр намуд, ки ҳаҷми кридитҳои фаъол ва ғайри фаъол, ҳаҷми кридитҳо аз рӯи Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ, тарзи гузаронидари машғулиятҳои КМРО ва КМД, машғулиятҳои ҳузурӣ, имтиҳонҳои ҷорӣ ва хатм, супоридани корҳои курсӣ аз рӯи Низомномаи таҳсилоти фосилавӣ чунин нишон дода шудааст.

Тавзеҳоти таносуби ҳаҷми кредитҳои машғулиятҳои аудиторӣ (Ниг. ҶАДВАЛИ № 1)

КМРО ва КМД дар низоми таҳсилоти фосилавӣ (барои зинаи бакалавриат, муҳлати таҳсил - 4 сол) ( Ниг. ҶАДВАЛИ № 2)

Тибқи банди 7-и "Низомномаи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҷараёни таълим дар таҳсилоти фосилавӣ пурра тариқи технологияи иттилоотию иртиботӣ тибқи нақшаҳои таълимӣ сурат мегирад. Дар низоми таҳсилоти фосилавӣ муҳлати таҳсил 4 сол буда, ҳаҷми умумии кредитҳо дар давоми 4 сол ба 240 кридит мерасад. Агар мо онро ба соатҳои таълимӣ баргардонем ба 240 х 24=5760 соат мерасад. Аз ин миқдор на камтар аз 24 кредитро машғулиятҳои аудиторӣ, 48 кредитро корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (КМРО) ва 168 кредити корҳои мустақилонаи донишҷӯ (КМД) муқаррар карда шудааст.

Аз рӯи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик: 1-02 03 01, бакалавр, фосилавӣ (ғоибона), 4 сола дар таълими фосилавӣ тибқи нақшаи таълимӣ, ки аз соли 2018 бо тасдиқи вазири Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуриддин Саид тасдиқ шудааст, донишҷӯён чунин машғулиятҳои фаъол ва ғайрифаъол муқаррар шудааст. Имтиҳонҳои ҷорӣ 50, ҳимояи КМД 44, таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ 4, аттестатсияи хатм имтиҳони давлатӣ аз фанҳои тахассусӣ ва ҳимояи рисолаи хатм муайян карда шудааст.

Маълум мешавад, ки қисми зиёди соатҳои таълимии таҳсилоти фосилавиро соатҳои ғайрифаъол, ки бевосита донишҷӯ бо истифодаи технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ бо омӯзгор гузаронида мешавад.

Дар баробари ин, таҳсилоти фосилавӣ ҷиҳати гирифтани маълумоти олӣ барои шахсони тамоми минтақаҳое, ки дар онҳо донишгоҳу донишкадаҳо вуҷуд надорад, ба таълим фаро гирифта мешавад. Ин дар худ боз мушкилиҳои зиёдро дорад, аз ҷумла:

-норасоии алоқа бо омӯзгор;

-норасоии шабакаи интернет дар ноҳияҳои дурдаст;

-истифода натавонистани қисми зиёди донишҷӯён;

-маълумоти дастрас надоштан оид ба низоми таҳсилоти фосилавӣ ва ғайра.

Ҷадвали 2

| № | Шакли корҳои таълимӣ | Шарҳи таносуби кредитҳо ва тартиби ташкил ва гузаронидани корҳои таълимӣ |
|---|---|---|
| 1 | Машғулиятҳои аудитории ҳузурӣ | 50 %-и кредитҳои машғулиятҳои лексионӣ ва 100%-и машғулиятҳои лабораторӣ, амалӣ ва семинариро дар бар мегирад, ки бо ҷалби бевоситаи донишҷӯён ба машғулиятҳои дарсӣ дар давраи сессияҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузаронида мешаванд. |
| 2 | КМРО (дарсҳои лексионӣ ва корҳои ғайриаудитории фосилавӣ) | 50%-и кредитҳои машғулиятҳои лексионӣ ва 50%-и кредитҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгорро (бо истифода аз технологияи иттилоотӣ - тариқи Он-лайн система ё истифода аз дискҳое, ки рафти машғулияти лексионӣ дар онҳо пурра сабт гардидааст) ташкил медиҳад. |
| 3 | КМД (корҳои ғайриаудитории фосилавӣ) | 100% иҷрои супоришҳо, корҳои назоратӣ ва корҳои дигари инфиродиро аз ҷониби донишҷӯ ва назорату баҳодиҳии онҳоро аз ҷониби омӯзгор бо истифода аз технологияи иттилоотӣ |
| 4 | Рейтинги академии 1 (имтиҳонҳои фосилавӣ) | Қабули рейтингҳои академии донишҷӯён 100% бо истифода аз технологияи иттилоотӣ ба роҳ монда мешаванд. |
| 5 | Рейтинги академии 2 (имтиҳонҳои фосилавӣ) | |
| 6 | Имтиҳонҳои ниҳоӣ | 100% ҳузурӣ қабул карда мешаванд. |
| 7 | Таҷрибаомӯзиҳо | 100% ҳузурӣ гузаронида мешавад. |
| 8 | Аттестатсияи хатм | 100% ҳузурӣ гузаронида мешавад. |

Ҷадвали 1

| № б/т | Номи бахшҳо | Ҳаҷми кредитҳо мувофиқи Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ | Шакли назорат (аз рӯи семестрҳо) | | Ҳаҷми кредитҳои фаъол | Аз ҷумла: | | КМД (тавассути ТИ) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Имтиҳон | Ҳимояи КМД | | аудиторӣ (ҳузурии фаъол) | КМРО (ҳузурии ғ/фаъол) | |
| I | **Бахши фанҳои гуманитарӣ** | **48** | | | **14** | **6** | **8** | **34** |
| II | **Бахши фанҳои табиатшиносию риёзӣ** | **18** | | | **6** | **3** | **3** | **12** |
| III | **Бахши фанҳои умумии касбӣ** | **67** | | | **20** | **6** | **14** | **47** |
| IV | **Бахши фанҳои тахассусӣ** | **92** | | | **28** | **9** | **19** | **64** |
| V | **Бахши корҳои ғайриаудиторӣ** | **15** | | | **4** | **0** | **4** | **11** |
| | **Ҳамагӣ:** | **240** | | | **72** | **24** | **48** | **168** |

# ФУРӮЗОНТАРИН СИТОРАГОНИ ОСМОНИ ФАРҲАНГИ МАШРИҚЗАМИН



*Камол НАСРУЛЛО,*
*Шоири халқии Тоҷикистон,*
*ходими адабии АМИТ "Ховар"*

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ (1207-1273) аз нобиғагони сухан ва абармардони олами адаб, аз фурӯзонтарин ситорагони осмони фарҳанги машриқзамин, аз дурахшонтарин чеҳраҳои шеъру адаби форсӣ ва илму адёни ҷаҳонист. Ӯ дар қатори чунин чеҳраҳои мондагори фарҳанги форсизабон, чун устод Рӯдакӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Шайхурраис Сино, Ҳаким Умари Хайём, Шайх Саъдӣ, Шайх Камол ва Хоҷа Ҳофизу дигарон мавқеи беназир ва ному симои оламгири худро ба мо мерос гузоштааст.

Он суханвари мумтоз, донишманд ва сӯфии бузург тавонистааст "баҳрро дар кӯза" гунҷонад ва "пилла-пилла то мулоқоти Худо" ба мо роҳ кушояд. Ду асари гаронбаҳо ва беназири ӯ- "Маснавии маънавӣ" ва "Девони кабир" ду кохи бузурги маънавие ҳастанд, ки бо гузашти асрҳо на ин ки бегазанду муҷалло мондаанд, балки беш аз пеш ҷилову ҳашамат ёфтаанд.

"Маснавӣ"-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ шомили он қадар дониш ва маълумотест, ки дар баробари як донишгоҳ метавонад таълим бидиҳад ва ҳатто бештар аз он, зеро ҳар нафаре, ки ин асари беҳамто ва безаволро мехонад, воқеан ба таври кофӣ огоҳӣ аз оламу ҳаёт, инсону замин, илму адён, таъриху фалсафаву табиат, рӯҳияи амиқи инсонӣ, андешаҳои амиқи илмиву ирфонӣ, панду андарзу ҳикмати ҷовидонӣ, завқу маҳорати сухан ва суханварӣ... ва ғайраву ғайра дарёб метавонад кард. Э...Дар он китоби беназир саҳафоти заррини фаровонест, ки ҷаҳиши рӯҳии Ҷалолуддин шуморо ба авҷи осмонҳо мебарад, ба дарёи маввоҷи ишқу ҳолу бехабарӣ меандозад, вале асолати он дар баёни матолиб ва кайфияти он баён ва бузургии он дар фаровонии андеша ва танавуъи амсоли он аст ва аз ин ҷиҳс дар дунё китобе ба бузургиву ҷалолат қадри "Маснавӣ" набошад." (Алии Даштӣ).

Дарку фаҳмиши амиқи ин асари бемисол танҳо ба касе даст медиҳад, ки огоҳии комил аз фарҳанги исломӣ ва ошноии ҳамаҷониба аз зарофатҳои хоси забони суханварони бузурги гузаштаи моро дошта бошад. Ба замми ин донистани таъриху фалсафаи Шарқ, тафаккури исломӣ, хусусан ирфони тасаввуф барои фаҳмиши андешаву нуктаҳои борик ва боз гардидани гиреҳҳои пурпечутоби ин асари баландпоя ногузир аст. Истифодаи Мавлоно аз маъхазҳои бешумори (беш аз 150 маъхаз) хаттиву шифоҳӣ, илмиву адабиву динӣ дар таълифи ин асар ва дар баробари ин берун нарафтан аз ҳадафи асосии худ, эҷодкориҳои фавқулода ва дурахши ҳунару истеъдод, шахсияти фурӯзони худро нигоҳ доштану ҷилвагар намудан аз вежагиҳои дурахшон ва бесобиқаи ин асар аст. Ин аст, ки Ҷомии бузург дар ситоиши "Маснавӣ" гуфтааст:

***"Маснавии маънавӣ"-и Мавлавӣ***
***Ҳаст Қуръон дар забони паҳлавӣ.***
***Ман чӣ гӯям васфи он олиҷаноб,***
***Нест Пайғамбар, вале дорад китоб!***

Чунин баҳоро ягон шоири дигар ба асари дигар дар адабиёти классикии мо сазовор нагардидааст.

Асари дигари бузургу беҳамтову оламгири Мавлонои Балхӣ "Девони кабир" дарёест беканор, ки аз тамоми қуллаҳои баланди илму ҳикмату маонии олам рӯдҳои саршор бар он рехта, ин дарёро шодобу саршор аз фазилат, ишқу меҳри инсонӣ гардонидаанд.

"Мисли дарёст, оромиши он зебо ва ҳаяҷони он мафтункунанда аст; мисли дарё пур аз мавҷ, пур аз кафк, пур аз бод аст. Мисли дарё рангҳои бадеи гуногун дорад: сабз аст, обист, бунафш аст, нилуфарист. Мисли дарё оинаи осмон ва ситорагон ва маҳали таҷаллии ашъаи офтоб ва моҳ ва офаринандаи нақшҳои ғуруб аст. Мисли дарё аз ҳаракат ва ҳаёт лабрез аст ва дар зери зоҳири сайқалӣ ва ором дунёе пур аз тапиши ҳаёт ва талоши тамомнашудании зиндагӣ дорад. Девони Шамс девони шеър нест, ғавғои як дарёи муталотуми тӯфонист. Девони Шамс инъикоси як рӯҳи ғайриорому ва пур аз ҳаяҷону лабрез аз шӯру ҷазба аст.

Нахустин хусусияте, ки аз ашъори Ҷалолуддин ба чашм меҳӯрад ва ӯро аз соири шуаро мумтоз мекунад, ин аст, ки ӯ намехоҳад шеър гӯяд, мехоҳад эҳсосоти гунг ва мубҳами худро бигӯяд. Ӯ "гунги хобдида аст" ва хоби худро мехоҳад бигӯяд. Ӯ дар укёнусе дасту по мезанад ва ин дасту по задан ба сурати калимоти мавзун ва хушоҳанг дармеояд. Ба қавли худи ӯ:

***Ҳама ҷӯшам, ҳама мавҷам, сари дарёи ту дорам." (Алии Даштӣ)***

Осори гаронбаҳо ва арзишманди Мавлонои Балх баъд аз сипарӣ шудани беш аз ҳаштсад сол ҳанӯз аҳамият ва қадру қимати худро гум накардааст, балки, баръакс, имрӯз беш аз ҳар вақт дар олам нуфузу обрӯ дорад ва аз ҷиҳати теъдоди чоп дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалро мегирад, ки мояи сарфарозӣ ва ифтихори мо, ворисони ӯст.

Хуҷастагиҳои осори бегазанди Мавлоно аз ҷониби бузургтарин олимону шарқшиносони дунё мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор доштааст ва ин хуҷастагиҳо хеле зиёданд. Мавлоно дар осори бегазанди худ масъалаву мавзӯъҳоеро мавриди таҳқиқи бадеӣ қарор додааст, ки дар мовароии рӯзгори инсоният ҳамеша пешорӯи ӯ вуҷуд доштаанд ва имрӯз ҳам аз масъалаҳои ҳалталабу изтиробангези ҷомеа ва башарият мебошанд. Яке аз ин масъалаҳо масъалаи ягонагии инсонҳо, ваҳдати ҷомеа ва сулҳу дӯстист.

"Мо барои васл кардан омадем",- мегӯяд Мавлоно. Ӯ ҳанӯз дар замони худ бар алайҳи тафриқаву зиддиятҳои инсонӣ, хусусан зиддиятҳои диниву мазҳабиву мафкуравӣ, нифоқу ҷудоиандозиҳои мазҳабиву динӣ ғояи "Инсони комил" ва назарияи "Сулҳи кулл"-ро роҳандозӣ ва пайгирӣ карда буд. Андешаҳои ҷомеасозу ваҳдатписанди Мавлоно аҳли кулли мазҳабу равияҳои давронро ба дарёфту шинохти ҳақиқати дин ва Худои ягона раҳнамоӣ мекунанд. Таълимоти Мавлоно Руму Эрону Шому Миср, Синду Чину Мочинро дар замони худаш бо унвони "Мавлавия" фаро гирифта, то имрӯз идома дорад. Дар замони зиндагии Мавлоно аҳли дину мазҳабҳои гуногун дар ин таълимот ҳаммаслаки Мавлоно буданд ва аз назарияи "Сулҳи кулл"- ӯ дастгирӣ мекарданд. Ва рӯзе, ки ҷанозаи Мавлоноро аз кӯчаҳои Куния мебурданд, мусулмону насронӣ, габру яҳудиву буддоӣ ҳама аз пайи тобути ӯ равона буданд. Мавлоно тавониста буд бо ғояҳои баланди инсондӯстонаи худ нифоқу тафриқаҳои мазҳабиро барҳам занад ва ҳамаи намояндагони дину азҳобу қавму миллатҳои мухталифро дар зери ғояҳои башардӯстона ҷамъ оварад. Зеро барои Мавлоно инсон , мақому манзалат ва шарафу эътибори ӯ болотар аз ҳама сохтаву бофтаҳои одаму олам буд:

***Чӣ тадбир, эй мусулмонон,***
***ки ман худро намедонам,***
***На тарсову яҳудиям, на габрам,***
***на мусулмонам!***
***На шарқиям, на гарбиям,***
***на барриям, на баҳриям,***
***На аз мулки ироқиям,***
***на аз хоки Хуросонам!...***

Бубинед, имрӯз дар асри бисту як башарият боз ҳам ниёз ба ягонагиву ҳамраъйӣ ва ваҳдати кулл дорад ва табиист, ки ғояву андешаҳои Мавлонои башардӯст имрӯз ҳам дар пешгоми ҳаракат барои сулҳу осоиши дунё метавонанд қарор дошта бошанд.

Метавон бо суханони Мавлавии бузург ин андешаҳоро ҷамъбаст кард:

***Зи ҳамроҳон ҷудоӣ маслиҳат нест,***
***Сафар бе рӯшноӣ маслиҳат нест.***
***Чу мулки подшоҳӣ дида бошӣ,***
***Пас аз шоҳӣ гадоӣ маслиҳат нест.***
***Чу по дорӣ, бирав дасте биҷунбон,***
***Ки ин бедаступоӣ маслиҳат нест.***

Кӣ метавонад бигӯяд, ки ин суханҳо имрӯзӣ нестанд ва ба дарди мо ва мардуми сайёра намехӯранд?

Он инсон, "Инсони кулл"-, ки Мавлоно онро меҷӯяд ва тарғиб мекунад, дар орзуи дидори ӯст, армони башарият аст. Инсоне, ки дар ин замони таҳдиди фоҷиаҳо ба сайёраи Замин, дар замони тағйироти глобалӣ ва таҳдидомезе, ки бар сари инсоният омадааст, бояд оқибат зуҳур кунад ва расолати инсонии худро иҷро намояд.



***Бинмой рух, ки богу гулистонам орзуст,***
***Бикшой лаб, ки қанди фаровонам орзуст!***
***Ай офтоби ҳусн, бурун о даме зи абр,***
***К-он чеҳраи мушаъшаъи тобонам орзуст!...***
***З-ин ҳамраҳони сустаносир дилам гирифт,***
***Шери Худову Рустами Дастонам орзуст!...***
***З-ин халқи пуршикояти гирён шудам малул,***
***Он ҳойҳуву наъраи мастонам орзуст!..***
***Дӣ шайх бо чароғ ҳамегашт гирди шаҳр,***
***К-аз деву дад малуламу инсонам орзуст!***
***Гуфтанд: "Ёфт менашавад, ҷустаем мо!"***
***Гуфт: "Он ки ёфт менашавад, онам орзуст!"...***
***Оё ин ҳам армони башарияти имрӯз нест?***

Яъне Мавлоно, сухани ӯ беш аз ҳар замоне имрӯзист ва метавон ин суханҳоро шиори мардуми мо дар роҳи худшиносии миллӣ ва раҳнамои мардуми олам дар роҳи ормонҳои бузурги инсонӣ кард. Бузургдошти Мавлоно, ки ҳар сол дар Рӯзи Мавлоно ҷашн гирифта мешавад ва дигар бузургдоштҳои нобиғагони миллати тоҷик, ки аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон тарҳрезӣ шудаанд, моро ҳидоят ба худшиносии миллӣ, шинохти ҳувияти худ,囗пуштибонӣ аз Ватани муқаддас ва Истиқлолияту Ваҳдати миллиамон менамоянд.

## ГУЛЧИНИ АНДЕШАҲОИ МАВЛОНО АЗ КИТОБИ "ФИҲӢ МО ФИҲӢ"

"Фиҳӣ мо фиҳӣ", яъне "Дар ӯст, ҳар он чӣ дар ӯст". Ин китоб бо номи "Асрор-улҷалолия" низ машҳур аст.

Дар ин асар чун дар осори дигари Мавлоно худшиносӣ мақоми муҳим дошта, хонандаро ба шинохти моҳияти хештан ҳидоят менамояд:

***Берун зи ту нест, ҳар чӣ дар олам ҳаст,***
***Дар худ биталаб, ҳар он чӣ хоҳӣ, ки туӣ.***

Сухан дар "Фиҳӣ мо фиҳӣ" аз ишқу муҳаббат ва дӯстиву бародарӣ буда, парҳез аз адовату душманӣ таъкид меёбад.

Ҳайф аст ба дарё расидан ва аз дарё ба обе ё ба сабӯе қонеъ шудан. Охир аз дарё гавҳарҳо ва сад ҳазор чизҳои муқаввам баранд.

***

Хеши ман он аст, ки аз ишқ зод. Хуштар аз ин хешу таборам нест.

***

Ин дидор сармояи ҳамаи анбиёву авлиёву ҳунармандони ҷаҳон аст: ҳақиқати дин дидори Худост ва ҷавҳари ирфон дидори маъруф асту ҷон ҳунари дидори ҷамоли мутлақ.

***З-он кӣ таърихи қиёматро ҳад аст,***
***Ҳад куҷо, он ҷо ки ишқи беҳад аст.***

***

Дин танҳо як насиҳат аст.

***

Одамӣ бояд он мумайизи худро орӣ аз ғаразҳо кунад ва ёрӣ ҷӯяд дар дин. Дин ёршиносӣ аст.

***

Агар бадӣ кардаӣ, ба худ кардаӣ. Ҷафои ту бар вай куҷо расад?

***Мурге, ки бар он кӯҳ нишасту бархост,***
***Бингар, ки дар он кӯҳ чӣ афзуду чӣ кост.***

***

Туро ғайр аз ин ғизои хобу хӯр ғизои дигар аст. Дар олам ин ғизоро фаромӯш кардаӣ ва ба ин машғул шудаӣ ва шабу рӯзро тан мепарварӣ. Охир ин тан аспи туст ва ин олам охури ӯст ва ғизои асп ғизои савор набошад. Ӯро ба сари худ хобу хӯре ҳаст ва танаъуме. Аммо сабаб он ки ҳайвониву баҳимӣ бар ту ғолиб шудааст: ту бар сари асп дар охури аспон мондаӣ...

***

Тан ҳамчу Марям аст ва ҳар яке Исо дорем. Агар моро дард пайдо шавад, Исои мо бизояд ва агар дард набошад, Исо ҳам аз он роҳи ниҳонӣ, ки омад, боз ба асли худ пайвандад - илло мо маҳрум монем ва аз ӯ бебаҳра.

***

Гуфт: Пилеро оварданд ба сари чашмае, ки об хӯрад. Худро дар об медиду мерамид. Ӯ мепиндошт, ки аз дигаре мерамад. Намедонист, ки аз худ мерамад.

Ҳамаи ахлоқи бад - аз зулму ҳасаду ҳирсу бераҳмӣ ва кибр - чун дар туст, намеранҷӣ, чун онро дар дигаре мебинӣ, мерамӣ ва меранҷӣ.

***

Ду мурғро ба ҳам бандӣ, бо вуҷуди ҷинсият ва он чӣ ду пар доштанд ба чаҳор мубаддал шуд, намепаранд, зеро ки дуӣ қоим аст. Аммо, агар мурғи мурдаро бар ӯ бубандӣ бипарад, зеро ки дуӣ намондааст.

***

Туро табибе ҳаст дар андарун ва он мизоҷи туст, ки дафъ мекунад ва мепазирад.

***

Одамӣ азим чиз аст. Дар вай ҳама чиз мактуб аст. Ҳуҷубу зулумот намегузоранд, ки ӯ он илмро дар худ бихонад. Ҳуҷубу зулумот - ин машғулиҳои гуногун асту тадбирҳои гуногуни дунё ва орзуҳои гуногун... Бингар, чун ин зулумоту ҳуҷуб бархезад, чӣ сон воқиф гардад ва аз худ чӣ илмҳо пайдо кунад.

***

Чу офтоб ғуруб кунад, рӯшноӣ намонад. Пас офтоб бояд шудан, то хавфи ҷудоӣ намонад.

***

Агар одамиро шодие дар дил меояд, ҷазои он аст, ки касеро шод кардааст ва агар ғамгин шавад, касеро ғамгин кардааст.

***

***Эй нусхаи номаи илоҳӣ, ки туӣ!***
***В-эй оинаи ҷамоли шоҳӣ, ки туӣ!***
***Берун зи ту нест, ҳарчӣ дар олам ҳаст***
***Дар худ биталаб, ҳар ончӣ хоҳӣ, ки туӣ!***

***

Одами мискин, ки мураккаб аст аз ақлу шаҳват, нимаш фаришта асту нимаш ҳайвон...

***

Ҳобил Қобилро кушт ва намедонист, ки чӣ кор кунад. Ғуроб ғуробро бикушту хокро канду он ғуробро дафн кард ва хок бар сараш кард. Ӯ аз ин биомӯхт гӯр кандану дафн кардан.

***

Баъзе бошанд, ки салом диҳанд ва аз саломи эшон бӯи дуд ояд ва баъзе, ки салом диҳанд, аз саломи эшон бӯи мушк ояд, ин касе дарёбад, ки ӯро машоме бошад.

Ёрро мебояд имтиҳон кардан, то охир пушаймонӣ набошад. Суннати Ҳақ ин аст: ибдоъ бинафсика. Нафс ҳам, агар даъвои бандагӣ кунад, беимтиҳон аз ӯ қабул макун.

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БОРИ ДИГАР БА РӮЙХАТИ МУСУЛМОНОНИ БОНУФУЗТАРИНИ ОЛАМ ШОМИЛ ШУДАНД



ДУШАНБЕ, 02.10.2019. /АМИТ "Ховар"/. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори панҷум ба рӯйхати 500 мусулмони бонуфузтарини олам (The Muslim 500) шомил шуданд. Рӯйхати навбатии The Muslim 500-2019-ро Маркази шоҳигарии тадқиқоти стратегии исломӣ мустақар дар шаҳри Уммони Урдун тартиб додааст, хабар медиҳад АМИТ "Ховар".

Муаллифони раддабандӣ Эмомалӣ Раҳмонро муаррифӣ намуда, навиштаанд, ки ӯ аз соли 1994 Президенти Тоҷикистон буда, тавофи Каъба намуда, насабашро аз Раҳмонов ба Раҳмон табдил додааст.

Дар рӯйхати The Muslim 500 раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон Саидмукаррам Абдулқодирзода низ шомил аст.

Ба панҷоҳгонаи беҳтарин Президенти Туркия Реҷеп Тайип Эрдуғон, Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев, Подшоҳи Арабистони Саудӣ Салмон ибни Абдулазиз, Подшоҳи Урдун Абдуллоҳи II ибни ал-Ҳусейн, сарварони Туркманистон ва Чеченистон - Гурбонгулӣ Бердимуҳаммедов ва Рамзон Қодиров, муфтии Ӯзбекистон Усмон Алимов ҳам шомиланд.

Инчунин ба чемпиони кунуни UFC Ҳабиб Нурмагомедов ва мусиқинавоз, овозхон ва оҳангсози машҳури муқими Британия Самӣ Юсуф муяссар шуд, ки ба ин рӯйхат шомил шаванд.

Дар ин рӯйхат яке аз олимони пешсафи ислом дар замони мо, коршиноси соҳаи фиқҳи исломӣ, иқтисод, илми ҳадис ва тасаввуф Шайх Муҳаммад Тақӣ Усмонӣ пешсаф аст.

Пас аз ӯ фаъоли мазҳабӣ ва роҳбари олии Эрон Оятуллоҳ Сайид Алии Хоманаӣ қарор дорад. То имрӯз ӯ тавонистааст, ки дар бораи мавзӯъҳои мухталиф доир ба ислом корҳои зиёдеро анҷом диҳад ва муаллифи беш аз шаст китоб мебошад.

Мавриди зикр аст, ки раддабандии The Muslim 500 тайи нуҳ сол боз ҳамасола аз ҷониби Маркази шоҳигарии тадқиқоти стратегии исломии Уммон бо дастгирии Маркази ҳамдигарфаҳмии мусалмонону масеҳиёни Ҷорҷтаун тартиб дода мешавад.

# ТАҶЛИЛ АЗ РӮЗИ ЗАБОН ВА ИДИ ОМӮЗГОР

Санаи 5-уми октябри соли ҷорӣ дар толори фарҳангии донишгоҳ конференсияи илмӣ-адабӣ бахшида ба Рӯзи забон ва Иди омӯзгор баргузор гардид.

Нахуст, бо сухани ифтитоҳӣ ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ доктори илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ Абдулло Ҳабибулло бароmад намуда, ҳозиринро ба Рӯзи забон ва Иди омӯзгор табрик ва таҳният намуданд.

Сипас, дар мавзӯи "Забони давлатии тоҷикӣ ва баъзе масъалаҳои вобаста ба он" доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он Ҷумъахон Алимӣ суханронӣ намуданд.

Дар мавзӯи "Омӯзгор-шамъу чароғи миллат" бошад, ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он Қувватова Муҳаббат суханронӣ намуданд.



Дар қисми фарҳангии чорабинӣ қироати порчаҳои шеърӣ дар васфи забони тоҷикӣ ва бузургдошти омӯзгор дар иҷрои донишҷӯёни факултаи филологияи тоҷик ва журналистика ва суруду мусиқӣ аз ашъори Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар иҷрои мудири хонаи маданияти донишгоҳ Ризо Мадиев пешкаши ҳозирин гардонида шуд.

# МАФТУНА ИФТИХОРНОМАИ РЕКТОРРО СОҲИБ ГАШТ!




Суярзода Мафтуна, донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи хориҷӣ барои хониши хубу аъло, интизоми намунавӣ ва иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятиву сиёсӣ бахшида ба таҷлили ҷашни 28-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ифтихорномаи ректори донишгоҳ сарфароз гардонида шуд.

# БАХТОВАР ДАР ШАМШЕРБОЗӢ ҶОЙИ 1-УМРО ГИРИФТ!



Санаи 6-уми сентябри соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе бо ташаббуси Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид ба "Шамшербозӣ" байни ҷавонони аз 16-сола то 21-сола баргузор гардид, ки дар он донишҷӯи донишгоҳ Бобоев Бахтовар иштирок намуда, соҳиби ҷойи 1-ум шуд ва бо тӯҳфаву ифтихорнома қадрдонӣ карда шуд.

# ТАЪСИСИ "МАРКАЗИ ТАҚВИЯТИ ПЕДАГОГИИ ЭКСТЕНД"



Дар доираи лоиҳаи Фонди Аврупо Эрасмус+ EXTEND "Маркази тақвияти педагогии ЭКСТЕНД" кушода шуд. Дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ айни ҳол ду лоиҳаи Фонди Аврупо Эрасмус+ PAWER ва EXTEND амалӣ гардида истодаанд, ки барои рушди захираи кадрии донишгоҳ сафарбар гардидаанд.

Лоиҳаи EXTEND "Excellence in engineering education in Tajikistan and Russian Federation - Афзалият дар таълимоти соҳаи инжинерӣ дар Тоҷикистону Россия" лоиҳае мебошад, ки мақсади асосиаш ин баланд бардоштани иқтидори кадрии МТОК-и шарики он аз Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 МТОК, аз Федератсияи Россия 4 МТОК ва аз Аврупо 4 МТОК тавассути дастовардҳои нави педагогӣ мебошад.

Дар доираи лоиҳаи мазкур дар МТОК-и шарики лоиҳа марказҳои EXTEND таъсис дода хоҳанд шуд, ки дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ низ аллакай ба маблағи 238 883,9 сомонӣ таҷҳизоти муосир харидорӣ гардида, барои таъсиси "Маркази тақвияти педагогии ЭКСТЕНД" омода карда шудааст.

Ҳадафи маркази мазкур аз ташкили курсҳои такмили ихтисос барои омӯзгорони ҷавон, докторантони PhD, магистрантон ва кормандони корхонаю идораҳое, ки мехоҳанд кормандонашон аз курсҳои такмили ихтисос гузашта, малакаҳои нав аз бар намоянд, иборат мебошад.

Айни замон, ҳамаи шариконии лоиҳа ба 8 гурӯҳ тақсим шуда, аз рӯи 8 равия курсҳои омӯзишӣ, ки ба таври озмоишӣ дар 8 МТОК-и шарики лоиҳа аз Тоҷикистону Россия барои докторантони PhD гузаронида хоҳанд шуд.

Амалишавии лоиҳа мазкур аз моҳи октябри соли 2018 оғоз гардида, дар доираи он барои донишгоҳ 64 783,00 евро аз ҳисоби Фонди Аврупо ҷудо гардидааст. Дар доираи лоиҳаи мазкур аллакай 12 нафар омӯзгорони донишгоҳ дар тренингу омӯзишҳои дар хориҷи кишвар дар шаҳрҳои Москва ва Саранск и Федератсияи Россия, Бухаресті Руминия, Ригаи Латвия ва Гимарайнши Португалия иштирок намуда, соҳиби сертификатҳо шуданд.

Омӯзиши се нафар омӯзгор ва 5 нафар докторантони PhD дар шаҳри Ворвики Англия дар назар аст.

***Орзу ОРИФОВ,***
***сардори шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ***

# ДОНИШҶӮЁН ДАР ОЗМУН ҒОЛИБ ШУДАНД!

Донишҷӯёни донишгоҳ Ҳабибуллозода Саёҳат, Латифов Манучеҳр, (Дипломи дараҷаи 1) Афизова Судоба, (Дипломи дараҷаи 2) Давлатмуродов Қурбоналӣ (Дипломи дараҷаи 3) барои иштироки фаъолона дар даври ҷумҳуриявии Озмуни илмӣ-тадқиқотии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ - "Донишҷӯ ва пешрафти илмию техникӣ дар соли 2019" бахшида ба ҷашни 28-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дипломи ифтихорнома сарфароз гардонида шуданд.



# ИХТИРОЪКОРОН БА ҚАЗОҚИСТОН РОҲХАТ ГИРИФТАНД!




Рӯзҳои 27-28.09.2019 озмуни лоиҳаҳои "КОНКУРС СТАРТАП Tech Central Asia Weekend в Душанбе" дар шаҳри Душанбе гузаронида шуд, ки дар он аз Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Сайфудинов Ф.Ш., сардори МИҶ, Назаров А., донишҷӯи соли 5-уми факултаи физика ва математика, Турахонов У., донишҷӯи соли 3-юми факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ, Алишери Х., донишҷӯи соли 3-юми факултаи химия, биология ва география, Давлатов У., донишҷӯи соли 2-юми факултаи химия, биология ва география, Ҳасанов Ҳ., донишҷӯи соли 2-юми факултаи физика ва математика иштирок намуданд.

Сарпарастони озмун ширкатҳои "Саформати Амрико дар Душанбе", "NAZARBOEV UNIVERSITY", "ALUMNI", "BUSINESS SCHOOL", "STARTUPSTAN", "КМП" ва ширкати "Муассисаи давлатии ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон" буданд. Меҳмонон аз Қазоқистон, Амрико ва Русия иштирок доштанд. Мақсади асосии озмун дарёфти беҳтарин лоиҳаҳои инноватсионӣ ва амалӣ гардонидани онҳо дар самти «Идея-Бизнес» мебошад.

Озмун бисёр ҷиддӣ гузашт ва талаботҳо ниҳоят вазнин буданд. Ин озмун аз дигар озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ фарқи зиёд дошт, аз он ҷумла бароmадҳо танҳо бо забони русӣ ва англисӣ буд. Иштирокчиёни озмун дар маҷмӯъ 31 нафар аз ВМКБ, вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи марказ даъват гардида буданд.

Санаи 28.09.2019 аз соати 10:00 то 17:00 шунидани лоиҳаҳои озмунӣ аз тарафи меҳмонон буд, ки лоиҳанависон аз донишгоҳи мо бароmад намуда, лоиҳаҳои худро ҳимоя намуданд. Бароmади донишҷӯёни мо аз тарафи меҳмонон баҳои баланд гирифта, ҳамаи онҳо бо сертификати озмун қадр гардиданд.

Бояд қайд намоем, ки лоиҳаҳои Сафудинов Ф. бо номи "Мини-цех для приготовление лекарство "Fikardio"" ва лоиҳаи Назаров Аминҷон "Агротаҷ 97" дар баробари 10 лоиҳаҳои беҳтарин аз Тоҷикистон ба даври дигари озмун, ки дар Қазоқистон баргузор мегардад, роҳхат гирифтанд.

# МАҲМАДУЛЛО ИБОДОВ: ДАР ИЛМ БОЯД ПРИНСИПИ БЕҒАРАЗӢ РИОЯ КАРДА ШАВАД!

**Дар ин шумора ҳайати эҷодии рӯзнома хост, то бо яке аз олимони некноми ҷумҳурӣ, профессори кафедраи фалсафаи донишгоҳ устод Ибодов Маҳмадулло оид ба зиндагинома ва фаъолияти омӯзгории эшон мусоҳибае анҷом диҳанд. Фишурдаи мусоҳиба пешниҳоди хонанда мегардад.**

***Ассалому алайкум, устод. Чӣ ҳолу аҳвол доред ва ҳоло ба кадом корҳо машғул ҳастед?***

- Шукри Яздони пок, ки имрӯз дар фазои сулҳу осоиш ва ваҳдати миллии кишвар дар иҳотаи фарзандон, пайвандон, ёру дӯстон ва ҳамкорон бо орзу ва умедҳои нек ба оянда қадам зада истодаем.

Дар қолаби як навиштаи кӯчак ҷавоб додан ба ин савол хеле мушкил аст. Дар шакли фишурда шарҳи ҳол чунин аст. Бештари вақти холигии худро ба корҳои илмӣ-таълимӣ сарф менамоям. Соли равон ду монография ва чанд мақолаи илмӣ рӯи чоп бароmадаанд. Мавзӯи фармоишии нав "Идеяи таҳаввулотгароии глобалӣ дар фалсафаи илм"-ро ҳамроҳи ҳамкорон профессор Мирзоев С.С. Абдуллоев Н., Камолов Ш., Ғаюров Л. пешниҳод намудем. Роҳбари илмии доктаранти PhD Камолов Ш. ва унвонҷӯён Зайналов Қ. ва Раҷабовро ба ӯҳда дорам. Ба аспирантони курси якум барои супоридани имтиҳони номзадӣ аз фанни "Фалсафаи илм" дарс мегӯям. Дар курсҳои якуми магистрантҳои ҳамаи факултаҳо (зиёда аз 150 нафар) аз фанни "Тарих ва фалсафаи илм" ва донишҷӯёни курси дуюми факултаи забонҳои хориҷӣ аз фанни "Фалсафа" дарс гуфта истодаам. Дар ҳолатҳои зарурӣ дар кафедраи фалсафа ба ҳамкорон, махсусан ба омӯзгорони ҷавон, ки аксарашро ташкил додаанд, ёрии амалии хешро дареғ намедорам.

Ёрии илмӣ-педагогии зиёда аз 10 солаи ман натанҳо барои ҳамаи омӯзгорони кафедраи фалсафа, балки барои кулли аспирантон, докторантон, унвонҷӯёни донишгоҳ, ки аз фанни "Фалсафаи илм" имтиҳони номзадӣ месупоранд, пайваста мерасид.

Дар ҳама дарсҳои номбурда шогирдонро дар рӯҳияи хушахлоқӣ, инсондӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, худогоҳӣ, хувияти миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои муққадаси миллӣ тарбия намуда истодаем.

***Шумо, ки фарзанди деҳқон ҳастед ва дар деҳа калон шудаед, бигӯед, ки чӣ гуна дар зиндагӣ фарзанди як деҳқон метавонад дар илм ва ё дигар соҳаҳо муваффақ шавад?***

- Воқеан ҳам, даврони кӯдакӣ ва мактабии ман дар деҳаи Навобод (Панҷсола)-и хоҷагии ба номи Шаталови (ҳоло С. Зарипов) ноҳияи Кӯлоб гузаштааст.

Падар ва модарам деҳқон (колхозчӣ) буданд ва аз саҳар то бегоҳ дар саҳрои колхозӣ меҳнат мекарданд. Дар он давра шароит ва зиндагӣ осон набуд. Заминҳои ботлоқи хушкшудаи пӯшидаи қамишзор буданд. Падарон каланд мекарданд, модарон ва мо фарзандон аз қафо алаф чида тоза мекардем. Оби тозаи ошомиданӣ набуд, аз ҷӯйҳои ифлос об менӯшиданд ва бисёриҳо ба бемориҳои сирояткунанда гирифтор мешуданд. Чунин аҳвол дар мавсими пахтачинӣ низ идома меёфт. Дар ин давра мушкилоти дигари экологии тағйирнопазир аз он иборат буд, ки ҳавопаймоҳои (самолётҳои) "АН-2" аз боло дорӯҳои заҳрнокро болои сари деҳқонон (колхозчиён) пош медоданд ва мардум дар замин пахтачиниро идома медоданд. Инро бадбахтии экологии ҳамон давра гуфтан мумкин аст. Бегоҳ бо ҳамроҳии падару модарам аз саҳро бармегаштем, он вақт (солҳои 1955-1962) барқ набуд, ҳама ҷо торик, танҳо фонусҳои (лампаҳои) карасинӣ буду бас.

Шабона паси ҳамин лампаҳои торик, ки дӯди ғализ доштанд, нишаста дарс тайёр мекардем. Саҳаргоҳон ҳангоми ба дарс рафтан нақлиёт набуд, роҳҳо сангфарш нашуда буданд, дар баҳорону зимистон то зонӯ лойолӯд мешудем. Мо талабагон ба мӯзаҳои резинӣ ба дарс рафта меомадем. Баъди дарс боз ба кори саҳро ба ёрии падару модар мерафтем. Ба ҳамаи ин мушкилоти зиндагӣ он давра нигоҳ накарда, мо супоришҳои муаллимон, вазифаҳои хонагиро ҳамеша иҷро мекардем ва бо баҳои хубу аъло мехондем.

Соли 1964 пас аз хатми мактаби миёнаи ба номи Ильичи хоҷагии С.Зарипов мақсад гузоштам, ки ба Донишкадаи савдои шаҳри Самарқанд ба хондан меравам. Вале қиблагоҳам масличат доданд, ки касби савдогариро ташвишаш бисёр аст, биё ба Университети давлатии Тоҷикистон ба шаҳри Душанбе рав ва касби муаллимиро интихоб намо. Бо дуои падар ба факултаи табиатшиносӣ, ихтисоси биологияи Университет дохил шудам ва онро соли 1969 бо дипломи аъло хатм кардам.

Пас аз хатми Университет (1969) ба сабаби нарасидани офитсерон маро ба хизмати 2-солаи командири взвод даъват намуданд. Баъди хизмати ҳарбӣ, моҳи августи соли 1971 бо роҳхати Вазорати маорифи Тоҷикистон ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба кор омадам. Дар донишгоҳ аз августи соли 1971 то имрӯз - 48 сол дар вазифаҳои муаллим, муаллими калон, дотсент, доктори фалсафа, профессор, декани факулта, мудири кафедра, ноиби ректор оид ба тарбия ва 13 сол ноиби ректор оид ба таълим ва ҳоло профессори кафедраи фалсафа кору фаъолиятро давом дода истодаам. Ифтихор аз он дорам, ки имрӯзҳо обрӯ ва эътибори донишгоҳи азизам дар сатҳи ҷумҳурӣ ва берун аз он баланд гашта истодааст.

***Имрӯз Шуморо ҳамчун як олими тавоно дар доираҳои илмӣ мешиносанд ва ба шахсиятатон эҳтиром мегузоранд. То ба ин сатҳ расиданатон кӣ бештар кӯмакатон кардааст?***

- Қабл аз ҳама бо мададі Яздони пок ва баъдан дастгирии падар ва модари деҳқонзодаам. Дар давраи донишҷӯӣ (солҳои 1964-1969) падар ва модари деҳқонзодаам кӯмаки ҳамаҷониба менамуданд. Иловатан ҳар сол маро ба ноҳияи Шаҳритӯс ба ҷамоварии пахтаи маҳиннах мебурданд ва дар ҷамъбасти ин маърака маблағи муайян пайдо карда, баъди бозгашт ба шаҳри Душанбе барои худ сару либос харидорӣ менамудем.

Дар давоми таҳсил дар аспирантури Пажӯҳишгоҳи фалсафаи АИ собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (солҳои 1975-1978) 90 рубл идрор мегирифтам ва шабона дар як анбор бор фароварда, ба ман 100 рубли дигар ҳақ медоданд. Новобаста ба чунин вазъияти душвори зиндагӣ як сол пеш аз мӯҳлат (соли 1977) рисолаи номзадиямро ҳимоя намуда, ба Донишкадаи омӯзгории Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ баргаштам.

Солҳои 1987-1989 таҳсилро дар докторантураи Пажӯҳишгоҳи фалсафаи АИ собиқ СССР идома дода, соли 1991 рисолаи доктории хешро ҳимоя намуда, ба шаҳри Кӯлоб баргаштаам. То соли 1990 дар вазифаҳои гуногуни маъмурӣ кор ва фаъолият менамудам.

Соли 1980 аз Вазорати маорифи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мактуб оид ба иштироки олимони донишкада ва донишгоҳҳо дар озмун барои ноил гаштан ба роҳхати кор дар кишварҳои



хориҷӣ ворид гардид. Ман дар ин озмун барои фиристодан ба шаҳри Софияи Ҷумҳурии Булғория ноил гардида, моҳи октябри соли 1980 вориди сафоратхонаи Иттиҳоди Шӯравӣ дар шаҳри София гардидам. Ба ман роҳхати коромӯз-тадқиқотчиро ба Пажӯҳишгоҳи АИ Булғория дар шаҳри София супориданд. Ҳамин тавр, аз октябри 1980 то августи 1981 дар Пажӯҳишгоҳи номбурдаи шаҳри София кор ва фаъолият доштам. Барои ман ба нигоҳи илмӣ-фалсафӣ ва ҷаҳонбинӣ як университети дигар буд.

Чунон ки мебинед, дар ҳамаи зинаҳои тайкардаи ҳаёт ва фаъолияти хеш мустақилона, содиқона бо масъулияти баланд ва завқи бепоён ба касби худ кор карда, то ба имрӯз омада расидем.

***Собиқаи зиёди кори омӯзгорӣ доред. Бигӯед, ки касби омӯзгориро чӣ тавр дарёфтед ва кадом корҳои мушкилро дар ин самт пушти сар кардаед?***

- Ба ин саволи шумо ман дар саволи қаблӣ ҷавоб додам. Аввал бо розигии Яздони пок ва баъдан қиблагоҳам Сафаров Ибодулло, ки маро аз сафари Донишкадаи савдои шаҳри Самарқанд баргардониданд, даст ба дӯо бардоштанд, ки писарам касби муқаддаси омӯзгориро интихоб намоед. Мушкилоти пуштисар кардаамро дар ин роҳ аллакай дар саволи қаблӣ иброз доштам .

***Шумо, ки 7 сол ноиби ректор оид ба тарбия ва 13 сол ноиби ректор оид ба таълим кор кардаед, нахуст дар бораи тарбия ва баъдан дар бораи таълим чанд ҳарф мегуфтед.***

- Моҳи декабри 1993 буд, ректор академик Каримов С.К. маро даъват карда, пешниҳод намуданд, ки Шумо минбаъд ҳам вазифаи мудири кафедраи фалсафа ва ноиби ректор оид ба тарбияро пеш мебаред. Ин давраи идомаи ҷанги шаҳрвандӣ буд, бесарусомониҳо, қонуншиканиҳо, ғоратгариҳо, азҷумла донишгоҳро фаро гирифта буданд. Бо назардошти чунин ҳолати ташвишовар, маъмурияти донишгоҳ лозим шуморид, ки барои дуруст ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳии тарбиявӣ-сиёсӣ дар байни донишҷӯён, омӯзгорон, кормандон аз ҳисоби профессорон ва омӯзгорон гурӯҳи тарғиботӣ-ташвиқотӣ ташкил карда шавад. Бо гурӯҳи мазкур профессорон Ғуломов И.Н., Акбаров Р.А, Саидов Р.С., Азизов С.А., дотсентон Иброҳимов Г.И., Табаров М.Т., Азамов Х.С., Юнусов С.С., Мирзоев С.С., Мирзоев Ғ.М., Саидҷаъфаров Ш.С. ва дигарон шомил буданд. Дар машварати аввалини гурӯҳи мазкур масъалаи пешниҳоди мудири шуъбаи таълим ба миён гузошта шуд ва номзадии дотсент Иброҳимов Г.И. якдилона қабул гардид. Дар ҷаласаи мазкур мо ҳама ба хулосае омадем, ки бо сабаби кос-

*Идомааш дар саҳ. 10*

**Ибодов Маҳмадулло Орифович, олим, номзади илмҳои фалсафа (1977), доктори илмҳои фалсафа (1991), профессор (1992), Корманди шоистаи Тоҷикистон (2011), Аълочии маорифи Тоҷикистон (1998) мебошад.**

**Аъзои Шӯрои диссертатсионии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон (2010-2013), вакили мардумӣ дар Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Кӯлоб, раиси комиссияи доимии назди Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Кӯлоб "оид ба маориф, илм, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш, кор бо ҷавонон ва оила" (1985 - 2014) ҳаст.**

**Маҳмадулло Ибодов 15-уми октябри соли 1948 дар деҳаи Дошманди ноҳияи Мӯъминобод, дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Соли 1969 факултети биологияи Унверситети давлатии Тоҷикистонро бо баҳои аъло хатм намудааст. Солҳои 1971-1975 муаллим, муаллими калони кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. Солҳои 1975-1977 аспиранти Институти фалсафаи АИ собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ. Солҳои 1978-1980 декани факултети забон ва адабиёти рус, коромӯз-тадқиқотчии Институти фалсафаи АИ Булғория (1980-1981), докторанти Институти фалсафаи АИ собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (1987-1989), мудири кафедраи фалсафа (1989-1993), ноиби ректор оид ба корҳои тарбиявӣ (1993-2000), ноиби ректор оид ба таълиму тарбия (2000-2005), ноиби ректор оид ба таълим (2005-2013), профессори кафедраи фалсафа (2013 то имрӯз).**

**Соли 1977 натиҷаи корҳои илмии худро дар мавзӯи "Дар бораи асосҳои диалектикӣ-материалистии консепсияи дараҷаҳои сохтори низомҳои материалӣ" дар шаҳри Маскав рисолаи номзадиро дифоъ намудааст. Соли 1991 бошад, рисолаи доктории таҳти роҳбарии яке аз олимони намоёни собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, профессор В.А. Лекторский дар мавзӯи "Самтноки ва прогресс дар таҳаввулоти табиати зинда" (таҳлили методологӣ) дар шаҳри Маскав ҳимоя намудааст.**

**Ӯ дар рисолаи доктории хеш аввалин маротиба аҳамияти фалсафӣ ва методологии категорияи "самтноки"-ро дар раванди таҳаввулоти табиати зинда исбот намудааст.**

**Яке аз аввалинҳо шуда аҳамияти фалсафӣ ва ҷаҳонбинии "принсипи антропӣ"-ро барои фалсафаи илми муосир пешниҳод намудааст.**

**Маҳз дар заминаи ин тадқиқоту пажӯҳишот бо роҳбарӣ ва дастурҳои ӯ 5 нафар оид ба масъалаҳои рӯзмараи фалсафаи муосир рисолаҳои номзадӣ Турева З., Ғулаҳмадов Ш., Назаров Р.Н., Қурбонов А.Ш., Шамолов А., Қодиров К.Б., рисолаҳои докторӣ ҳимоя намуданд.**

**Профессор Ибодов М.О. муаллифи бештар аз 60 асару мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 9 монография ва 6 дастури ёрирасони таълимӣ ва 44 мақолаи илмӣ мебошад.**

*Зи меъроҷи мансаб маҷӯ пойдорӣ,*
*Ки дар ях бувад пой ин нардбонро.* Соиб



# МАҲМАДУЛЛО ИБОДОВ: ДАР ИЛМ БОЯД ПРИНСИПИ БЕҒАРАЗӢ РИОЯ КАРДА ШАВАД!



*Идома аз саҳ. 9*

та гардидани обрӯи омӯзгор, мо пайваста баланд бардоштани "Идеали омӯзгор"-ро тарғибу ташвиқ намоем. Омӯзгоронро вазифадор намоем, ки барои шогирдон намунаи ибрат, ҳамдард, ғамхору дилсӯз бошанд. Вале дар он давра фаъолияти омӯзгорон вазнин буд. Дар фасли зимистон барқ намешуд, боми қариб ҳамаи синфхонаҳо мечакид, мизу курсиҳо, тахтаҳои синф таъмирталаб буданд. Маводҳо ва лавозимоти таълимӣ намерасиданд, вале мо рӯҳафтода намешудем, тавассути сабру таҳаммул ва талошҳои маъмурият, устодон, кормандон ва донишҷӯёни мо ин рӯзҳои сангинро паси сар намуда, ба рӯзҳои нек низ расидем. Ин давра солҳои 1993-2000 буд.

Соли хониши 2000-2001 фаро расид ва ректор академик Каримов С.К. маро даъват намуда гуфтанд, ки акнун мо бояд диққати ҷиддиро ба ташкил ва рушду нумӯи раванди таълим диҳем ва маро ба вазифаи ноиби ректор оид ба таълим ба Вазорати маорифи Тоҷикистон пешниҳод намуданд. Дар он шароите, ки ҳоло зикр кардем, ташкилӣ, такмил ва рушди раванди таълим кори осон набуд. Дар биноҳои таълимӣ оддитарин шароит барои раванди таълим муҳайё набуд, китобҳои дарсӣ намерасиданд, лабаратория, озмоишгоҳҳо ва ғайра кӯҳна шуда буданд. Нақшаҳои таълимӣ пай дар пай тағйир меёфтанд, омӯзгорон маоши ночиз мегирифтанд, донишҷӯён бо як дафтари "энсиклопедӣ" ба дарс меомаданд. Китобхонаи донишгоҳ қариб ки холӣ буд ва дигар мушкилоте, ки шарҳи пурраи онҳо навиштани мухтасари алоҳидаро талаб менамояд. Вале новобаста ба ин ҳолат бо дастгирии ҳамагон раванди таълим дар донишгоҳ мушкилиро убур карда, ба як низоми муайян дароварда шуд. Дар ин ҷода саҳми маъмурияти донишгоҳ, Шӯрои олимон, Шӯрои илмӣ-методӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ қобили қайд мебошад. Дар ҷаласаҳои онҳо мавриди арзёбӣ қарор додани усулҳои навини таълиму тарбия, таҷрибаи пешқадам, дастовардҳои илмӣ-педагогии ҳайати омӯзгорон, баррасии масъалаҳои педагогӣ ва психологии мактабу маориф ва амсоли онҳо барои таълими минбаъдаи раванди таълим саҳми муносиб гузошта буд.

Имрӯз боиси ифтихор ва хушнудии ҳайати донишгоҳ аст, ки бо дастгирии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои ҳозиразамони маъмурӣ, таълимӣ қомат афрохтааст, ки дар он кафедраҳо, синфхонаҳо бо асбобу анҷомҳои замонавӣ, марказҳои таҳлилӣ, маркази интернет, китобхонаи электронӣ муҷаҳҳаз гардонида шудаанд. Аммо дараҷаи сифати таълим ва тарбия ба талаботи рӯз ҷавобгӯ нест. Оид ба ин Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронии хеш 10-уми сентябри соли 2019 дар кушодани боғи фарҳангӣ-фароғатии ба номи Сайдалӣ Вализода донишгоҳ изҳори нигаронӣ намуданд.

Барои донишҷӯён ва магистрантҳои имрӯза тамоми шароитҳои моддӣ-техникӣ ва иттилоотӣ таъмину муҳайё мебошад, вале мутаассифона шавқу завқ ба китобхонӣ, ба дарс, масъулияти ҷиддӣ нисбат ба аз худ намудани талаботи нақша ва барномаҳои таълимӣ, иҷрои корҳои мустақилона, супоридани рейтингҳо ва амсоли онҳо мутобиқи талаботи рӯз ба роҳ монда нашудааст.

Дар ин вазъият вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки ба касби хеш натанҳо чун воситаи пешбурди зиндагӣ муносибат намояд, ҳамчунин кӯшиш намояд, ки фанни таълимии худро чун муттахасис донад, завқи онро дар зеҳни шогирдон ҷой дода тавонад ва маҳсули кори худро боадолатона талаб намояд.

***Ба назари таҳлилгарон донишҷӯёни имрӯза аз мутолиа хеле дур шуданд. Онҳо китобхонаҳои зебои беҳонандаро далел меоранд. Ба фикри Шумо чаро эътимоди донишандӯзон нисбат ба хондан аз байн рафтааст?***

- Дар илми фалсафа ин ҳолатро бегонашавӣ меноманд, ки сабабҳои иҷтимоӣ-таърихӣ, психологӣ, фарҳангӣ ва ғайраҳоро дорад. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ муносибати хонандагон, донишҷӯён бамаротиб нисбат ба дарс, китобхонӣ ва ҳурмату эҳтироми муаллим коста гардида буд.

Мутаассифона, ин иллати номатлуб дар мафкураи ҷомеа як давраи муайян идома ёфта буд, ки хушбахтона, солҳои охир ҳалли худо ёфта истодааст.

Сабаби дигар дар он аст, ки олимон ва коршиносони маъруф ҷомеаи имрӯзаро "иттилоотӣ-технологӣ"номгузорӣ намудаанд, ки дар он истифодаи воситаҳо ва дастгоҳҳои иттилоотӣ-техникӣ, аз қабили китобхонаи электронӣ, интернет, почтаи электоронӣ, видеокамераҳо, телефонҳои электронӣ (мобилӣ), низомҳои радиотехникӣ ва амсоли инҳо ба мадди аввал гузошта шудааст. Донишҷӯёни имрӯза аз ин воситаҳои зикргардида пурра бархӯрдор буда, тавҷҷӯҳи онҳо ба мутолиаи китоб дар китобхона паст гардида истодааст.

***Ба назари Шумо ҳоло соҳаи маориф кадом мушкилот дорад ва шумо меҳоҳед, ки онҳо ислоҳ шаванд?***

- Масъалаи асосие, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон илму маорифи ҷумҳурӣ гузоштаанд, ин баланд бардоштани дараҷаи сифати таълиму тарбия мебошад.

Таёр намудани мутахасисон барои соҳаҳои гуногуни ҳоҷагии халқ мутобиқи талаботи бозори меҳнат, ба мақсад мувофиқ мебошад.

Мутобиқ гардонидани раванди таълим ва таёр намудани кадрҳои баландихтисосро ба стандартҳои байналмилалии таҳсилоти илмии касбӣ боз ҳам ташкил додан лозим аст.

Ба андешаи мо, пай дар пай ва бемаврид ивааз шудани нақша ва барномаҳои таълим, ҳамчунин китобҳои дарсӣ ба шиддату самаранокии раванди таълим таъсири манфӣ мерасонад. Дар гузашта нақшаҳои таълимии "Бакалавр" 4+1 "Мутахассис" то 5 сол амал карда, баъдан мутобиқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ тағйир дода шуда буданд. Раванди таълим бошад, бонизом ва бе мушкилот мегузашт. Чунон ки маълум аст, норасоии кадрҳои баландихтисос дар соҳаи забони англисӣ, чинӣ (хитоӣ), олмонӣ, русӣ эҳсос карда мешуд. Ҳамчунин, эҳтиёҷот ба мутахасисони болаёқат дар соҳаи радиофизика, радиоэлектроника, информатика-барномасоз, технологияҳои информатсионӣ ва риёзиёт, ки тамоми соҳаҳоро дар бар мегирад, ҷой дорад. Дар таърихи фалсафа омадааст, ки аҳамияти риёзиётро ҳанӯз дар Юнони Қадим Арасту, Пифагор, Эвклид ва дигарон гузошта буданд. Дар даромадгоҳи Академияи Афлотун шиори зерин навишта шуда буд: "Касе риёзиётро намедонад, даромадан манъ аст".

Дар лаборатория ва озмоишгоҳҳои фанҳои дақиқи донишкада ва донишгоҳҳои ҷумҳурӣ воситаҳои техникӣ-таълимӣ ва асбобу анҷомҳо аз давраи Шӯравӣ мерос мондаанд, бисёри онҳо кӯҳнашоям гаштаанд. Хуб мешуд, ки барои аз нав таҳҷизонидани онҳо чораҳои судманд андешида шавад. Аз сабаби камбудии маблағ донишкада ва донишгоҳҳо имкони харидорӣ намудани онҳоро надоранд. Дар ин ҷо иҷозати дастгоҳҳои Ҳукумат ва Вазорати маориф ва илм лозим аст.

Дар ҳамаи мактабҳои олӣ теъдоди муайяни донишҷӯёни оиладор таҳсил менамоянд ва қисми зиёди онҳо иҷоранишин мебошанд. Хуб мешуд, ки барои онҳо хобгоҳи алоҳида ташкил карда шавад.

Масъалаи дигар, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷумҳурии моро ба ташвиш овардааст, терроризм ва ифротгароӣ мебошад. Иддае аз ҷавонони суст иродаи мо бо роҳу воситаҳои гуногун ба ин гурӯҳҳое, ки на дин, на мазҳаб ва на миллат доранд, шомил мешаванд. Аз ин рӯ, масъулини соҳаи маорифи ҷумҳуриро лозим аст, ки дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро ба роҳбарӣ гирифта, ҳушёриву зиракии сиёсиро аз даст надода, ба масъалаи гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои низоъандоз, ифродгаро ва террористӣ диққати боз ҳам ҷиддӣ диҳанд.

***Омӯзгори имрӯзарао чӣ гуна дидан меҳоҳед?***

- Чунон ки маълум аст, бузургмардони олам омӯзгорро "хуршеди оламтоб" номида, назди ӯ сари таъзим фуруд овардаанд. Омӯзгор тарғибгари илму дониш, ахлоқи ҳамида, фарҳангу фазилати инсонӣ мебошад. Вай тамоми ҳастии хешро ба шогирдон ва соҳиби маърифату илм гардонидани онҳо мебахшад. Чунин хислатҳоро мо дар симои устоди донишгоҳ педагог ва методисти маъруфи ҷумҳурӣ, профессор Ғуломов Ислом мебинем. Устод Ғуломов Исломро аз давраи аввали ба донишгоҳ ба кор омаданам (соли 1971) мешиносам. Ӯ дар давоми таҷрибаи зиёда аз 50-солаи педагогии хеш ҳачун омӯзгори поквиҷдон, хушахлоқ, хайрхоҳ, серталаб ва дорои дигар фазилатҳои инсонӣ кор карда, сазовори ҳурмату эҳтироми умум, агар гӯем хато намекунем "Идеали омӯзгор" гардидааст. Орзӯи онро дорем, ки дигар омӯзгорон аз устод Ғуломов И.Н. сабақ омӯхта, пайравии ӯро намоянд.

***Мегуфтед, ки муносибат ба илм чӣ гуна бояд бошад?***

- Талаботи асосӣ дар фаъолияти илмӣ идеяҳои худро пешниҳод ва чоп кардан лозим аст. Дар мунозираи илмӣ ба хусусиятҳои шахсии мусоҳиб кордор шудан ҷоиз нест. Натиҷаҳои мусбат ва манфии тадқиқоти худро ба саҳми ҷамоаи илмӣ расонидан лозим аст.

Агар барои асоснок намудани кори илмӣ-тадқиқотӣ истифода аз натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии муаллифони дигар лозим мешавад, дар повараќ овардани иқтибос ҳатмист. Забони илм бояд ба принсипҳо ва талаботи илми мантиқ ҷавобгӯ бошад. Баъзан забони муоширати илмӣ натанҳо дар соҳаҳои ҳамшафат, инчунин дар ҳамон як соҳаи илм мушкилфаҳм аст.

Дар илм бояд принсипи беғаразӣ риоя карда шавад. Бояд, ки ҳақиқат мақсади асосии ҳар як олим бошад. Дигар паҳлӯҳо, аз он ҷумла, самараи пулию молӣ, обрӯ ва шарафёбӣ дуюминдараҷа мебошанд.

Агар олим боварӣ ҳосил кард, ки идея, консепсия, назарияи эътимодбахш нестанд, бояд мардонавор аз онҳо даст кашад ва дигар талабот низ ҷо доранд.

***Устоди азиз, ба назари Шумо барои ҳимояи рисолаи номзадӣ чанд сол лозим аст, то муҳаққиқ онро дифоъ кунад?***

- Дар давраи Шӯравӣ барои номзади илми шудан ҳатман як сол зинаи коромӯзиро мегузашт ва баъдан 3 сол дар зинаи аспирантура таҳсил менамуд. Дар он давра аксари тадқиқотчиён дар 3 сол рисолаи номзадӣ ҳимоя мекарданд. Ҳоло бо истифода аз имкониятҳои иттилоотӣ-технологӣ (китобхонаи элетронӣ, интернет ва амсоли инҳо) тадқиқотчӣ метавонад дар 2 сол рисолаи номзадии хешро ҳимоя намояд. Албата, агар муҳақиқ масъулиятшинос ва завқи кори илмӣ бурданро дошта бошад. Роҳи дигар ин бурдани кори илмӣ дар зинаи коромӯзӣ мебошад. Муҳаққиқ метавонад дар 2 ва зиёд сол рисолаи худро аз рӯи принсипи "Бо кӯшишу тавон, шавад ҳамоғӯши кон" ҳимоя намояд.

***Ба фикри Шумо кадом омилҳоро сабаби паст шудани ахлоқи ҷомеа мегардад?***

- Масъалаи мазкур муракаб ва гуногунҷабҳа мебошад. Таҷрибаи таърихӣ собит менамояд, ки пойдор набудани ҳамҷурии (диалектикаи) инсон ва ҷамъият дар ҳар замона боиси коста гардидани маънавиист, қабл аз ҳама ахлоқ мегардад. Ба андешаи мо инсони имрӯза бештар ба соҳибкорӣ, истеҳсолоти саноатӣ ва дигар соҳаҳои корчалонӣ ва амсоли онҳо бештар ҷалб шудааст. Вай ғолибан барои ба даст даровардани фоида (пул), чизҳои арзишнок ва молу мулки арзишманд майл дорад. Вале ӯ аз бархӯрдоршавӣ аз фарҳанги солими маънавӣ, азҷумла ахлоқи ҳамида худро дар канор мегирад. Ин яке аз омилҳои асосии паст шудани ахлоқи ҷомеа ба шумор меравад. Омилҳои дигар чунин мебошанд:

- афзоиши беадолатии иҷтимоӣ;
- бекорӣ, қаллобӣ, қонуншиканӣ, таъаҷҷӯӣ;
- паст шудани сатҳи зиндагӣ;
- паст будани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ;
- бедиққатӣ ба ҳуқуқу манфиатҳои шахс;
- паст будани сифати таълиму тарбия;
- хавфи гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои номатлуби террористӣ ва ифротӣ.

Мақсад фақат барои паст задани дастовардҳои миллӣ, расонидани зарар ба маънавиёти ҷомеа, барангехтани низои миллӣ, тағйири сохти қонунӣ (конститутсионӣ) ва дигар амалҳои номатлуб мебошад, ки албатта ба ахлоқи ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад.

***Таманиёти Шумо ба наврасон, донишҷӯён ва омӯзгорони ҷавон чист?***

- Аз даргоҳи Яздони пок ба ҳамагон сиҳативу саломатӣ, аз бар кардани донашҳои замонавӣ, иқболу обрӯ, муваффақияту комёбиҳои бенуқсро дар зиндагию таҳсил, фатҳи қуллаҳои баланди илму маърифатро таманно дорам. Ҳамагон бояд ҳушёриву зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд, аз падидаҳои номатлубе, ки ҷомеаро зери хатар монда истодааст, худро эмин нигоҳ доранд, муҳофизони ҳақиқии кишвари биҳиштосои худ бошанд.

Ташаккур, барои суҳбати самимӣ.

- Сипосгузорам.

*Мусоҳиб*
***Ҷаҳонгир РУСТАМШО***

*Золим ба зулми хеш гирифтор мешавад,*
*Аз печутоб нест раҳоӣ камандро.* *Соиб*



# МУАЛЛИМРО БА МУЪАЛЛИМ БАРГАРДОНЕД!

***Муаллим бояд кори худро бидонад ва ба масъулияти сангини худ таваҷҷӯҳи ҷиддӣ дошта бошад. Омӯзгор метавонад шахсони шоиста тарбия намояд, ӯ қодир аст, ки ҳатто одами бадкирдорро некӯ гардонад. Ҳеҷ ибодате беҳтар аз муаллимӣ нест.***
***Ҳусейн Мазоирӣ***



***Муҳаммад САИДЗОД,***
***саромӯзгори кафедраи забонҳои хориҷӣ***

Муаллим, омӯзгор вожаҳое ҳастанд, ки барои фарзанди инсон ошною муқаддас аст. Зери ин калимаҳои бузург омӯзандаи илму дониш, фарҳангу адаб ва пешвою оинаи миллат таҷассум меёбад. Муаллим шахси барӯмандест, ки аз хурдӣ инсонро илму адаб омӯхта, ӯро ба воя мерасонад. Ӯ бузургшахсест, ки дар баробари волидони мунису ғамхор касро олами маънӣ меомӯзонад. Муаллимро имрӯз метавонем ба равшангари шоми шогирдон ташбеҳ диҳем, нуре гӯем, ки чашмони шогирдонро равшанӣ мебахшад, оламро мунаввар ва мушкили ҳамаро осон мегардонад.

Муаллим ба қавли бузургон муҳандиси рӯҳии инсон аст. Тавре ки муҳандис нақша ё сохмони ягон кореро ташкил медиҳад, муаллим низ аз рӯзи аввал ба шогирдон адаб меомӯзад ва онҳоро ба ҳаёти солими оянда омода месозад. Муаллимро оинаи халқ мегӯянд. Оинае, ки ба он нигариста камбудиву нуқсонҳоро бартараф мекунанд. Яъне, омӯзгор ибратомӯзест, ки ҳар калому ҳар нигоҳу ҳар қадамаш саропо ибрати соҳибдилон аст.

Хуррам онест, ки сазовори номи бузургу ин касби пуршараф аст. Омӯзгорӣ касби ниҳоят пуршараф аст ва омӯзгор касест, ки ҳамеша дар ҷустуҷӯи навоварист. Аммо донистану аз худ кардани навоварию ҷамъи рафтору гуфтори нек ба ҳар кас ба осонӣ муяссар намешавад. Чандон осон нест, ки аз тифле, ки аз олами маънӣ хабаре надорад, олиме сохт.

Дар урфият мегӯянд, ки "Ҷабри устод беҳ аз меҳри падар". Оре, зеро падар аз ҳаёт ва устод аз нақот бахра медиҳад. Қабл аз ҳазор сол бузургони мо баҳри эҳтироми устод гуфтанду то ба ҳол мегӯянд.

***Ҳар ки бе устод кард огози кор,***
***Кору бори ӯ надорад эътибор.***

Мегуфтанд, ки омӯзгор то замони мавт омӯзгор мемонад ва ҳам марги ӯ дарси дигаре барои инсонҳост. Мегуфтанд, ки омӯзгор барои омӯзиши башар аз Офаридгор дастур дорад ва бад-он мардумро ҳидоят менамояд. Мегуфтанд, ки якумин омӯзгор Парвардигор аст, зеро илмро ба Одам (а) додааст.

Мегуфтанд, ки омӯзгорӣ касби паёмбарист, зеро ҳар як паёмбар омӯзгори умматҳои худ буд. Яъне, мартабаи омӯзгорро аз падар боло дониста, ҳеҷ касро бештару беҳтар аз он гиромӣ намедоштанд.

Ҳикояи аҷибе ба хотирам расид, ки Аттори Нишопурӣ, дар "Тазкиратулавлиё"-и худ оварда: "Имоми Аъзам рӯзе мегузашт. Кӯдакеро дид, ки дар гил бимонда. Гуфт: "Гӯш дор, наяфтӣ". Кӯдак гуфт: "Афтодани ман саҳл аст. Агар биафтам, танҳо бошам. Аммо ту гӯш дор, агар поят билағжад, ҳама мусулмонон, ки аз паси ту оянд, билағжанд ва бархостани ҳама душвор бувад".

Имом бигрист ва асҳобро гуфт: "Зинҳор, агар шуморо дар масъалае чизе зоҳир шавад ва далеле рӯшантар намояд, дар он мутобиати ман макунед ва ба тақлиди ман таҳқиқи худро мамонед".

Пушида нест, ки омӯзгор чароғи маърифатро фурӯзон дошта, қабл аз вафот ба ҷои худ омӯзгоре тарбия карда, сипас ҷаҳонро падруд мегӯяд.

Таърих гувоҳ аст, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ 5 ҳазор омӯзгор ва устод ба ҳимояи Ватан бархостанд. Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар замони соҳибистиқлолии кишвар соҳаи маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат хонд. Инчунин, маорифро омили асосии таҳкими давлат ва наҷоти миллат арзёбӣ кард.

Бо амри Сардори давлат Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф таъсис ёфт ва бори аввал соли 2006, дар арафаи Рӯзи омӯзгор панҷ нафар фидоӣ ва собиқадори соҳаро сарфароз гардониданд.

Акнун сари масъалаи асосӣ бармегардем. Мо дар арафи Иди омӯзгор қарор дорем, вале касе ба ҷуз худи муаллим аз ин ид огоҳ нест. Албатта, касоне, ки аз ин рӯз огаҳӣ доранд, бо як табрики хушку холии шифоҳӣ дигар чизеро раво намебинанд. Дар донишгоҳҳои кишвар каме ба ёд мерасад, аммо дар муассисаҳо не. Агар амиқан аз рӯйи инсоф нигарем, муаллим ҳамон шахсест, ки тамоми вазирону кабирон, олимону сиёсатмадорони машҳури ҷаҳонӣ аз ҳамин нафар сабақ омӯхтаанд. Бо он ки шӯҳрати ҷаҳонӣ касб кардаанд, пойдевори ҳама илму дастовардҳу сиёсату салобаташон маҳз аз ҳузури муаллим оғоз шудааст. Пас, агар чунин бошад, кадоме аз мо гуфта метавонад, ки маҳз дар Рӯзи муаллим ягон барнома дар ТВ ва ё ягон намоише дар театр баргузор гардидааст? Кадоме аз мо гуфта метавонад, ки маҳз дар Иди муаллимон конфронси васеи илмиву оммавӣ баргузор гардидааст?

Мебояд, ки Иди муаллим чунон ҷашн гирифта шавад, ки лоақал тамоми муҳассилину донишҷӯ эҳсос кунанд, ки ин рӯз рӯзи муқаррарӣ нест. Бигзор нафароне, ки муассисаро хатм кардаанд, ба мактабу донишгоҳ омада, аз ҳоли муаллим бохабар гарданд. Ин рӯз бояд рӯзи шодию фараҳ, рӯзи қаҳрамони муаллимон ва рӯзи хиради милати тоҷик бошад.

Мутаассифона, иди муаллимон хеле заминиву хоксорона мегузараду касе аз гузаштанаш эҳсос намекунад, ҳатто муҳассилину донишҷӯ низ. Бояд фаромӯш накард, ки муаллимон аз қаҳрамон - ҷанговаран кам нестанд. Таърих гувоҳ аст, ки дар замони сангини ҷанги алайҳи фашизм муаллимон қаҳрамонӣ нишон доданд, таълиму тадрисро ба ивази маоши ночиз, ки як хӯша гандуму як коса атола буд, шарафмандона ба ҷой оварданд. Аз ҳама муҳим, таърихи навини тоҷикон, ки аз соли 1990 оғоз меёбад, дар лаҳзаҳои мушкилтарини ҷанги шаҳрвандӣ муаллимон нафақат бо маоши ночиз, ҳатто солҳо бепул кор карданд. Мактабу донишгоҳро мисли ибодатгоҳ муқаддас донистанд, дилашонро аз онҷо канда натавонистанд, бо сарулибоси солҳои шӯравӣ харидаашон ба мактабу донишгоҳ омаданд, насли наврасро аз бесаводӣ наҷот доданд. Ҳатто солҳои 1995-1996 муаллимон дар ивази як дона нон кор карданд.

Ба гумони ман, беҳтарин қаҳрамонии таърихи Тоҷикистони навин ин бемаош кор кардани муаллимон аст. Заводу фабрикаҳо қатъи фаъолият намуданд, баъзе ташкилоту муассисаҳо комилан аз байн рафтанд. Ҳатто бо чапону калӯш ба дарс мерафтанд. Воқеан, ин қаҳрамонӣ аст. Ин далелро ҳама медонанд ва касе чунин рӯзҳои паси сар кардаи муаллимонро инкор карда наметавонад. Садҳо заводу фабрикаҳо, ташкилоту муассисаҳо ба хотири он, ки маош набуд ва агар бошад ҳам, ночиз буд, тарки фаъолият карданд. Аммо муаллим тарки касбу ватаи муқаддас карда натавонист. Магар ин қаҳрамонӣ нест? Магар чунин қаҳрамонии муаллимон шоистаи қадрдонӣ нест? Магар дар маркази шаҳрҳо зиёратгоҳ ва ё макони гиромидошти муаллимон сохтан бори дигар исбот намекунад, ки халқи адабпарвару хирадманди тоҷик заҳмату меҳнати муаллимро дар ҷойи нахуст медонад? Ҳадди ақал, барои гиромидошти муаллимоне, ки солҳои ҷанги шаҳрвандӣ фаъолият намуданд, муҷассамаи рамзӣ сохтан аз манфиат холӣ нест.

Аммо дар қиёси он, ки муаллими тоҷик қаҳрамонӣ нишон додааст, ягон миллате ба гумони ман чунин қаҳрамонии бемаоширо паси сар накардааст.



**МУАЛЛИМ Ё МУЪАЛЛИМ?**

Калимаи "муаллим", ки дар асл бояд "муъаллим" бар вазни "муфаъъил" бошад, зеро дар забони арабӣ калимаи "муаллим" аст ва боз калимаи "муъаллим". Муаллим аз калимаи "алама" гирифта шуда, маънои "касалӣ", "беҳолу бемадору бечора"-ро мемонад. Аммо маънои "муъаллим" бошад аз калимаи "ъалама" гирифта шуда, маънояш "илмдиҳанда", "таълимдиҳанда", "мударрис" мебошад. Дар бораи муаллим ва муъаллим аз як устодам пурсидам, ки чаро муаллим шуд на муъаллим? Ҷавоби хело оқилона дод, ки дар қонуни қабулнамудаи кумитаи забон ҳарфи "ъ" дар мобайни ду садонок намеояд, илло "фаъолият" ва "фаъол". Акнун бинед, ки забондонҳои муосири мо барои калимаи "фаъолият" иҷозаи омадани ҳарфи "ъ" дар байни ду садонокро доданду калимаи бузурге, ки номаи "муъаллим" аст, надоданд. Банда бар он назарам, ки агар қолоби грамматикаи забони тоҷикӣ шиканад низ, муаллимро бар "муъаллим" иваз намоянд, зеро дар шаъни муаллим, ин "касалӣ" ва "дардманд" намеғунҷад.

---




# ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОЙ...

***Китоб на танҳо сарчашмаи дониш, балки воситаи муҳимми тарбияи маънавии инсон аст.***
***Эмомалӣ Раҳмон***

Боиси ифтихор аст, ки соли равон бо ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатӣ озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доной…" баргузор мегардад.

Китобат кардан, дар шакли китоб даровардани илмҳои гуногуни дунявӣ ҳанӯз аз асрҳои X-XI пеш аз мелод оғоз гардида буд. Батлимуси дувум (283-246 то мелод) тамоми аҳли умум ва адаби Отин ва соири шаҳрҳои Юнонро ба Искандария хонд. Онҳо якҷоя бо уламои Миср, билоди Машриқзамин ва Осиёи Марказӣ дар якҷоягӣ донишгоҳҳову китобхонаҳо ва музейҳо ташкил намуданд. Дар он айём калонтарин китобхона дар Искандария сохта шуд, ки яке аз китобхонаҳои машҳури дунё маҳсуб ёфта, теъдоди китобҳои он ба 700 ҳазор нусха мерасид. Ҳар китобе, ки вориди Миср мешуд, ҳатман ба он китобхона супурда шуда, нусхабардорӣ мешуд ва нусхаеро низ ба соҳиби китоб медоданд. Китобхона шомили ду толори бузург буда, китобҳояш бо як тарзи зарифона чида шуда буданд ва феҳрасте дошт, ки он хусусияти ҳар як китоб, замони таълифи онро шарҳ медод. Ин китобхона маъхазе буд, ки баъдан илмҳои гуногун аз он сарчашма гирифтанд.

Дар хусуси китоб ва аҳамияту мақоми он дар ҷомеа тамоми бузургони олам суханҳои хубу марғуб гуфтаанд. Аз ҷумла, бузурге мефармояд: "Китоб мунис ва ғамгусори авқот, ӯст, ки ҳузну андӯҳро бар сурури шодмонӣ табдил мекунад".

Маҳз ҳамин китоб аст, ки тамоми ҷаҳони беканори маънавии инсониятро дар худ нигоҳ медорад. Охир ҳамин китоб аст, ки тамоми боигарии маънавии навъи башарро нигоҳ дошта, наслҳои инсониро ба ҳамдигар мепайвандад, гузаштаю ҳозира ваояндаи башариятро пайванди ногусастанӣ мебахшад.

Дар яке аз ёдгориҳои адабии арабии асри XIV чунин ҷумлаҳо сабт гардидаанд: "Китоб ин машкест пур аз донишу фаросату заковат, зарфест лабрези ҷиддияту ширинкорӣ. Чи хуш гулистонест, ки дар бордони сафарӣ ҷой мегирад ва аҷаб боғи зебоест, ки ҳар гоҳ хоҳӣ, дар наздат густурда мешавад. Оё ту дар хусуси дарахте, ки дар ҳар фасл дорои меваҳои гуногуни хӯрданӣ ва мухталифтаъм аст, шунидаӣ? Оё ту дар бораи дарахти хушкнашаванда ё гуле, ки ҳеҷ гоҳ пажмурда намешавад, ё мевае, ки умуман вайрон намешавад, маълумот дорӣ? Бале, ин китоб аст-даҳмаи асрор, маҳзани ҷавоҳирот, хазинаи улум, сарчашмаи ҳикмат, кони шарофату ҷавонмардӣ". Донишмандон аз қадим боз китобро ба ситораҳои тобон ва нурҳои офтоб ташбеҳ намудаанд.

Бузургони гузаштаи мо дар талаби илму дониш тамоми имкониятҳои худро истифода мебурданд, то ки барои беҳбудии илм ва фарҳанги миллати хеш китобе таълиф намоянд. Яке аз чунин шахсиятҳо Муҳаммад Закариёи Розӣ буд, ки бо асарҳои пурҳикмати худ дар соҳаҳои гуногуни илм, аз ҷумла тиб хизмати босазое кардааст. Чунончи дар рисолаи "Сирати фалсафӣ" муаллиф мегӯяд: "Алоқаи ман ба дониш ва ҳирсу иҷтиҳодеро, ки дар андӯхтани он доштаам, онон, ки муошири ман будаанд, медонанд ва дидаанд, ки чӣ гуна аз айёми ҷавонӣ то кунун умри худро вақфи он кардам, то он ҷо ки агар чунин иттифоқ меафтод, ки китоберо нохонда ва ё донишмандеро мулоқот накарда будам, то аз ин кор фароғат намеёфтам ба амри дигаре намепардохтам. Ва агар дар ин марҳала зарари азим дар пеш буд, то он китоберо намехондам ва аз он донишманд истифода намекардам, аз пой наменишастам".

Пас, мо бояд сараввал китоб хонем ва ғизои маънавӣ гирем, то моро аз зарари амалҳои ношоиста эмин нигоҳ дорад. Сулҳу суботи ҷомеа, ваҳдату ягонагии мардум, тараққиёти илму фарҳанг ва иқтисодиёти кишвар ба ақлу хирад, шуур ва донишу ашхоси ҷомеа вобастагӣ дорад.

***Бахтинисо АЛИЕВА,***
***омӯзгори кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он,***
***Гулрухсор АЛИЕВА,***
***омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №30-и шаҳри***

*Чун саггазидае, ки наёрад ба об дид,*
*Оина мегазад мани одамгазидаро.* Соиб

Анвори дониш
№13 (295), ПАНҶШАНБЕ, 17.10.2019

# МИНБАРИ

## ОРИЁИҲО КИСТАНД?

***Фазилатмоҳ БАРФАКЗОДА,***
***донишҷӯи соли 3-юми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика***



Маънои калимаи "Ориёӣ" асилзода аст. Ин ном тақрибан ба маҷмӯи сафедпӯстони Осиё ва Аврупо тааллуқ дорад. Ориёиҳо (arianha) ё Ориёҳо (ariaha) шохаи васеъе аз нажоди сафед, ки дар айёми бостонӣ дар Ирон, Ҳинд ва Аврупо мондагор шудааст. Ҷуғрофидонони Юнони Қадим қисмате аз Эронро Ориёно ном ниҳодаанд.

Ориёиҳо мардумоне буданд, ки нахуст дар бахшҳое аз сарзамини Сибири Руссия мезистанд ва аз ҳудуди се ҳазору панҷсад сол пеш ба сарзаминҳое, ки имрӯза Осиёи Миёна, Афғонистон, Ҳинд, Покистон ва Ирон номида мешаванд, зиндагӣ карданд ва дар ин сарзаминҳо мондагор шуданд. Ба ҳамин сабаб онҳоро ҳиндуиронӣ низ номидаанд. Номи ориёиро, ки ба маънии шариф ё озода донистаанд, қабилаҳое, ки ба Ҳинду Ирон роҳ ёфтанд, ба худ дода буданд.

Номи Ирон ба маънии сарзамини ориёиҳо низ аз ҳамин вожа гирифта шудааст. Ҷудо шудани қабилаҳои ориёӣ аз якдигар ва кӯч кардани онҳо ба сарзаминҳои тоза дар як замон сурат нагирифт.

Дар китобҳои дини бостонии зардуштиён номи сарзамини нахусгини ориёиҳо Иронвиҷ хонда шудааст. Ба гуфтаи Авасто - китоби динии ирониёни бостон ва зардуштиён Иронвиҷ сарзамине аст, ки дар он ҷо даҳ моҳ аз сол зимистон аст ва ду моҳи тобисгон низ бисёр сард аст. Бостоншиносон ва пажӯҳишгарон ақида доранд, ки ориёиҳо нахуст дар сарзаминҳои наздики рӯди Енисей зиндагӣ мекарданд. Ин рӯд, ки наздик ба 3800 клометр дарозо дорад.

Мардуми ориёӣ дорои хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ва одобу рафтори накӯ буданд ва аз он нафароне ба ҳисоб мерафтанд, ки аввалин шуда ба зироаткорӣ, кафшдӯзӣ ва чорвопарварӣ машғул шуданд. Ориёиҳо аз он нафароне ба ҳисоб мерафтанд, ки рафтори нек, кирдори нек ва пиндори накӯро яке аз вежагиҳои аввалини худ меҳисобиданд.

**Манбаъ: "Ориёиҳо кистанд ва ватани онҳо куҷост?", муаллиф Қаҳҳор Расулиён.**

## РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР ТОҶИКИСТОН



***Аминҷон РАҲИМОВ,***
***донишҷӯӣ соли 2-юми факултаи молиявию иқтисодӣ***

Назарияи иқтисодӣ ҳамчун илм дар натиҷаи рушди ҷамъияти инсонӣ ба вуҷуд омадааст. Таъмини талаботи ҷомеа дар замони маҳдуд будани захираҳои иқтисодӣ зарурати омезиши ин фанро ба миён овард.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, аз самти илми иқтисод бо як суръати муайяни худ қадам ба пеш гузошта истодааст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон баромадан аз бумбасти камуникатсионӣ маълум мешавад, ки аз самти ҳолати иқтисодӣ хубтару беҳтар мебошад. Хисороти зиёди бабаровардаи нохушиҳои даврони Шӯравӣ аз назар ҳам холӣ намемонад.

Имрӯзҳо инкишофи босуръати илму техника ва масъалаи ҷаҳонишавӣ, омезиш ва дарки ҳодисаҳои иқтисодро шарти зарурии танзими равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ гардидааст, ки онҳоро танҳо назарияи иқтисодӣ шарҳ дода метавонад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистони мо низ дорои мутахасисони баландихтисоси соҳаи назарияи иқтисод, яъне олимони илми иқтисодиёти худро дорост.

Сарчашмаи пайдоиши илми иқтисодро аслан дар таълимоти мутафаккирони дунёи қадим, пеш аз ҳама Шарқи Қадим ҳамчун гаҳвораи тамаддуни башар бояд ҷӯст.

Вақте ки мамлакат дорои захираҳои бузурги иқтисодӣ ва дорои неъматҳои фаровони табиат бошад, метавон гуфт, ки ин мамлакат аз самти иқтисод ва захираҳои иқтисодӣ рӯ ба пешравӣ дорад.

## МОДАР – САРЧАШМАИ ҲАСТИИ МО

***Сомонӣ МӮСОЗОДА,***
***донишҷӯи соли 4-уми факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ***



Вақте ки мо модар мегӯем, тамоми вуҷуди моро ҳисиёте фаро мегирад, ки ин ҳиссиёт, меҳру муҳаббат, шодию сурур ва оғӯши гарми модар аст. Чунон ки медонем, вақте ки модар моро ба дунё меорад, дар оғӯшаш мегирад, ӯ тамоми ғаму ғӯсаҳои дунёро фаромӯш карда, аз чашмонаш ашк ба монанди борон мерезад. Ӯ доимо шукргузори Худованд аст, ки чунин тифли зебое ба дунё оварду зиндагиашро зебоғӣ бахшид. Ҳамин ки мо дар гаҳвора гиря мекунем, модар ба мисли фаришта ба назди мо омада, ба тамоми ҳастӣ ва садои нарму ширинаш суруди алларо замзама мекунад.

Лаҳзаҳое, ки мо дар саҳни ҳавлӣ бозӣ мекунем, модар худро хушбахтарин зани дунё шуморида, баҳри соҳибилм шудани мо камари ҳиммат мебандад. Модар тамоми кӯшишҳои худро ба харҷ медиҳад, ки фарзандаш соҳибмаълумот гашта, номбардори падару модар ва давлату миллаташ гардад. Модар он сарчашмаи ҷӯшони ҳаёт, муҳаббати беканор, нури хонадон, моҳи дурахшоне мебошад, ки бо нури муҳаббати худ шабҳои тираи моро дурахшон сохтааст.

## ҲАР ОН КАС КИ ДАР САРАШ МАҒЗ БУВАД...

***Умеда ВАФОЕВА,***
***донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика***



Воқеан ҳама шахсони оқил ва доно дар ҳама ҳолат суханҳои нек мегӯянд. Ҳама хислатҳои ҳамидаи инсонӣ дар онҳо ниҳон аст. Ҳар як амали онҳо касро ба фикр кардан водор мекунад. Ҳамеша намунаи ибрати дигарон мебошанд. Суханҳояшон дилпазир ва дилашон ҳамеша суханпазир аст. Маҳбуби дили ҳамагонанд. Бо каломи ширинашон занҷири дилҳоро ба рӯи худ во мекунанд. Дар назар умре бо онҳо будан якҷоя фарсаххо роҳ рафтан лаҳзае ҷилва мекунад. Гуле ҳастанд ки ғунчаҳои дигар аз онҳо тарзи шукуфтанро меомӯзанд. Тарзи муошırати онҳо аз дигар афроди ҷомеа ба куллӣ фарқ мекунад. Бо ахлоқи ҳамидаи худ ҳама ҷо гули сари сабатанд. Хосу ом суханҳояшонро мепазиранд ва дар зиндагӣ ба кор мебаранд. Дар ҳар куҷое, ки қадами муборакашонро мегузоранд, он ҷо дигаргуниҳои куллӣ ба амал меояд. Афсӯс, сад афсӯс, ки баъзе аз афроди ҷомеа ба қадру манзалаташон намерасанд. Ба суханҳои пандомезашон, ки сангро пора мекунад, таваҷҷӯҳе зоҳир намекунанд.

Мо насли ҷавонро мебояд, ки ҳама ганҷҳои аз ниёгонамон боқимондаро мисли гавҳараки чашм нигоҳ дорем, то рӯҳи онҳо шод бошад.

***Рафтагонро ёд мебояд кард,***
***Рӯҳашонро шод мебояд кард.***

## МУНОҶОТ БА ХУДО

***Бахтовар РАҶАБОВ,***
***донишҷӯи соли 4-уми факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ***



Худоё, маро бубахш, ки ман бандаи ту ба пастиҳои зиндагӣ тоб оварда натавониста, бароят номае менависам ва дар номаи худ аз ту хоҳиш менамоям, ки он нафареро, ки ман солҳои дароз интизори баргаштанаш ҳастам ва боқимондаи умрамро бо ӯ гузарондан мехоҳам, бароям баргардонӣ. Дигар ман аз ту ҳеҷ як сарвату моли дунёро намехоҳам, зеро ягона сарвату моли дунёи ман падарҷонам аст, ки ман солҳои дароз муҳтоҷи як дуояш ҳастам ва ба хотири ӯ шабҳои дароз бедорхобӣ мекашам.

Худоё, маро бубахш, ки дигар ман тоқати ин гуна дарду ғамро надорам, дигар ман парандаи хушхоне нестам, ки дар осмон парвоз карда, мисли булбул бисароям. Зеро болҳои ман кайҳо боз шикаста, аз парвоз боз мондаанд. Умеду орзуҳои дар дил доштаамро бошад, падарам ҳангоми тарк кардани ман бо худ бурдааст. Ягона нафаре, ки дардҳоямро дарк мекунад, умеду орзуҳоямро ба ман баргардонда метавонад, ту ҳастӣ. Аз ҳамин хотир, аз Ту хоҳиш менамоям, ки он орзуву ҳавасҳое, ки ман дар хурдсолӣ аз худ карда натавонистам, умедворам дар овони ҷавонӣ насибам гардонда, он чашмоне, ки дар ғами падар ва умеду орзуҳои ман беист гиря мекард, аз гиря кардан боз дорӣ.

Худоё, кӯмакам кун, то ин ки орзуҳои гумкарда ва падари дар хурдӣ тарккардаамро ёфта, боқимондаи умрамро дар оғӯши гарми ӯ гузаронам.

## ЁДГОРИҲОИ ТАЪРИХИРО ҲИФЗ МЕБОЯД!

***Меҳридин ЗОКИРОВ,***
***донишҷӯи соли 4-уми факултаи химия, биология ва география***



Дар Тоҷикистони азиз ёдгориҳои зиёди таърихӣ мавҷуд аст. Ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ва барои онҳоро аз сари нав эҳё кардан моро мебояд чораҳо андешем. Аксари ёдгориҳои таърихӣ аҳамияти илмию фарҳангӣ дошта, қалъаҳову аркҳои боҳашамати он аз байн рафта, ба хок яксон шудаанд.

Хушбахтона, бо шарофати истиқлол ва сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати бунёд ва эҳёи ёдгориҳои таърихӣ чораҳои зарурӣ андешида шудаанд. Имрӯз аз тарафи бостоншиносон ҷиҳати муайян намудани замон ва аҳамияти фарҳангию илмӣ доштанашон қалъаҳову шаҳрҳои валангоршуда шиносоӣ ва тадқиқ шуда истодаанд. Қариб дар тамоми шаҳру ноҳияҳо ва деҳаҳои кишварамон ин ё он ёдгории таърихиро вохӯрдан мумкин аст.

Чунон ки мо медонем, як қатор мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Миср, Хитой, Ҳиндустон ва ғайра дорои маконҳои таърихии зиёде мебошанд, ки боиси ҷалб кардани сайёҳону кишваршиносон шудаанд. Тоҷикистон низ аз чунин ёдгориҳо бой мебошад ва моро мебояд, то онҳоро ҳарчи бештар аз харобшавӣ ҳифз намуда, ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем, то ки сайёҳони хориҷиро ба кишвари худ ҷалб намоем. Дар баробари ин, мо тоҷикон дорои фарҳанги баланди меҳмондорӣ ва ҳунарҳои дастии гуногун мебошем, ки ин маданиятро мебояд ба наслҳои оянда бо тамоми хусусияташон ҳифз намоем.

Мо ҷавононро мебояд, ки ҷиҳати дастгирӣ намудани сиёсати пешгирифтаи Сарвари давлат баҳри сайқалу эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва бунёди осоишгоҳу муаррифии ҷойҳои таърихии ватанамон камари ҳиммат бандем.

## САЙЁҲӢ

НАВҚАЛАМ

*Қурбонгул САИДАКБАРОВА,*
***донишҷӯи факултаи химия, биология ва география***



**Дар солҳои сайёҳӣ,**
**Рушди ҳунар даркорӣ,**
**Омӯз ҳунар-тарроҳӣ.**
**Гар ту ҳунар мехоҳӣ.**
**Донӣ, ки ҳунар волост,**
**Дасти ҳунарманд болост.**
**Ҳар кас, ки ҳунар дорад,**
**Дасти пурсамар дорад.**
**Аз солҳои пешина,**
**Ҳунарҳои қадима.**
**Дасти ҳунармандони мо,**
**Дорад зиннати пешина.**

НАВҚАЛАМ

## СӮЗИ ОЧА

*Манучеҳр ЛАТИФОВ,*
***донишҷӯи соли 3-юми факултаи физика ва математика***



**Қоматат хам гашт аз сӯзи писар,**
**Дида пур нам гашт аз сӯзи писар.**
**Сӯхтӣ дар зиндагӣ ту рӯзу шаб,**
**Шодият ғам гашт аз сӯзи писар.**
**Ханда зи лаб дур шуд аз рафтанаш,**
**Чашми ту камнур гашт аз рафтанаш.**
**Ҳамдаме хеҷ кас нашуд бар дарди ӯ,**
**Ҳасратат пурзӯр гашт аз рафтанаш.**
**Ҳушу ёди ту ба сӯйи Достон,**
**Мезанӣ фарёд ба кӯйи Достон.**
**Аз насими гӯлҳои рӯйи дар,**
**Дар машом ояд чу бӯйи Достон.**
**Зиндагонӣ нест якранг якмаром ,**
**Сабр хоҳам аз Худо баҳрат мудом.**
**Ҷойи ту чаннат бошад Достон ,**
**Менамоям ман дуо ҳар субҳу шом.**

## БАНДАҲОИ НОШУКР

***Сомонҷон ҶУРАЕВ,***
***донишҷӯи соли 4-уми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика***



Ҳафтаи гузашта ҳангоми аз деҳа баргаштанам ба як ҳодисаи аҷиб рӯбарӯ шудам. Аз самти ноҳияи Фархор ба шаҳри Кӯлоб дар автомобили мусофиркаш моро ду марди тахминан 25-30-сола ҳамроҳӣ менамуданд. Он нафарон бо ронанда суҳбат доштанд. Ман ба сухбати онҳо гӯш андохтам. Ронанда аз онҳо пурсид?

- Шумо ба куҷо сафар доред?

Яке аз онҳо гуфт:

- Ба шаҳр рафта истодаем.

Ронанда пурсид?

- Барои чӣ меравед?

Онҳо гуфтанд:

- Барои кор кардан! Дар насиби мо кор кардан будаасту истироҳат кардан не!

Ронанда гуфт:

- Ин хел нагӯед, Худованд гуфтааст, ки ҳар кас, ки мехнат кунад, роҳаташро мебинад.

Он шахс инкор карда гуфт:

- Худованд, ки шахсро мол намедодааст, намедодааст - да!

Ронанда аз сӯҳбаташ маълум буд, ки шахси оқил ва зирак аст. Ронанда ба онҳо гуфт:

- Ман дар шаҳри Хуҷанд як шинос дорам, ки бениҳоят сарватманд аст. Барои ӯ нафаре лозим аст, ки хизматеро барояш анҷом диҳад. Ҳар кас, ки ин корро бикунад, мукофот мегирад. Он шахсон саросемавор гуфтанд, ки моро бо он кас шинос кунед, ҳар коре, ки гӯяд, иҷро мекунем.

Ронанда гуфт:

- Барои он кас кори зиёде анҷом намедиҳед. Он шиноси ман бениҳоят сарватманд аст ва духтарчае дорад, ки аз чашм маҳрум аст. Ӯ мегӯяд, ки ҳар касе, ки як чашмашро ба духтари ман дихад, ба ӯ 100 ҳазор доллар ҳадя медиҳам.

Он нафарон боз ба ҳолати оромӣ гашта гуфтанд, ки мо кор пурсидем, Шумо бошед чиҳо мегӯед? Ронанда гуфт:

- Навакак худатон нагуфтед, ки Худованд ба мо мол ва чизе надодааст. Бинед, ки як чашми Шумо 100 ҳазор доллар арзиш дорад, пас дигар узвҳои солими мову шумо чӣ қадар арзиш дорад, медонед. Худованд ба шумо ин кадар сарвати бузургро додаасту шумо бошед шукрона намекунед ва мегӯед: "Худованд ба мо сарвате надодааст".

# ДОНИШҶӮ

## НАШЪАМАНДИ – ПАДИДАИ НОМАТЛУБ



*Наврӯз ШАРИФЗОДА,*
*донишҷӯи соли 2-юми*
*факултаи физика ва математика*

Зиндагӣ мегузарад. Оне, ки ҳамқадами он намешавад, танҳо мемонад.

Нашъамандӣ чун як бемории ғайриоддӣ ба тамоми узвҳои инсон, аз қабили асаб, гурда, дил ва дигар узвҳои дарунӣ таъсир карда, беморро маҳрӯҳ мегардонад.

Имрӯзҳо касоне, ки ба нашъамандӣ даст мезананд, ниҳоят зиёданд. Аксари ҷавонони сустироди мо бо як санҷиши таъсири моводи мухаддир ба зулмоти ин амал меафтанду одат мекунанд. Онҳо шояд бо сабабҳои дур гаштан аз ғаму дард, нуқсону камбудиҳо ҳаёт ё бо сабаби ёр шудани беморӣ, шояд аз нодонӣ аз оқибатҳои он ё бо сабаби айшу роҳат ба ин амали номатлуб даст мезананд. Имрӯзҳо душвор нест дарёфт кардани нафароне, ки бе тарсу ҳарос даст ба куштору дуздӣ мезананду хиёнат ба номусу ҷоҳилиҳо мекунанд. Албатта, ин гуна шахсон бевосита истеъмолкунандагони ин моводи зараровaranд, ки зарраe аз кору кирдори кардаашон огаҳие надоранд, зеро он беҳушу беёдашон мегардонад.

Фаридуддини Аттор фармуда: "Кору кирдори ношоиста, амали номатлуб касро аз роҳи дурусти ҳаёт гардонда, ӯро рӯ ба табоҳиву безаволӣ меорад.

Албатта, ин амали номатлуб дар ягон давру замон пайдо наҳоҳад буд, пойдеворе, иморате, ки тавассути нашъаҷаллобӣ бунёд гаштааст, ноустувор ва бебақост.

Хулоса, кохи баландафрохтае, ки аз амали носазову маблағи номуроди нопок ба авҷ сар кашида, рӯзе валангор хоҳад гашт. Номуроде, ки аз пайи нашъамандист, рӯзе қурбони кӯчаи ишрат ва айши нопок гашта, рӯ ба нестӣ меоад ва пайвандони хешро шармсор мегардонад.

## МОДАРИ МЕҲРУБОНИ МАН!



*Ҷонибеки АЛИҚУЛ,*
*донишҷӯи соли 2-юми*
*факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ*

Модарҷони азизам, ту ягона зани зеботарин ва ғамхортарин дар ин дунё барои ман ҳастӣ, зеро бо дуои неки ту ман ба қуллаҳои баланди зиндагӣ баромада, ба мурoду мақсадам мудом мерасам. Эй кош бори дигар тифл мешудам аз оғӯши гарми ту дурӣ намеҷустаму аз бӯи хушат мудом маншаъ гирифта, мисли кӯдаки навзод хоб мерафтам. Модарҷони азизам, агар зарае ман озорат дода бошам, бубахшоям, зеро модарон бахшандаи хатои фарзанданд.

Модарҷони азизам, ман агар тамоми умр ба ту хизмат кунам, ба он як шаба ранҷу бедорхобиҳои кашидаат намеарзад. Модарҷони азизам, шумо меҳрубонтарин ва ғамхортарин шахсе ҳастед, ки барои ман аз ҳама чиз болотар ҳастӣ, ягона суруде, ки ман аз забони ту шунидам, ин суруди аллаест, ки ба шунидани ин суруд ман шаб то саҳар хоб мерафтам. Модар бӯят дилнавозтарин насимест, ки зимистонро ба баҳори зебо табдил медиҳад. Модарҷони азизам, медони чӣ? Он лаҳзаҳое, ки дар оғӯши гармат менозидаму меболидам, онро мисли саҳифаҳои китоб варақ ба варақ ба ёд оварда, бе ист гиря мекунам ва ҳеҷ гоҳ фаромӯшат карда наметавонам, чунки беҳтарин туҳфа аз ҷониби Худованди меҳрабон ҳастӣ.

## БАРОИ ҲАМАИ КОР ВАҚТ ЁБЕД!

*Маҳҷабин ҲУСАЙНЗОДА,*
*донишҷӯи соли 3-юми*
*факултаи филологияи рус*



-Барои кор кардан вақт ёбед! Он дари муваффақиятро боз мекунад.

-Барои фикр кардан вақт ёбед! Ин сарчашмаи нерӯст.

-Барои варзиш вақт ёбед! Сирри ҷавонӣ дар варзиш ниҳон аст.

-Барои мутолиа вақт ёбед! Он асоси дониш аст.

-Барои дӯстӣ вақт ёбед! Он асоси хушбахтист.

-Барои муҳаббат вақт ёбед! Он туҳфаи беҳтарини зиндагист.

-Барои орзу кардан вақт ёбед! Он вақт метавонед ҳатто ситораро ба даст оред.

-Барои табассум вақт ёбед! Ханда барои рафъи мушкилиҳо кӯмак мерасонад.

-Барои ҳифзи саломатӣ вақт ёбед! Он ягона дорои ҳаёт аст.

-Барои нақша кашидан вақт ёбед! Танҳо дар ин сурат барои амалӣ намудани корҳои дар боло зикршуда имкон пайдо мекунед.

## МОДАР – БЕҲТАРИН ИНСОН

*Субҳия ҲАҚЁРОВА,*
*донишҷӯи соли 2-юми*
*факултаи омӯзгорӣ*



***Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,***
***Дар зери қудуми модарон аст.***

Аё модар, туро ёд кардам, дар танҳоӣ чашм мепӯшам ва садои хандаҳоят ба гӯшам мерасад. Вақте чашм мекушоям, ин садо хомӯш мегардад, зеро ин тасаввурот аз хотиротам буд. Туро ёд кардам, модар. Чи гуна суханҳое бароят бигӯям, ки ҳозир шавӣ ва туро ба оғӯш гирам. Оҳ, модар! Чӣ қадар вазнин, чӣ қадар мушкил аст ин дурӣ аз ту модарҷон.

Модар, олиҳаи зебои манбаи меҳру муҳаббат ва раҳму шавқат буда, ҷаҳонро озодагири нафосат ва назокату малоҳати худ рӯҳи тоза мебахшад. Муҳаббати зан - модар аз рӯи он арзёбӣ мегардад, ки модар то чӣ андоза дар ҳаёти ҷомеа фаъол мебошад. Бинобар рисолати асоси мо дар он аст, ки ба қадри шири поки модарон ва ғамхории он бирасем. Хизмати модар, муҳаббат ва ранҷи ӯ ҷубронпазир мебошад, ки дар ин бобат бузургони мо чунин фармудаанд:

***Як шаба он ранҷ, ки модар кашид,***
***Бо ду ҷаҳонаш натавон баркашид.***

## МОДАР – САРЧАШМАИ ҲАЁТ

*Санавбар РАБИЕВА,*
*донишҷӯи соли 4-уми*
*факултаи омӯзгорӣ*



Модар тарбиятгари инсоният аст. Беҳтарин тӯҳфа барои ҳар як модар дидори фарзанд ва сухани неки ӯст. Ҳар нафаре, ки модари худро дӯст медорад, албатта кӯшиш мекунад, ки ҳар лаҳза аз дуои некаш баҳравар гардад. Дар ҷомеаи имрӯзаи мо ҳаст фарзандоне, ки ба қадру манзалати занону модарон намерасанд, ки ин боиси таассуф аст.

Модар шахси бузургест, ки ҳамаи мо тахти парасторӣ ва навозиши ӯ ба камол расида, сабақи одамият, инсондустӣ ва меҳрубониро низ омӯхтаем. Мо ҳар қадаре, ки дар васфи модар сухан гӯем, ҳамон қадар кам аст. Чунки модар нафарест, ки моро беғаразона ва сидқан дӯст медорад. Ҳеҷ муҳаббате қавитар аз муҳаббати модар нест.

***Замину осмони ман, туй модар, туй модар,***
***Ҷаҳони бекарони ман, туй модар, туй модар.***
***Дар ин дунё, ки бераҳмиву бемеҳрист бунёдаш,***
***Ягона меҳрубони ман тӯи модар тӯи модар.***

## АҲАМИЯТИ ЗАХИРАҲОИ ОБ ДАР РУШДИ УСТУВОР

*Манижа ПИРОВА, донишҷӯи соли 4-уми факултаи химия, биология ва география*



Дар дунё касе инкор карда наметавонад, ки об дар ҳастии инсоният дурри гаронбаҳост. Зеро об ин худи ҳаёт аст, об - ин рушд, тараққиёт, пешрафт ва об ин оянда ободу осудаи насҳои нав мебошад. Мову шумо вазифадорем, ки ба хотири амалӣ гаштани ҳамаи ин шиорҳо ҷидду ҷаҳди хешро дареғ надорем.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи 72-юми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид сухаронӣ намуда, нахуст ба Ҷаноби Мирослав Лейчак барои даъват ва ташкили чорабинии сатҳи баланд ба муносибати оғози Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018 - 2028" изҳори сипос намуданд. Ин чорабинӣ дар доираи санаи биступанҷуми баргузории Рӯзи байналмилалии захираҳои об, ки ҳар сол дар минтақаву кишварҳои мухталиф таҷлил мегардад, доир гардид. Пешвои миллат таъкид кард, ки "Ин рӯйдод аҳамияти чорабинии моро бахшида ба оғози Даҳсолаи байналмилалии амал дучанд мегардонад".

Ҳаҷми умумии об дар кураи замин 1386 млн. км3 буда, аз ин 34,65 млн. км3 ё 2,5%-и онро оби тозаи ошмиданӣ ташкил медиҳад, ки аз 3/2 ҳиссаи он дар пиряхҳо ва барфҳои бисёрсола таалуқ дошта, барои истифода дастрас аст. Аз ҳаҷми обҳое, ки дар кураи замин мавҷуд аст, танҳо 0,0002 %-и онро инсон бо мақсадҳои гуногун истифода мебаранд. Рушди устувори иқтисодии ҳар як давлат, бехатарии миллӣ, сатҳи зиндагии мардум аз истиқлолияти энергетикӣ ва истифодабарии мақсадноки энергия вобастагӣ дорад. Дар шароити гармшавии иқлим аз ҳисоби партовҳои нерӯгоҳҳои ҳароратӣ, корхонаҳои саноатӣ ва ғайра, ки боиси обшавии пиряхҳо, ба амал омадани ҳодисаҳои ноҳуши табиӣ ва биёбоншавии заминҳо гардидааст, истифодаи мақсаднок ва самараноки захираҳои гидроэнергетикӣ манфиатнок аст. Дар ҳоли ҳозир аз ҳама манбаи энергияе, ки азхудкунии дурусти он аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидавар ва аз ҷиҳати экологӣ тоза, ин энергияи барқароршавандаи захираҳои обӣ мебошад. 98%-и барқи истеҳсолшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби нерӯгоҳҳои барқи обӣ мебошад. Аз ҳамин лиҳоз ҷумҳурӣ дар қатори 8 давлати пешқадами истеҳсолкунандаи энергияи сабз, яъне аз ҷиҳати экологӣ тоза ҷои намоёнро ишғол мекунад.

***Аз сарвари мо чунин хитоб аст,***
***Сарчашмаи зиндагони об аст.***

## РУБОЁТ

НАВҚАЛАМ

*Шоҳмансур РАБИЕВ,*
*донишҷӯи соли 2-юми*
*факултаи филологияи рус*



Гумон кардам ҳамеша ёри ман аст,
Дар ин олам гули беҳори ман аст.
Вале он фитнаҳои бемурувват,
Бубин, ки аз пайи озори ман аст.

Аё, эй дилбари ҷононаи ман,
Марав аз ман машав бегонаи ман.
Аё, эй роҳнамову ғамхорам,
Ба васфи ту бувад ин ашъорам.

Ишқ як оташест ту гар бидонӣ,
Ки месӯзӣ ту дар айни ҷавонӣ.
Макун ту ин қадар ситам ба ҷонат,
Бубин, ки рафт умри ҷавонат.

## УСТОДИ АВВАЛИНИ МАН



*Шоҳрух НИЯЗОВ,*
*донишҷӯи соли 2-юми*
*факултаи филологияи хориҷӣ*

Агар барои кабои сабз ба бар намудани замин баҳор лозим бошад, пас барои сабз гаштани таманнои инсон устод рамзи баҳор аст. Оре, бе устод кас наметавонад аз доираи тафаккури маҳдуд берун гашта, оламу одамро дарк намояд. Дар ин маврид шоир гуфтааст:

***Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,***
***Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд.***

Аз қадим бузургони илму адаб ба устод эҳтироми хоса доштa, дар мавриди зарурат ба ин шахсияти беназир муроҷиат мекарданд. Онҳо дар симои устод шахси донишманду фозил ва равшанзамиру барнодилро медиданд. Чӣ тавре ки ба шумо маълум аст, ҳама устоди аввалин дорад. Симои устоди аввалин ҳеҷ вақт аз хотираи шахс гум намешавад. Вақте ки номи устоди аввалин ба забони шахс меояд, вай онест, ки ба кас хату савод омӯхта, дари бахту саодатро боз мекунад. Дар таълиму тарбияи шахс устод нақши муҳимро мебозад.

Устоди аввалини мо модар мебошад. Чунон ки модар бо суханҳои хубу ширин кӯдакро ба олам шинос мекунад ва устоди дигар ин худ зиндагист, ки касро ба баду неки ҷаҳони фонӣ ошно месозад. Омӯзгор он шахсияти бузург ва нотакрорест, ки ба чароғи ақл оламии фикрии моро равшан намуда, дунёи пурасрори илмро муаррифӣ мекунад. Ҳама парвардаи оғӯши биҳиштосои омӯзгоранд.

## БА НАВРАСОН ЭЪТИБОРИ ҶИДДӢ БОЯД ДОД!

*Дилшоди БУРИХОН,*
*донишҷӯи соли 2-юми*
*факултаи филологияи хориҷӣ*



Имрӯзҳо мушоҳидаҳо зиёданд, ки ноболиғон дар кӯчаву хиёбонҳо бесарпанҳо гаштугузор мекунанд. Ҳатто ба корҳои ғайриқонунӣ даст мезананд, аз қабили дуздӣ, роҳзанӣ, тамокукашӣ ва нӯшидани шароб ва ғайраҳо. Аз корҳои онҳо волидайнашон магар хабар надоранд, ки оё фарзандҳояшон ба чӣ корҳо машғуланд, ё ин ки фарзандҳояшон ба онҳо гӯш намедиҳанд? Оҳир чаро ноболиғон ба ин корҳо даст мезананд, бо вуҷуди ин ки имрӯзҳо дар давлати мо тамоми шароит барои наврасон муҳаё аст?

Ин ҳама қонунвайронкуниҳое, ки аз тарафи ноболиғон сар мезананд, аз беаҳмиятии волидайни онҳост. Имрӯзҳо падару модарон ба тарбияи фарзандҳояшон кӯшиш намекунанд, дар ин бора беаҳмияти зоҳир мекунанд. Ҳатто панҷ дақиқа барои тарбияи фарзандашон вақт ҷудо намекунанд. Фақат дар фикри кору пулу молу сарватанд, на ин ки дар фикри фарзанд! Маҳз ҳамин сабаб мешавад, ки фарзандҳояшон ба беҳрозагардиву ба корҳои ғайриқонунӣ даст мезананд. Ҳайфи ин гуна волидайн, ки ба тарбияи фарзандон машғул намешаванд. Дар ин хусус Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфтааст: "Давлате, ки ба насли наврасӣ худ аҳамият намедиҳад, оянда надорад."

## САЛОМ, ИШҚИ БЕҲАМТОЯМ!

*Марҳабо НУСРАТУЛЛОЕВА,*
*донишҷӯи соли 3-юми факултаи омӯзгорӣ*



Вақте ки аз хоби нози субҳгоҳӣ бармехезам, фикру хаёлам дар туст. Дилам фақат бо ёди ту метапад. Чашмамро мекушоям, ки боз субҳи нав расидааст ва шукр мегӯяму меҳоҳам, ки бо ту зуд ҳамсуҳбат шавам, ишқи беҳматоям. Бидуни ту дунё бароям маънее надорад. Ишқатро чунон дар вуҷудам парвардаам, ки ҳар ҷо ки бошам, фикрам бо ту машғул мешавад. Ҳар вақте ки туро ёд мекунам, тапиши дилам зиёд мешавад, зи чашмонам ашк ҷорӣ мешавад. Дар ин дунё ба ҷуз ишқи ту ишқи дигаре надорам, ВАТАН. Танҳо ишқи туро мепарастам, ТОҶИКИСТОН.

# АҲРОМҲОИ МИСРРО МАВҶУДОТИ ДИГАР САЙЁРА СОХТААНД?

Медонед, ки дар дохили ҳарам (пирамида)-ҳои Миср фиръавнҳо, яъне шоҳони Мисри Қадим дафн гардиданд? Медонед, ки то ҳол олимон натавонистаанд, чӣ гуна сохта шудани онҳоро муайян намоянд? Медонед, ки муҳаққиқоне ки ҳарамҳои Мисрро таҳқиқ кардаанд, бар асари бемории саратон фавтидаанд? Ин ва чанд далели ҷолибро дар бораи пирамидаҳои бузурги Миср барои хонандагон гирд овардем.

1. Ҳарамҳои Миср дар гуристони Ҷиза, наздикии шаҳри Қоҳираи Миср ҷойгир шуда, ҳудуди зиёдеро ишғол кардаанд. Тарҳи онҳоро муҳандис ва табиби машҳури ҳамонвақтаи Миср Имхотеп кашида, ба сохтанаш шурӯъ намудааст.



2. Ҳарами Ҷузира дар биёбони Сакара қадимтарин ба шумор меравад. Бузургтарин аҳром Хеопс, Хефрейн ва Микорейн мебошанд. Ғайр аз ин, дар ин ҷо 140 ҳарами нисбатан хурди дигар мавҷуд аст. Баландии Хеопс аввали мавҷудияташ 146 метр будааст, ва бар асари фурӯравӣ ҳоло 138 метрро ташкил медиҳад. Хеопс аз 2 миллиону 300 ҳазор хишти сангин иборат мебошад. Соли 1371 он баландтарин бино ба ҳисоб мерафт.

3. Ҳар як ҳарам таърихи аз 4-10 ҳазорсоларо дошта, ҳар як хишти онҳо аз 2 то 50 тоннаро ташкил медиҳад. То ҳол муайян нашудааст, ки ин хиштҳо бо чӣ сохта шудаанд, зеро дар муқоиса бо санги муқаррарӣ сахтару устувортаранд. Биноҳо, бурҷҳо ва шаҳрҳои зиёде дар давоми ин солҳо харобу несту нобуд гардидаанд, вале ин ҳарамҳо то ҳол побарҷоянд.

4. Олимони зиёде барои омӯзиши асрори пирамидаҳо ҷони худро бохтаанд. Дар вақти санҷиши мумиёи ҷасади фиръавнҳо 12 муҳаққиқ дар вақтҳои гуногун аз бемории саратон мефавтанд.

5. Миср гармои шадидро дорост вале ҳарорат дохили ин ҳарамҳо муътадил аст.

6. Дар назди ҳарамҳо ҳайкали азимҷуссаи паланге сохта шудааст. Сари он шакли сари инсонро дошта, ҷисми боқимондааш паланг мебошад. Он Сфинкс ном дошта, намунаи олии санъати ҳайкалтарошист. Мисриён чунин мепиндоштаанд, ки Сфинкс аҳромро посбонӣ мекунад. Олимон иброз медоранд, ки он бо даст сохта нашудааст, зеро ҳар ду бари рӯйи Сфинкс як андозаро дошта, ягон хатое дар он мушоҳида намегардад. Инчунин тарошидани метали он кори дастӣ буда наметавонад. Ин дар ҳолест, ки он замон асбоби хуби ҳайкалтарошӣ вуҷуд надошт.

7. Бисёриҳо мепиндоштанд, ки барои бунёди аҳром аз қувваи кории ғуломону зиндониён истифода бурдаанд, вале олимон иброз медоранд, ки онҳоро мутахассисони баландтаҷриба сохтаанд. Барзе инсонҳо кори инсон будани онро зери суол бурда гуфтаанд, ки ба далели мавҷуд набудани техникаи зарурӣ баҳри сохтани ҳарамҳо аз қувваи ҷодуӣ ва ё мавҷудоти дигар сайёра истифода шудааст.

***https://navju.tj***

# "ЭВРИКА!" - НИДОИ ДОСТОНИИ АРХИМЕД

"Эврика!" - нидои достонии Архимед мебошад, ки ҳангоми кашфи қонуни гидростатикӣ аз ҷониби ӯ садо дода буд. Баъдтар ин мафҳум оммавӣ гашта, барои изҳор доштани шодмонӣ ҳангоми ҳалли масоили мушкил истифода мешуд ва ҳоло ҳам истифода мешавад.

Тибқи ривоятҳо, подшоҳи сиракузӣ Гиерон заргари худро барои қаллобӣ дар сохтани тоҷи зарринаш гумонбар меҳисобид.

Зимнан, ӯ хеши худ Архимедро вобаста намуд, то дар фурсати кӯтоҳ сирри ин қаллобиро кушояд ва исбот созад, ки ҳангоми сохтани тоҷ дар он аз миқдори зарурӣ дида бештар аз нуқра истифода шудааст. Муддати тӯлонӣ Архимед барои кушодани ин сир фикр мекард, ки ниҳоят ба таври ғайриинтизор ҳангоми оббозӣ қонуни гидростатикии худро кашф намуд.

Аз шодмонии худ Архимед ба чунин ҳайрату ҳаяҷон омад, ки аз ҳаммомхона урён бо нидои "Эврика!" ба хонааш давида, бори нахуст барои санҷиши ин назарияи худ пардохт, ки дар оянда он исбот шуд.

Ҳамчунин, мафҳуми "Эврика!" шиори расмии Иёлоти Калифорнияи ИМА мебошад.

***Манбаъ: https://ru.wikipedia.org***

*Шиносномаи шаҳрванди олам - ин ҳуҷҷате мебошад, ки аз ҷониби Ҳукумати умумиҷаҳонии шаҳрвандони олам (англисӣ World Service Authority (WSA)) дода мешавад. Ин созмони ғайритиҷоратиест, ки соли 1953 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ташкил ёфтааст.*

# ШИНОСНОМАИ ШАҲРВАНДИ ОЛАМ

Идораҳои асосии ин созмон дар шаҳрҳои Вашингтон ва Шанхай ҷойгиранд. Соли 1948, нахустин маротиба ҳунарпешаи синамо, Гарри Дэвис аз шаҳрвандии амрикоии худ даст кашида, дар Париж дафтари бақайдгирӣ (регистр)-и умумиҷаҳонии шаҳрвандони оламро таъсис дод. Солҳои 1948-1952 ин созмон тахминан ба миллион нафар шиносномаи дахлдори худро супурд. Соли 1953 Дэвис ва ҷонибдорони ӯ Созмони умумиҷаҳонии шаҳрвандони олам ва соле пас аз он ташкилоти World Service Authority - Дастгоҳи иҷроияи ҳукумати умумиҷаҳониро таъсис доданд. Вазифаи аслии ин ташкилот таъмини равуои озодонаи шаҳрвандон дар ҳама минтақаҳои олам мебошад. Шиносномаи шаҳрванди оламро ба таври расмӣ шаш давлат шинохтаанд: Буркина Фасо, Эквадор, Танзания, Мавритания, Того ва Замбия.




Шиносномаи шаҳрванди олам - ҳуҷҷати расмие мебошад, ки аз сӣ саҳифа иборат буда, муқоваш ранги кабуд дорад. Шиносанома бо ҳафт забон: англисӣ, фаронсавӣ, испанӣ, русӣ, арабӣ, хитоӣ ва забони эсперанто таҳия ва нашр мешавад. Чор саҳифаи аввали шиноснома барои маълумот оид ба шахси дорандаи ин шиноснома ва боқимонда саҳифаҳояш бошанд, барои раводидҳо (виза) пешбинӣ шудаанд.

Ҳукумати умумиҷаҳонӣ кафили он нест, ки шиносномаи шаҳрвандии оламро ҳама давлатҳо қабул мекунанд. Ҳатто огоҳӣ ҳам медиҳад, ки дар баъзе аз давлатҳои олам ин ҳуҷҷат новобаста аз оне, ки тафтишгар ваколатдори давлатист ё гумрукчӣ ба таври расмӣ шинохта намешавад. Ин давлаҳо Канада, Фаронса, Олмон, Швейтсария, Британияи Кабир ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мебошанд. Новобаста ба ин, дар сомонаи расмии ин созмон хабаре мавҷуд аст, ки дар он оид ба 174 мамлакати рӯи олам сухан меравад, ки ҳангоми воридшавӣ ва хориҷшавии марзии шаҳрвандон ба шиносномаҳои шаҳрвандони олам ҳадди ақал як маротиба ҳам мӯҳр гузоштаанд.

Чунин шиноснома аз ҷониби Ҳукумати умумиҷаҳонии шаҳрвандони олам бо мӯҳлатҳои се, панҷ ва ҳафт сол барои тамоми хоҳишмандон дода мешавад. Расман, шиносномаи шаҳрванди олам аз 45 то 100 доллари амрикоӣ арзиш дорад. Тахминан ҳамаи одамон имкон доранд, ки соҳиби шиносномаи ҷаҳонӣ шаванд. Барои ин ёрии ягон восита ё худ миёнаравҳо лозим намешавад. Фақат кифоя аст, ки ба таври мустақим ба худи идораи марказии ин созмон муроҷиат кард ва аз онҳо анкета-ариза ва феҳристи тамоми ҳуҷҷатҳои лозимаро дархост намуд. Маълумоти ҳар нафаре, ки бо дархост барои гирифтани ин ҳуҷҷат ворид мегардад, бевосита ба Интерпол (пулиси байналмилалӣ) интиқол ёфта, аз ҷониби кормандони ин ниҳод ба таври амиқ омӯхта мешаванд. Барои санҷиш ба бақайдгирии ҳуҷҷатҳо тибқи қоида аз як моҳ бештар вақт сарф мешавад.

Афроди машҳуре, ки дорандаи шиносномаи шаҳрванди олам ҳастанд, инҳоянд: Опра Уинфри - баррандаи телевизиони Амрико, Эдвард Сноуден - корманди собиқи Агении бехатарии миллии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Барак Обама - 44-умин Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико.

**Сарчашма: маводи озоди Интернетӣ аз донишномаи Википедия**

***Таҳияи Шодӣ Муродов,***
***Murodiyon/wordpress.com***




# АКСҲОИ ГӮЁ





## ҒОЛИБИ КРОССВОРД МУАЙЯН ШУД!

Ба кроссворди шумораи гузашта 4 нафар хонанда ҷавоб пешниҳод кард: Амиров Файзуллохуҷа (28.09.2019, соати 08:00, 2 хато), Маҳмадиева Фароғат (28.09.2019, соати 08:02, бехато), Мадасани Азизмад (28.09.2019, соати 14:58, 3 хато) ва Назаров Исмоил (02.10.2019, соати 09:50, 8 хато)

Чунон ки аз таърихи рӯз ва соатҳои пешниҳоди ҷавобҳо мебинед, Маҳмадиева Фароғат кроссвордро бо ҷавобҳои дуруст пеш аз ҳама пешниҳод кардааст. Ғолиб Маҳмадиева Фароғат мебошад!

Хонандае, ки ҷавобҳои худро аз назар гузаронидан мехоҳад, метавонад ба идораи рӯзнома ташриф биоварад. Мӯҳлати қабули ҷавобҳои кроссворди мазкур то 25.10.2019 муайян шудааст.

Давлати бо Украина ҳамсарҳад
Саховатманд, кушодадаст
Шогирд
Худпарастӣ
Жанри адабии «Лайлӣ ва Маҷнун»
Нури офтоб
Кӯчаи хурд
Лаълии паррон (русӣ)






Коркуни таваллудхона
Ношинос
Узви ҷуфт дар сар
Мамлакат дар нимҷазираи Арабистон
Парранда, дар шаҳр зиёд аст
Мошоба бо хамири бурида
Сихи хӯшаи гандум
Кишвари сераҳолитарин
Ҳарфи алифбои арабӣ
Панҷара дар кинескоп ё чопи суратҳо дар матбаа
Рақси қадимаи мардонаи тоҷикӣ
Қаср, боргоҳ
Хӯроки чорво
Кризис
Номи қадимаи Тошканд
Сурати пайғамбарону авлиёҳои насронӣ
Равияи замонавии мусиқӣ
Замини корами ҳавлӣ
Дарё дар Япония
Артиши баҳрӣ
Тӯй, арӯсӣ
Дарё дар Украина
Тӯдаи ҳар чиз
Гулӯгоҳи байни баҳрҳои Сиёҳ ва Мармарин
Дав ба 100 ё 200 м
Гармӣ
Давлати қадимаи Чин
Воҳиди информатсия
Худро ҳақ шумурдан
Ҷазира дар Ирландия
Тӯйи ду навҷавон
Халқият дар Озарбойҷон
Авлодӣ, меросӣ
Арақи ҷопонӣ
Шабакаи телевизионии Русия
Найнавоз дар ансамбл
Ятимонда
Иблис дар Библия
Узви нафаскашӣ
«... шогирде ба ҳайрат орад устодро»
Қоли аз чашм боло
Китоби рекордҳои ...
Номи моҳичаи мултфилм
Нӯги овезони салла
Қонунҳои мазҳабӣ
Иғвоангез
Оташ
Зоҳид
Як ҷазираи Индонезия
Назар, нигоҳ
Як навъ алафи аҷириқмонанд
Чойи задухӯрди русҳо бо Наполеон
Дарёи калон ва давлат дар Африқо
Маркази кайҳонии ИМА
Меваи ширин
Ҳилла
Матои зери пои арӯсу домод
Шиферш, клей
Ҷамъ, якҷо чинда мондагӣ
Нигина ..., сарояндаи тоҷик






**Ҷавобҳои кроссворди шумораи № 12 (294) аз 26.09.2019**

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | П | А | Р | Р | А | Н | Д | А | | Э | Р | К | А | Е | В | А | | |
| Ф | | | | | | | | А | | | М | | | | | | | | Н |
| А | | | | | | | Ч | У | М | Ч | У | Қ | | | | | | | А |
| Л | | | | | | | А | | | И | | А | | | | | | | Х |
| С | | | | | | | Д | У | Э | Л | | Ф | | | | | | | У |
| А | | | | | | | | Р | | Ч | О | Қ | | | | | | | С |
| Ф | | | | | | | | У | К | А | | О | | | | | | | Т |
| А | М | С | Т | Е | Р | Д | А | М | | Р | У | З | А | | | | Қ | О | Ф |
| | У | | О | | А | | | Ч | А | О | | | Т | И | К | К | А | | А |
| | Р | | Б | | С | Е | Р | И | | Ғ | И | Р | Е | В | | | С | А | Р |
| М | И | Н | А | Е | В | | | | | | | | | А | С | Н | О | | З |
| | | Е | | | О | | | | | | | | | | А | | С | П | А |
| В | А | К | И | Л | И | | | | | | | | | А | Г | А | | | Н |
| Л | | Н | | А | | | | | | | | | | Ш | | Ҷ | И | Л | Д |
| А | | О | | И | | | | | | | | | | А | Р | З | | А | |
| Д | О | М | А | Н | А | | | | | | | | | | А | | | В | |
| И | | | | | Г | | | | | | | | | А | Ҳ | Ё | Н | А | Н |
| М | Е | Л | | Т | А | У | Э | Р | | Н | А | В | О | | | Қ | | | А |
| И | | Ю | | | В | | Н | | Э | | Н | | С | | | У | Р | Д | У |
| Р | | К | А | Б | А | Р | Е | | Т | А | Ш | К | И | Л | О | Т | | | З |
| О | | | | | | | Р | У | И | | Л | | | | | | | | У |
| В | | | | | | | Г | | Л | | А | | | | | | | | Б |
| И | | | | | | | Е | | | А | Г | И | | | | | | | И |
| Ч | | | | | | | Т | В | Е | Н | | З | | | | | | | Л |
| | | | | | | | И | | | Ҷ | А | З | | | | | | | Л |
| | | | | | | | К | И | Т | О | | А | | | | | | | О |
| П | А | Д | А | Р | О | Н | А | | | М | У | Т | А | В | А | Ҷ | Ҷ | Е | Ҳ |

## ДИҚҚАТ!

**ХОНАНДАЕ, КИ ПЕШ АЗ ҲАМА КРОССВОРДРО БЕХАТО ПУР КАРДА, БА ИДОРАИ РӮЗНОМА ПЕШНИҲОД МЕКУНАД, БО МУКОФОТИ ПУЛӢ ДАР ҲАҶМИ 200 СОМОНӢ ҚАДРДОНӢ КАРДА МЕШАВАД.**



Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат
Эмомалӣ Раҳмон:

**Забони тоҷикӣ бо дарназардошти собиқаи тӯлонии таърихӣ ва захираи бузурги луғавӣ ва дар мақоми забони давлатӣ дар асри ҷаҳонишавӣ низ метавонад иқтидори пешинаи худро ҳифз намояд.**

www.khovar.tj

# 3 ПАЙҒОМ ДАР 2 РӮЗ



Рӯзи 4-уми октиябри соли 2019 саромӯзгор, мудири кафедраи математика ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ДАВЛАТБЕКОВ АКИМБЕК АВАЛБЕКОВИЧ дар мавзӯи "Автоморфизмы эндоморфизмы и конгруэнции обобщенных линейных квазигрупп" аз рӯи ихтисоси 01.01.06.-Мантиқи математика, алгебра ва назарияи ададҳо зери роҳбарии доктори илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ Абдулло Ҳабибулло рисолаи номзадиашро бо муваффақият дифоъ намуд.

XXXX



Санаи 5-уми октябри соли 2019 саромӯзгори кафедраи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ АКБАРОВА МАҲРАМБӢ НУСРАТУЛЛОЕВНА дар мавзӯи "Методикаи истифодаи техналогияи иттилоотӣ - иртиботӣ ҳамчун омили рушди зеҳнии хонандагон зимни таълими математика" аз рӯи ихтисоси 13.00.01-Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (Математика) (Илмҳои педагогӣ) зери роҳбарии доктори илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ Абдулло Ҳабибулло рисолаи номзадиашро бо муваффақият дифоъ намуд.

XXXX



Таърихи 5-уми октябри соли 2019 саромӯзгори кафедраи математика ва методикаи таълими он НИЁЗОВ ҶОНМАҲМАД МУРОДОВИЧ дар мавзӯи "Махсусияти педагогии ташкил ва амаликунонии таълими тафриқавӣ дар муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" аз рӯи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (Математика) (Илмҳои педагогӣ) зери роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шарифзода Ҷумъа Шариф рисолаи номзадиашро бо муваффақият дифоъ намуд.

Раёсати Донишгоҳ ба муҳаққиқон ва роҳбарони илмиашон ин комёбиро сидқан таҳният гуфта, дар корҳои минбаъдаи илмӣ-тадқиқотиашон бурдбориҳо таманно менамояд.

# СОЛРӮЗ ХУҶАСТА БОД!

*Маъмурият, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи "Анвори дониш" омӯзгорон ва кормандони зерини донишгоҳро, ки моҳи октябри солиёни гуногун таваллуд шудаанд, табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани неруманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно доранд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ БАХТ ва ХИЗР кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама саросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!*

*Бигузор дар умратон баракат ва дар касбатон муваффқият пайваста амалӣ гардад.*

1. ХОЛИҚОВ САФАР, 01.10.1957, номзади илмҳои химия, дотсент, ноиби ректор оид ба таълим;
2. ЗАРИФЗОДА ФАРИШТА, 01.10.1978, ассистенти кафедраи химия ва биология;
3. ЧОЛОВА САОДАТ, 02.10.1989, ассистенти кафедраи химия ва биология (30-солагӣ муборак бошад!);
4. УРОҚОВ МИРЗОМУРОД, 03.10.1982, ассистенти кафедраи химия ва биология;
5. ҶУРАЕВ КУЛОБӢ, 03.10.1955, саромӯзгори кафедраи математика ва методикаи таълими он;
6. НОСИРОВ ХОЛ, 05.10.1946, саромӯзгори кафедраи таърихи умумӣ ва методикаи таълими таърих;
7. ЗАРДОВ ҶУМЪА, 06.10.1963, саромӯзгори кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;
8. ФАРЗОНАИ ИЗЗАТ, 06.10.1989, фаррош (30-солагӣ муборак бошад!);
9. ГУЛМАДОВА УМЕДА, 07.10.1983, ассистенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ;
10. МАХСИДДИНОВ БАХТОВАР, 08.10.1989, ассистенти кафедраи илмҳои компютерӣ (30-солагӣ муборак бошад!);
11. АШӮРОВА САОДАТ, 08.10.1981, ассистенти кафедраи илмҳои компютерӣ;
12. ДАВЛАТОВА РАЪНО, 09.10.1960, ассистенти кафедраи забон ва адабиёти рус;
13. ҲАКИМОВ АБДУРАЗЗОҚ, 10.10.1984, ҷонишини декан оид ба таълими факултаи иқтисод ва идора (35-солагӣ муборак бошад!);
14. МИРЗОЕВА МАЛОҲАТ, 10.10.1988, ассистенти кафедраи математика ва методикаи таълими он;
15. ШОИРАИ БОБО, 10.10.1992, танзимгари кафедраи сиёсатшиносӣ;
16. БОРОНОВА ҶАМИЛА, 11.10.1976, фаррош;
17. БОБОЕВА БИБИРАЪНО, 11.10.1976, фаррош;
18. МУРОДОВ РАВШАН, 12.10.1964, ассистенти кафедраи забони ҳозираи рус (55-солагӣ муборак бошад!);
19. БОБОЕВ АЪЗАМ, 12.10.1991, ҷонишини декан оид ба тарбияи факултаи филологияи хориҷӣ;
20. ҚУРБОНОВ НЕКРӮЗ, 13.10.1992, ассистенти кафедраи иқтисод ва идора;
21. БАРОТОВ ҶУМАХОН, 13.10.1957, номзади илмҳои география, мудири кафедраи география ва туризм;
22. МОҲИРАИ ҶУРАХОН, 13.10.1991, ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва идора;
23. ФАЙЗУЛЛОЕВА ФИРӮЗАМО, 14.10.1965, номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони русӣ;
24. ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО, 15.10.1946, доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа;
25. НАБИЕВА САВЛАТ, 16.10.1962, мудири кабинети кафедраи педагогика;
26. САИДОВА ИЗЗАТМО, 18.10.1963, лаборанти калони кафедраи адабиёти рус ва хориҷӣ бо МТЗАР;
27. ШОИМАРДОНОВ ХАЙРУЛЛО, 18.10.1987, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;
28. МУРОДОВ ТЕМУР, 19.10.1958, номзади илмҳои сиёсӣ, саромӯзгори кафедраи сиёсатшиносӣ;
29. САФАРЗОДА МАНУЧЕҲР, 19.10.1979, декани факултаи филологияи тоҷик ва журналистика (40-солагӣ муборак бошад!);
30. НЕЪМАТОВА НАРГИС, 20.10.1978, коргузори кафедраи иқтисод ва идора;
31. АФИЗОВ СӮҲРОБ, 21.10.1988, ассистенти кафедраи илмҳои компютерӣ;
32. САТТОРОВ ҚОБИҶОН, 21.10.1992, мутахассиси Маркази бақайдгирӣ ва иттилоотии НКТ;
33. БОБОЕВ ДИЛШОД, 21.10.1972, ассистенти кафедраи таърих ва ҳуқуқ;
34. КОМИЛОВ НИЗОМИДДИН, 23.10.1984, саромӯзгори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва молия (35-солагӣ муборак бошад!);
35. САЙДАЛИЕВА ФОТИМА, 23.10.1988, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ ва методикаи таълими он;
36. ШАРИПОВ ФАРИДДУН, 23.10.1961, ҳамкор, доктори илмҳои педагогӣ, прафесори кафедраи илмҳои компютерӣ;
37. САЙДАЛИЕВА ЗУҲРО, 23.10.1988, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ;
38. САЙДАЛИЕВА ФОТИМА, 23.10.1988, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ;
39. ДАМИНОВА ХАТИЧАМО, 24.10.1966, ассистенти кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ;
40. ҶУМАЕВА ДИЛОРОМ, 24.10.1985, ассистенти кафедраи забон ва адабиёти рус;
41. САЙДАЛИЕВА МАЪРИФАТ, 25.10.1990, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ ва методикаи таълими он;
42. ОДИНАЕВА ГАДОЙБӢ, 28.10.1964, танзимгари факултаи физика ва математика (55-солагӣ муборак бошад!);
43. БОБОЕВ ЁРМУҲАММАД, 28.10.1982, ассистенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ;
44. ПИРНАЗАРОВ ЭМОМНАЗАР, 28.10.1969, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносӣ (50-солагӣ муборак бошад!);
45. БОЗОРОВА МАВЗУНА, 28.10.1985, фаррош;
46. БАЖОВА МАЛИКА, 29.10.1972, саромӯзгори кафедраи таҳлили математика ва назарияи функсияҳо;
47. ЮЛДОШЕВА ҶАМИЛА, 30.10.1973, ҳамкор, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ;
48. МУРОДОВА САОДАТ, 31.10.1960, ассистенти кафедраи физика, методикаи таълими он ва технологияи маводҳо;
49. МУРОДОВА ХОСИЯТ, 31.10.1968, фаррош;
50. ШАРИФОВА МАЙСАРА, 31.10.1963, фаррош.

ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДИ

АНВОРИ ДОНИШ

МУАССИС:
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**АБДУЛЛО ҲАБИБУЛЛО,** доктори илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

**КАРИМОВ САМАРИДДИН,** доктори илмҳои химия, профессор, узви пайвастаи АМТ

**ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО,** доктори илмҳои фалсафа, профессор

**ҶУМЪАХОН АЛИМӢ,** доктори илмҳои филологӣ, профессор

**ХОЛИҚОВ САФАР,** номзади илмҳои химия

**ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ,** номзади илмҳои филологӣ, дотсент

**ҒУЛОМОВ ИСЛОМ,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор

**АБДУЛЛОЕВ МАХМУД,** доктори илмҳои таърих, профессор

**МИРЗОЕВ САЛИМ,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор

**ЗАФАР МИРЗОЁН,** ховаршинос, профессори фахрии донишгоҳ

САРМУҲАРРИР:
ҶАҲОНГИР РУСТАМШО

КОТИБИ МАСЪУЛ:
ГАДОМАД ЗУЛФИЕВ

САҲИФАБАНД:
МУНИСА КАРИМОВА

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома маҳсуб намешавад. Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.

Рӯзнома дар ҶДДМ "Мега-принт" ба табъ расидааст.
Адади нашр 5000

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №030/РЗ-97, 30.08.2017 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Маводҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд.
Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНӢ:
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: корӣ: (83322) 3- 31- 15,
мобилӣ: 985-16-75-69; 981-00-02-19